# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

# ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
# ЮРИДИЧЕСКИЙ ФАКУЛЬТЕТ

***Ба истиқболи ҷашни 25-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад***

## *Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI–Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ»*

## *Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Роль судьбоносной XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в укреплении национальной государственности и развития законодательства»*

**Душанбе**
**10.11.2017**

**ББК Тадж:342**
**УДК 001+34**

**Ҳайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**
**Раҳмон Д.С., Диноршоев А.М., Абдуллоев П.С., Саидов Ҳ.М.**

**Муҳаррири масъул:**
**Ответственный редактор**
**Раҳмон Д.С.**

***Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI–Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» // зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2017. – 191 саҳ.***

***Материалы Республиканской научно-практической конференции на тему: «Роль судьбоносной XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в укреплении национальной государственности и развития законодательства» // под редакцией к.ю.н., доцента Рахмон Д.С. – Душанбе, 2017. – 191 с.***

Дар маҷмӯаи мазкур маъruзаҳо ва мақолаҳои илмии иштирокчиёни конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи такдирсози XVI–Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» оид ба ташаккули низоми ҳуқуқӣ ва устувории сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои мубрами эъмори давлати демократӣ, хуқуқбунёд ва дунявӣ, инчунин танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва густариши муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун самараи Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд.

Маводҳои маҷмӯа ба донишҷӯён, аспирантон, олимон ва омӯзгорон тавсия карда мешавад.

Ҳайати таҳририя барои мазмуни мақолаҳо масъулият надорад.

**© Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

| | | |
|---|---|---|
| ПЕШГУФТОР | | 6 |
| Маҷидзода Ҷ. З. | НАҚШИ ТАЪРИХИЮ ҲУҚУҚИИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОХТМОНИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН | 8 |
| Диноршоев А. М.<br>Сулаймонов М. С. | РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ XVI СЕССИИ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ФОРМИРОВАНИЯ ИНСТИТУТА ПРЕЗИДЕНТСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ | 16 |
| Искандаров З.Х. | ҲУҚУҚИ ИНСОН: ЭЪТИРОФИ ҲУВВИЯТИ ОЗОДИХОҲӢ ВА СУЛҲУ ОСУДАГИИ МАРДУМИ КИШВАР ДАР ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 20 |
| Маҳмадов С.А.<br>Шоинов Ҳ. | ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: СИПАРИ СУЛҲУ СУБОТИ КИШВАР | 23 |
| Ҷамолзода С.С. | ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАРТАВИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН | 26 |
| Холмуҳаммадзода А. Х. | ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН САРЧАШМАИ ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН | 30 |
| Сангинов Д. Ш. | НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ | 33 |
| Шарифзода Ш.М. | АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 37 |
| Маҳмудов И.Т.<br>Абдуллоев Н.А. | АҲАМИЯТИ ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ | 44 |
| Саидов Ҳ.М. | НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОБ | 52 |
| Асрорзода З. | НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ | 56 |
| Муродзода Б.Р. | ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ КИШВАР ДАР ПАРТАВИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН: ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТӢ ДАР ЗАМИНАИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН | 59 |
| Мирзоев А.М. | НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОБӢ | 62 |
| Қурбонализода Н.Ш. | ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI – ЗАМИНАИ | 66 |

| | | |
|---|---|---|
| | **АСОСИИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН** | |
| **Исматзода Р.** | **НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ** | **69** |
| **Раҷабов С.А.** | **ТАШАККУЛЁБИИ ДОКТРИНАҲОИ ИСТИФОДАИ МУШТАРАКИ ОБҲОИ ФАРОСАРҲАДӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУОСИР** | **74** |
| **Диноршоев А. М.**<br>**Сафарзода Н. Р.** | **ПОРЯДОК ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ СУДЕБНОЙ ЗАЩИТЫ ИЗБИРАТЕЛЬНЫХ ПРАВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН** | **83** |
| **Салохидинова С.М.** | **ПРАВО НА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И ЕГО РЕАЛИЗАЦИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН** | **89** |
| **Сафаров Д.С.** | **СФЕРА ДЕЙСТВИЯ ИТОГОВЫХ РЕШЕНИЙ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА И ИХ ОСОБЕННОСТЬ** | **93** |
| **Саиданваров Қ. Ҷ.** | **ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ МУАЙЯНКУНИИ МАҚОМИ ГУРЕЗА ТИБҚИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ** | **99** |
| **Ғаниев Ҷ.Ш.** | **ПРИНСИПҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ** | **104** |
| **Имомов Ҳ. Ш.** | **РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ПАДИДАИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ** | **107** |
| **Соибов З. М.** | **ПОНЯТИЕ И СОДЕРЖАНИЕ ФУНКЦИЙ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН** | **112** |
| **Гадоев А.** | **УЧЕНИЕ ФАРАБИ О ДОБРОДЕТЕЛЬНОМ ПРАВИТЕЛЕ** | **116** |
| **Шарипов Т.Ш.**<br>**Миралиев Э.Б.** | **АСОСҲОИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО** | **121** |
| **Мирзоахмедов Ф. А.** | **К ВОПРОСУ ОБ ОПРЕДЕЛЕНИИ СУБЪЕКТА ТЕРРОРИЗМА (ТЕРРОРИСТИЧЕСКОГО АКТА) ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ** | **127** |
| **Махмадзода Н.** | **ОБЪЕКТ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В СФЕРЕ КРЕДИТОВАНИЯ (СТ. СТ. 264-266)** | **132** |
| **Шокирзода Г.** | **О СОЦИАЛЬНО-ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ХАРАКТЕРИСТИКИ ОСУЖДЕННЫХ ЖЕНЩИН В ТАДЖИКИСТАНЕ** | **137** |
| **Абдуллоев П.**<br>**Негматов Б.С.** | **ПЕШБУРДИ СУРЪАТНОК ВА СОДДАКАРДАШУДА ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ** | **145** |
| **Сильнов М.А.** | **О НЕКОТОРЫХ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ АСПЕКТАХ ПОЛУЧЕНИЯ ПОКАЗАНИЙ** | **153** |

| | | |
|---|---|---|
| **Исоев К.М.** | **СООТНОШЕНИЕ ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ПОЗНАНИЯ И ДОКАЗЫВАНИЯ** | **157** |
| **Фозилов Н.Н.** | **ОИД БА БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО** | **160** |
| **Назаров А.К.** | **ФОНОСКОПИЯИ КРИМИНАЛИСТИКӢ** | **170** |
| **Назаров А.Қ.**<br>**Ямоқова З.Д.** | **ХАТШИНОСӢ ВА МУАЛЛИФШИНОСИИ КРИМИНАЛИСТИКӢ** | **176** |
| **Раджабов К.Д.** | **ВЫМОГАТЕЛЬСТВО В УГОЛОВНЫЙ КОДЕКС ЕВРОПЕЙСКИХ ГОСУДАРСТВ, ЯПОНИИ И КИТАЯ** | **183** |
| **Қудбудинов Ф.Ш.** | **БАЪЗЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ ҲАМЛУ НАҚЛИ БОР ТАВАССУТИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН** | **187** |

## ПЕШГУФТОР

Бо сипарӣ шудани чоряк аср аз лаҳзаи баргузории Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ, ки зимни он дурнамои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона тарҳрезӣ гардид ва заминаҳои эъмори низоми нави идориву ҳуқуқӣ гузошта шуданд, ҳамчунин ин ҳадафҳои ормониву нодир тадриҷан амалӣ гаштанд, сарнавиштсоз будани он барои миллати шарафманди тоҷик гаштаву баргашта собит шуд. Воқеан дар он айёми мураккабу мудҳиш кам нафароне ёфт мешуданд, ки ба ояндаи неку дурахшони давлати соҳибистиқлоли тоҷик итминон доштанд. Хотима бахшидан ба ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ, нигаҳдошти давлат аз вартаи нестӣ, интихоби роҳи дурусти давлатдорӣ, тарҳрезии низоми сиёсиву ҳуқуқӣ, шакли идоракунӣ ва сохтори давлатӣ бо назардошти нияту ормонҳои халқ аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳое буданд, ки дахолат ва ҳалли оҷилиро тақозо мекарданд. Зимнан лозим ба тазаккур аст, ки муҳайё сохтани низоми комили ҳуқуқӣ бо фарогирии арзишҳои пешқадами ҳуқуқӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи давлатҳои муосир ба шумор меравад. Махсусан, агар ишора ба фазои ҳуқуқие равад, ки дар он шахсияти инсон ва ҳуқуқҳои ӯ арзиши олӣ эълом гардида бошанд, гуногунрангии мафкуравию сиёсӣ таъмин бошад, стратегияву консепсияҳо бобати таъмини тадриҷии ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ чун ҳуҷҷатҳои ояндасоз бахри эъмори давлати воқеан иҷтимоӣ, ки рисолати ниҳоиаш ташкили шароити арзандаи зист барои ҳар як сокини он таҳия ва қабул шуда бошад. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нуқтаи муҳими гардиш дар ҳаёти сиёсӣ барои эъмори ин арзишҳо ва зуҳури падидаҳои нав ба мисли давлати ҳуқуқбунёди демократӣ, ҷумҳурии президентӣ, низоми сиёсии бисёрҳизбӣ, парламентаризм, мустақилияти ҳокимияти судӣ, худидораи маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва монанди инҳо нақши бунёдӣ ва ҳалкунанда бозид.

Аз он лаҳзае, ки Эъломия дар бораи Истиқлолияти давлатӣ қабул гардид, ба қавле дурнамои ташаккули низоми худмухтор ва ҳамзамон ҷадиди ҳуқуқии кишвар бо назардошти пешқадамтарин арзишҳо, аз ҷумла таҷзияи ҳокимият ба шохаҳо, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ ва ғ. ба тавri оқилона тарҳрезӣ гардид. Вале ҷангу нифоқ, низоъҳои байнихудӣ, кашмакашиҳои беҳуда, ихтилоф атрофи идеяҳои таҳмилӣ кишварро ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ ворид ва сарҳади парокандагиву нестӣ наздик намуда, расидан ба ин идеяҳои ормониро ба тахайюлот мубаддал сохт. Чунин авзоъ асос барои таъкиду тасдиқи боисрори ҳамин воқеият аст, ки бидуни ваҳдату субот ҳеҷ як навъ низоми идорӣ ва ҳуқуқии комил бунёд нашояд.

Дар он лаҳзаҳои хеле мураккаб ташкил ва баргузор намудани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва зимни он интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан тасмими тақдирсоз буд. Мақомоти тозаинтихобшудаи ҳокимияти давлатӣ, алалхусус Сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон дарҳол пас аз баргузории Иҷлосия ба амалӣ намудани қарорҳои он шурӯъ намуда, дар ин ҷабҳаи масъулиятнок азму иродаи қавӣ нишон доданд. Дар муддати кӯтоҳтарин бахри хотима гузоштан ба ҷанги бародакуш, таъмини ваҳдати миллӣ, баргардонидани гурезаҳо, барқарор намудани хоҷагии аз ҷанг харобгашта тадбирҳои таъхирнопазир андешида шуданд.

Зарурати нав намудани асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат ҳанӯз аз рӯзҳои аввали касби Истиқлолияти давлатӣ эҳсос мешуд. Аз ҷумла, Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Мурожиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон, ки дар Иҷлосияи таърихӣ эълон мешавад, изҳор мекунанд: «асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав – давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст».

Ҳамин тариқ, қабл аз қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳанӯз дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси бе-

воситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва дунявӣ чун самти стратегии инкишофи минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мешавад. Мувофиқан, ҳанӯз дар рӯзҳои нахустини роҳбариашон дар баромадҳои Сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои асосӣ ва стратегии давлати Тоҷикистон, аз ҷумла арзишҳои пазируфташудаи ҳуқуқӣ муайян шуданд. Эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва дунявӣ, ташкили ҳокимияти нави давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва давлат, зиндагии арзандаи ҳар як сокини ҷумҳурӣ, ривоҷи соҳибкорӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ, гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ, гузаштан ба низоми нави сиёсӣ, фаъолияти озоди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, волоияти қонун, риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ дар асоси эҳтироми присипҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама дахолат накардан ба кори ҳамдигар ва эҳтироми манфиатҳои тарафайн дар маҷмӯъ аз ҷумлаи он арзишҳои ҳуқуқие буданд, ки ҳанӯз дар рафти фаъолияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуданд.

Фаъолияти имрӯзаи густурда ва муташаккилонаи Ҳукумати мамлакат таҳти роҳбарии дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давоми ҳамон сиёсати ҳуқуқиест, ки ҳадафҳои волои он дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда буданд. Аксари он аҳдофу вазифаҳои ҳуқуқие, ки дар пеш меистоданд, ба мисли таъмини волоияти Конститутсия ва қонунҳо, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳаёти осудаҳолонаи халқ ва ташкили фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ гаштанд. Дар марҳилаи кунунии рушди кишвар бошад, танҳо зарур аст, ки ваҳдату суботи сиёсӣ ҳифз шавад, тарбияи ҳуқуқии ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром ба асолати милливу фарҳангӣ сурат бигирад, низоми миллии ҳуқуқӣ аз даъватҳои манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ дар канор монад. Салоҳиятнокӣ ва масъулиятшиносии шахсони мансабдор, ходимони сиёсиву давлатӣ, роҳбарияти ташкилоту идораҳо ва дар умум тамоми сокинони ватани азизу маҳбуб василаи асосии таъмин ва нигаҳдошти ин арзишҳост.

**Раҳмон Дилшод Сафарбек**
**Декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

## НАҚШИ ТАЪРИХИЮ ҲУҚУҚИИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОХТМОНИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

**Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир**
Раиси Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амнияти Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ., профессор

Оғози солҳои навадуми асри гузашта барои тоҷику тоҷикистониён солҳои басо ташвишовар ва пурхатар буданд, ки фитнаву дасисаи неруҳои бадхоҳи хориҷӣ авзои сиёсиву якпорчагии мамлакатро рӯз то рӯз вазнин мегардониданд, аксаран ба қавли Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «……онҳо кайҳо тақдири Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳал карда буданд. Яъне, ин давлат бояд пароканда ва миллат ба нестӣ мерасид». Таърихи ин ё он халқ дар сурате метавонад барои соҳибонаш арзиш дошта бошад, ки наслҳои минбаъдаи он аз ин таърих ёдовар бошанд ва бояд сабақе бигиранд. Миллате, ки аз гузаштаи хеш сабақи лозимӣ мегирад, бе шакку шубҳа роҳи ояндаи худро бидуни саҳву хато муайян хоҳад кард.

Аз рӯзҳои аввали соли 1990-ум сар карда, дар баробари дигаргуниҳои куллии демократӣ дар ҷомеа, он нафароне пайдо шуданд, ки бо дасисабозиҳои саркардагони давлатҳои хориҷӣ, ба мардум демократияро дигар хел шарҳу эзоҳ медоданд ва аз ин лаҳзаҳои оғози бесарусомониҳо, давраи оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон руxдода, беқонунӣ ва бесарусомонӣ боло гирифт, ки боиси вазъияти мураккаби манфӣ ва халалдор сохтани ҷомеа гардиданд.

Он вақт дар доираҳои воломақоми давлатӣ буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳукмрон буд, ки ин беҳокимияти бо пош хӯрдани давлати Шӯравӣ ва канда шудани муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ, беқурбшавии пул, мавҷуд набудани пули миллӣ ва аз байн рафтани робитаҳои пешинаи шартномавӣ ва аз ҳама муҳимаш сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо рӯ омадан ба нестшавии давлат мусоидат мекард.

Дар моҳи октябри соли 1992 Ҳукумати ҷумҳурӣ ба сабаби авҷ гирифтани муборизаҳои низомӣ байни неруҳои мухталифи сиёсӣ фалаҷ гардида, ба истеъфо рафт. Пойтахти ҷумҳурӣ–шаҳри Душанбе ба саҳнаи даргириҳои мусаллаҳона ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мубаддал шуд ва Тоҷикистонро фалокати аз байн рафтан таҳдид мекард. 16-уми ноябри соли 1992 дар толори номдори Қасри Арбоби ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз вартаи ҳалокат ва нобудӣ наҷот дод. Ҷанги бемаънии шаҳрвандие, ки дар Тоҷикистон бо «фаъолият»-и ифротгароёни дохилӣ ва дахолати неруҳои иртиҷоии хориҷӣ ба вуқуъ пайваст, ба ҷуз талафоти андуҳовари ҷонӣ ва молӣ ба кишвари азияткашидаи мо дигар чизеро ба бор наовард. Хисороти моддиро бо заҳмати афзуни чандинсола барқарор кардан имконпазир бошад ҳам, дарду доғи бохтҳои ҷонӣ ҳаргиз аз ёди миллат фаромӯш намешавад.

Дар чунин вазъи хеле хатарнок ва мудҳиш баргузор кардани Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо роҳи наҷоти Ватан буд. Бо сабаби набудани одитарин шароити амниятӣ дар ш. Душанбе Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард, ки Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор шавад. Дар ин Иҷлосия аз 197 вакил 186 нафарашон ба роҳбарияти нави Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сардории шахси ҷасуру ватанпараст Эмомалӣ Раҳмон раъйи мусбат дода, сарнавишти ояндаи мамлакатро ба мақсади таъмини сулҳу салоҳ, ободии кишвар ва беҳбудии зиндагии мардум муайян намуданд.

Роҳбарияти нави Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори худро дар ин Иҷлосия аз ворид кардани муҳимтарин ва зарууртарин тағйирот ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи афви умумӣ» ва «Дар бораи гурезаҳо» шурӯъ намуд, ки дар он замон масъалаҳои доғи рӯз буданд. Дар ин Иҷлосия ҳамчунин қумандонҳои гурӯҳҳои мухталифи даргир савганд ёд карданд, ки ба даргириҳо хотима медиҳанд, сулҳу суботро дар Ватан таъмин менамоянд ва бо ҳам оштии абадӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таъмини сулҳу субот, ризоияти саросарии ҷомеа, ваҳдату ягонагӣ, вусъати худогоҳиву худшиносӣ, ифтихору ҳувияти миллӣ, ватандӯстию меҳанпарастӣ ва ба муттаҳидӣ даъват кардани халқи тоҷик нақши муассир дошт, ки дар ҳамин замина минбаъд ташаккули андешаи созанда ва муосири миллии мо тадриҷан шурӯъ гардид. Ҳадафи асосӣ аз ин иқдомот амалан тахти як парчам ва рамзҳои давлати мустақил гирд овардану минбаъд муттаҳид сохтани неруҳои гуногуни сиёсӣ, гурӯҳҳои силоҳбадаст ва тамоми мардуми ошуфтаву парешонгаштаи Тоҷикистон буд. Зеро дар он айём қисми зиёди одамоне, ки огоҳона ё ғайриогоҳона ба сиёсат гароида буданд, пойбанди талошҳои афзалият додан ба манфиатҳои маҳдуди маҳаллӣ буданд.

Дар чунин шароит қабули рамзҳои давлатӣ – Нишон ва Парчами миллӣ ва дар айни замон муайян кардани самтҳои минбаъдаи пешрафти кишвар ба сӯйи ҷомеае, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои тамоми мардум ва мутобиқ ба меъёрҳои ҷомеаи муосир ва мутамаддин бошад, аз ҷумлаи масъалаҳои умдатарини кори Иҷлосия буд.

Баъд аз анҷоми Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ Раиси нави интихобшудаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳ, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд. Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти муҳим ва тақдирсозӣ таърихӣ дошта, бобати ҳалли маҷмӯи проблемаҳои ҷомеаи оташгирифта ва роҳҳою усулҳои ба эътидол овардани вазъияти мамлакат 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон, 1 изҳорот қабул намуд, ки аз як тараф, салоҳияту ваколати онро собит менамуданд, аз дигар тараф он санадҳо барои солҳои баъдии мардуми кишвари дорои собиқаи бузурги таърихӣ чун як барномаи мукаммал ҳисоб меёфтанд. Зеро дар партави қарорҳои Иҷлосияи мазкур ва такя ба соҳибистиқлолии давлатӣ рушди имрӯзу фардои кишвар ба чунин дастури ҷиддан таҳиягардида эҳтиёҷ дошт.

Роҳбарияти нави Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон, баъд аз ҷамъбасти Иҷлосия ба шаҳри Душанбе омаданд, ки дар он ҷо чи вазъияти амниятии роҳбарияти нав дар хатар буд, ва чи аз таъмини озуқавории оддӣ, аз лиҳози нони гарм аққалан барои сокинони шаҳри Душанбе муҳаё набуд. Лекин ба ин мушкилоти рӯзгор ва хатарҳои ҷонӣ нигоҳ накарда, пеш аз ҳама, бо барномаи муҳими сиёсӣ ба халқи шарифи кишвар муроҷиат намуданд, ки бояд ҳарчи зудтар дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон ҳокимият ва мақомоти идоракунӣ барқарор гардад, гурезаҳо ба шаҳру деҳот ва манзили худ баргардонида шуда, бо сару либос, хӯрокворӣ таъмин шаванд. Фаъолияти мунтазами корхонаҳову муассиса ва хоҷагиҳо ба роҳ монда шуда, Артиши миллӣ таъсис дода шавад ва амнияти давлатӣ таъмин гардад.

Раёсати Шӯрои Олӣ ва Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таъмини амнияти мардум, беҳбуд бахшидан ба сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ва аз вартаи мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ берун овардани халқ як силсила қарору фармонҳо қабул кард. Бештари ин қарору фармонҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои доғи рӯз, ба монанди авфи умумӣ, халъи силоҳ, мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, таъмини мардум бо хӯрокворӣ, зиёд намудани маош, мустаҳкам кардани муносибатҳои байналмилалӣ равона шуда буданд. Барои ба эътидоли комил овардани вазъияти дохилии кишвар роҳбарияти нави Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш намуд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идорӣ, низоми судӣ ва мақомоти ҳифзи тартиботу қонунро ҳамаҷониба мустаҳкам намоянд.

Таҳлили татбиқи аснод ва маромномаҳои Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии кишварамон ва натиҷаҳои таърихии он то ба имрӯз моро ба хулосаҳои зерин овард:

1. Яке аз вазифаҳои асосие, ки дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида буд, ба Ватан баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ва таъмини сулҳу субот ва барқарор намудани сохторҳои низомӣ ва амнияти дар кишвар буд. Дар натиҷа дар давраи солҳои 1993-2000 ҳамагӣ ба ҷойҳои доимии зисти худ дар саросари мамлакат 950 ҳазору 599 нафар бозгардонида шуданд, ки аз ҷумлаи онҳо аз кишварҳои Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил – 201 601 нафар, Афғонистон–51 345 нафар, аз ноҳияҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон – 697 653 нафар буданд.

2. Вазифаи муҳими дигар, ки аз ин иҷлосия бармеояд – ин таъмини сулҳу субот, ризояти саросарии ҷомеа, ваҳдату ягонагӣ буд. Дар натиҷаи музокироти тӯлонии байни тоҷикон, ки аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар кишварҳои Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Туркманистон идома ёфт, муяссар шуд, ки дар 9 даври музокирот ва 6 мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари мухолифин 40 санади барои миллат муҳим ба имзо расонида шавад, ки бузургтаринаш «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» буд.

3. Дар Иҷлосия фаъолияти қонунгузории давраи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол баррасӣ ва тасдиқ гардид. Дар натиҷа гурӯҳи кории ҳукуматӣ барои аз нав коркарди Конститутсия таъсис дода шуд, ки дар натиҷа Конститутсияи нави мамлакат 6 ноябри соли 1994 дар муҳокимаи умумихалқӣ қабул гардида, дар он сохти идораи Президентӣ аз нав ҷорӣ карда шуд. Қабули Конститутсия, интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони халқ ба Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ дар асоси Конститутсияи нав ва тасдиқу таъйини ҳамаи сохторҳои давлатӣ моро ба сӯйи таҳкими ҳокимият ва сохтмони ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ дар мамлакат ҳидоят намуданд.

4. Иҷлосияи таърихӣ масъалаи сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро дар Тоҷикистони соҳибхтиёр ва пешбурди рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакатро ҳамчун вазифаи асосии давлатдории навин нишон дод.

5. Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ ва рушду нумӯи иқтисодиёти Тоҷикистонро заруртарин масъалаи барқарор намудани иқтисодиёти мамлакат ҳисобида, иҷрои онро ҳамчун вазифаи аввалидараҷаи давлату ҳукумат ҳисобида, дар мадди аввал гузошт.

6. Иҷлосияи XVI заминаи таҳкими робитаҳои бисёрсамтаро бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои муътабари ҷаҳонӣ гузошт. Дар натиҷа, фаъолияти пешбаранда, пешбинишаванда, мутавозин ва ташаббускоронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибат бо давлатҳои дигар имкон дод, ки обрӯ ва эътибори он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ тайи бисту панҷ соли соли охир ба маротиб биафзояд.

Баъд аз анҷоми Иҷлосияи XVI Раиси нави тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳ, баргардондани гурезагони иҷборӣ ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд. Бегонагоне, ки ин ҷангро ба сари миллат таҳмил карданд, маҳз таназзулу нобудии давлатдории тоҷиконро мехостанд. Аммо ҷонбозиҳои Сарвари бонангу номуси ватан, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тири онҳоро ба хок зад. Бояд халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунад, ки он замон баъзе аз кишварҳои дуру наздик намехостанд дар Тоҷикистон сулҳу оромӣ бошад ва бо ҳар роҳ ба раванди сулҳу субот халал мерасонданд.

Тавре ки маълум аст, аз нахустин қадамҳои истиқлолият доираҳои муайяни бадхоҳ бо истифода аз таҷрибаи даврони гузашта ва усулҳои озмудаи худ, бо роҳи барангехтани низоъҳои дохилӣ ва бозиҳои сиёсӣ давлати ҷавони Тоҷикистонро дучори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардонданд. Дар натиҷаи ин ҷанги бемаънии бародаркуш беш аз сад ҳазор шаҳрвандони мо кушта шуданд, қариб як миллион нафар иҷборан хонаву дари худро тарк карда, ба кишварҳои ҳамсоя фирор намуданд. Мувофиқи ҳисобҳо ҷанги таҳмилӣ ба иқтисодиёти мамлакат дар маҷмӯъ беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ расонид, ки он замон 105 маротиба аз буҷаи соли 1995-и Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд буд. Зиёда аз 30 ҳазор хонаи истиқоматӣ сӯзонда, садҳо биноҳою иншоот, корхонаю фабрикаҳо, муассисаҳои тиббӣ, мактабҳо ва идораҳои давлатӣ харобу валангор гардиданд. Зарари маънавии ҷанг ҳадду ҳисоб надорад, зеро бар асари он даҳҳо ҳазор модарон аз фарзандонашон, даҳҳо ҳазор занон аз шавҳаронашон маҳрум гардида, зиёда аз 55 ҳазор кӯдак ятим монд.

Ҳамагон бояд дарк намоем, ки ҳаракат ба сӯйи Ваҳдати миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати пешгирифта ва шиори зиндагӣ барои сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон бесабаб набуд. Агар чунин тасмим гирифта намешуд, бадбиниву таҳдид ва душманҷӯйиву сангаргирӣ бештар доман паҳн мекард. Қобили зикр аст, ки дар як давраи бениҳоят душвору хатарнок дарёфт намудани роҳҳои оғози гуфтушунид бо мухолифини тоҷик, ин шуҷоату ҷавонмардӣ ва соҳиби

дили гарму қалби бузург доштани Эмомалӣ Раҳмонро аллакай нишон дод ва ватандӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони худро дар хатар монда, барои таъмини якпорчагии миллату давлати худ ва сохтмони эъмори сулҳ дар Тоҷикистон ба давлати ба мо дусту ҳамзабон, Афғонистон, ки солҳои тӯлони дар ҳолати ҷангӣ дохилӣ қарор дошт ба он ҷо сафарҳои пурхатар намуда, гуфтушуниди байни тоҷиконро оғоз намуд ва сулҳу ваҳдатро дар кишвари азияткашидаи мо барқарор кард.

Музокироти тӯлонӣ, ки аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997-ум, дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон оғоз гардида давом кард, ба монанди: Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Туркманистон, барои амалӣ намудани марому мақсадҳои сулҳофарона нӯҳ даври музокирот ва шаш мулоқот бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон шуда гузашт, ки ҳамаи онҳо натиҷаҳои мусбӣ ва тақдирсозро барои мардуми тоҷик, ки аз ҳар ду ҷониб интизор буданд, ба миён овард. Дар ин давраи басо мушкил бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон 21 маротиба музокироти байни гурӯҳҳои ҳукуматӣ ва мухолифин анҷом дода шуд, ки дар натиҷа 40 санади таърихие ба имзо расид, ки ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ эътироф доштанд ва онҳо баҳри якпорчагии миллати тоҷик ва нарасонидани зарари ҷонӣ, чун обу ҳаво зарур буданд.

Дар ин ҷараёни дуру дарози гуфтушунидҳо аъзоёни гурӯҳи мухолифини тоҷик ба хубӣ фаҳмиданд, ки ҷанги таҳмилӣ дар ватани маҳбубамон бояд фавран қатъ гардад, чунки ин даргирии бародаркуш миллати тоҷикро метавонист аз байн барад ва ба давлатдории тоҷикон хотима бахшад. Ин музокирот ва гуфтушунидҳоро, ки махсусан бо ташаббус ва аз тарафи сарвари давлат оғоз гардиданд ба таври мухтасар ба хонандаи азиз ошно менамоем, ки онҳо дар саҳифаи таърихи халқи тоҷик бо ҳарфҳои заррин навишта хоҳанд шуд.

Яке аз саҳифаҳои бениҳоят душвору хатарнок барои сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон ва сарнавиштсозу тақдирсоз барои мардуми тоҷик, ин аввалин гуфтушунидҳо 17-19 майи соли 1995 буд, ки дар ин сол оғози музокироти сатҳи олӣ дар шаҳри Кобул байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ баргузор гардид.

Пеш аз сафар ба Афғонистон дар моҳи апрели соли 1995-ум Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбат бо хабаргузории «Интерфакс» дар бораи ҳадафҳои вохуриашон чунин иброз карда буданд: «Ҳангоми вохӯрӣ бо роҳбари мухолифин ман пеш аз ҳама мавзӯъҳоеро баррасӣ хоҳам намуд, ки ба ҳалли мусолиматомези қазияи Тоҷикистон иртибот дошта, масъалаҳои оташбас ҳам дар сарҳад ва ҳам дар дохили кишвар, баргашти тамоми муҳоҷироне, ки ҳанӯз дар хоки Афғонистон ҳастанд ва ҳамчунин дигар масъалаҳоро дарбар хоҳад гирифт. Мақсади ман расидан ба мусолиҳа бо мухолифин мебошад, ки ин мусолиҳа бояд бечунучаро аз ду тараф иҷро шавад». Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чунин шароити басо вазнини худи давлати исломии Афғонистон ва хатарнок барои таъмин ва истиқрори ҳарчи зудтари сулҳу суббот дар Ватан ва оромию якпорчагии миллати парокандаи тоҷик дар душвортарин шароити рӯзҳои музокироти хеле муҳим ва сарнавиштсозро муваффақона оғоз намуда, бо як нияту орзуҳои деринаи мардум онро натиҷагири намуда, анҷом дод.

Аввалин оғози музокироти сатҳи олӣ дар Кобул барои барқарории фазои сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни сарвари давлати тоҷикон ва роҳбари мухолифини тоҷик, аҳамияти фавқуллода ва барои дар оянда давом додани мулоқотро пеш аз ҳама дар назар дошт, дар таърихи тоҷикон нақши муҳиме боқи монд. Дар изҳороти аввалине, ки аз тарафи роҳбари давлат ва роҳбари мухолифин ба имзо расида буд, нишонаҳои хотирмонро боқӣ гузош: «Ҷонибҳои тоҷикон ба хотири рафъи низоъ аз тариқи сиёсӣ, тавассути музокирот, бунёди шароити сулҳи пойдор дар сарзамини тоҷикон тамоми ҷидду ҷаҳди хешро дареғ нахоҳанд дошт». Нахустин дидору музокироти рӯ ба рӯйи роҳбари тозаинтихоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари мухолифини тоҷик дар мамлакати ҷангзадаи ҳамсоя қародошта, ки ҳар сонияи он ба сарвари мо хатар дошт ба раванди истиқрори сулҳ ва таъмини ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ҳусни оғоз бахшида нақши ҳалкунандаро бозид.

Мақсаду мароми сулҳофаронаи сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон бори дигар муяссар гашт, ки мулоқоти дуюми соли 1996-ум бо роҳбари мухолифин, дар улусволии Хустдеҳи Афғонистон дар зимистони басо сарди хатарнок баргузор гардида, баъди гуфтушунидҳои

якчандсоата ба имзо расидани протоколи муҳимро сазовор гаштанд, гарчанде ки баъзе бандҳояш иҷронашаванда бошанд ба якдигарфаҳми ва мақсадҳои сулҳофаронаи роҳбарияти тоҷиконро боз ҳам наздиктар сохт. Протокол аслан танзими авзои ҷангию сиёсии минтақаҳои Тоҷикистонро дар назар дошт ва он аҳамияти муҳими оташбасро бо 8 банд таҳия намуд, ки дар натиҷа байни ҳарду тараф оташбас эълон карда шуд ва неруҳои низомии мухолифони тоҷик ухдадор карда шуданд, ки ба мавзеи пештараашон бояд бармегаштанд, гарчанде ки баъзе бандҳои ин протокол аз тарафи мухолифин иҷро намешуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин музокирот аввалин маротиба пешниҳод намуд, ки баъди эълони оташбас ва таъмини сулҳ дар Тоҷикистон бояд Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) таъсис дода шавад, ки роҳбари он намояндаи мухолифин хоҳад буд. Чунин пешниҳоди ҷасуронаи Сарвари давлати тоҷикон дар он давра кори басо осон набуд ва чунин масъулияти бениҳоят пурхатарро маҳз Пешвои миллати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон бар дӯшӣ худ гирифт.

19 июли соли 1995 –ум мулоқоти гурӯҳи ҳукуматӣ бо сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони мухолифини тоҷик дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид, ки дар натиҷаи он Изҳороти роҳбарони ду тараф ба имзо расид ва дар ин санад мушкилоти ба миён омада оид иҷро нашудани Протоколҳои пешин оид ба таъмини сулҳ ва оташбас, аз байн бардошта шуда, ҳалли худро ёфт. Мулоқоти Теҳрон ва натиҷаҳои он ба баъзе кишварҳои минтақа, ки дар мавриди таъмини сулҳ дар Тоҷикистон ҳадафҳои нопок доштанд, хуш намеомад.

Мавзӯи баҳс баррасии тарҳи «Протокол дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» буд. Мутобиқи ин санад, ки «Протокол дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» ном дошт, тарафҳо аҳду паймон бастанд, ки «аз 18 сентябри соли 1995 сар карда, бо мақсади ҳарчи зудтар ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон давраи бетанаффуси музокирот ташкил карда шавад.

18–28 июни соли 1994 дар Теҳрон музокироти навбатии намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон бо намояндагони мухолифини тоҷик баргузор гардида, он бо имзои «Эъломияи муштарак» ба анҷом расид, ки дар пешбурди раванди музокирот хеле муҳим буд. Аммо муҳимтар аз он машварати Теҳрон, ки дар таърихи 12–17 сентябри соли 1994 ба имзо расида буд, дар он «Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунид» ба имзо расид.

Аз 20 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон даври навбатии музокироти намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони мухолифини тоҷик баргузор гардид, ки натиҷаи он назаррас буда, барои оташбаси ҷанги бемаънӣ як ҳуҷҷати хеле муҳим ва ҷиддӣ ҳисоб мешуд. Дар ин даври музокирот «Протокол дар бораи комиссияи муштарак оид ба татбиқи Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар» ва «Эъломияи муштарак оид ба натиҷаҳои даври сеюми гуфтушунид байни тоҷикон барои оштии миллӣ аз 1 ноябри соли 1994» ба имзо расиданд, ки мутобиқи замимаи он 27 нафар аз тарафдорони мухолифин, ки дар зиндонҳои ҳукуматӣ буданд, озод карда шуданд, ки яке аз дастовардҳои аввалини музокиротҳо ба шумор мерафт.

22 май соли 1995-ум, дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон даври навбатии музокироти гурӯҳҳои ҳукуматӣ ва мухолифин баргузор гардид, ки дар ин музокирот тарафҳо як муддате бе иштироки кишварҳои нозир бо ҳам танҳо ба танҳо гуфтушунид карданд ва ҳарду тараф ба хулоса омаданд, ки ҳеҷ гуна мушкилоте барои имзои Созишномаи сулҳ, Ваҳдати миллӣ ва амали намудани он надоранд, фақат вақт ва сабру таҳаммул лозим буд. Мутаассифона, боз дар иштироки нозирон ва дахолати дасисабозиҳои намояндагони баъзе аз кишварҳои хориҷӣ, оромии Тоҷикистонро дар ин сохте, ки қарор дощд намехостанд ва бо иштироки баъзе аз намояндагони мухолифин, ки асосгузори ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буданд, масъалаҳои созишу ваҳдат, ки орзӯю умеди ҳарду тараф буд ҳалли худро наёфтанд.

30 ноябри соли 1995 дар шаҳри Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистон музокироти навбатии байни гурӯҳи ҳукумати Тоҷикистон ва роҳбарони мухолифини тоҷик сурат гирифт, ки ин

гуфтушунидҳо дар асоси Протоколи Кобул дар се марҳала дар Туркманистон то таърихи 21 июли соли 1996 идома ёфтанд ва ба миён омадани сулҳро ба Тоҷикистон рӯз ба рӯз наздик мекарданд. Пас аз музокироти Ашқобод тарафҳо тасмим гирифтанд, ки мулоқоти роҳбарони ду тарафро дар сатҳи олӣ омода намоянд. Ин омодагӣ аз таърихи 8 октябри соли 1996 дар шаҳри Теҳрон шурӯъ шуд ва шароити заруриро барои мулоқоти ду роҳбар дар сатҳи олӣ дар таърихи 10 декабри соли 1996 дар деҳаи Хустдеҳи улусволии Тахори шимоли Афғонистон фароҳам сохт. Баъд аз мулоқоти Хостдеҳ даври навбати дар таърихи 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Маскав мулоқоти дутарафа дар сатҳи олӣ баргузор гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон низ замоне ба сари қудрат омад, ки Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор буд ва кишвари моро хавфи нобудӣ таҳдид мекард, мардум ба парокандагиву гуруснагиву нодорӣ ва ҷангу ҷидол рӯ ба рӯ омада буд. Дар ин вазъи нобасомон табиист, ки роҳбари ботамкин ва оқилу сертаҷрибае лозим буд, ки пеши роҳи гурӯҳҳои мухолифинро, ки якпорчагии давлат ва миллат ба онҳо заррае арзиш надошт гирад ва ин зарурат интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба ташкили қувваҳои мусаллаҳ водор сохт, зеро Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ҳамчун сохтори алоҳида тамоман фаъолият намекард, аксарияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бетарафиро ихтиёр намуда буданд. Дар ҳолати ногувори тақдирсоз ба мисли Эмомалӣ Раҳмон роҳбари хирадманду тавоно ва ташкилотчии забардасте лозим буд, ки ҷангҳои хонаводагиро барҳам занад, дар мамлакат фазои осоиштаи сиёсӣ ба вуҷуд орад, дар байни аҳли ҷомеа сулҳу суботро барқарор созад ва халқро дар атрофи давлати навбунёд муттаҳид намуда, Ватани азизро ободу осуда намояд.

Пайдост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки саропо ҳамчун роҳбар, роҳнамо ва ҳамрадиф бо рушду нумуъи Тоҷикистон ва чун пешво ва падари халқи тоҷик дар дилу дидаи мардум ҷо гирифт. Аз ин рӯ, халқи ба ору номуси Тоҷикистон ӯро Пешвои миллат эътироф намуданд. Ёдрас менамоем, ки оғоз ва бунёди давлатдории Тоҷикистон бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба давраи мураккабу душвори гузариши кишвар аз як сохти карахти сотсиалистӣ ба сохти дигари давлатдорӣ рост омада буд. Бо шарофати ҷаҳду талошҳои ин фарзанди фарзонаи миллати тоҷик дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ сулҳу оромӣ дар саросари кишвар таъмин гардида, барои зиндагии орому осоишта ва фаъолияти созандаи сокинони мамлакат шароити мусоид фароҳам омад.

27 июни соли 1997-ум Сарвари давлати тоҷикон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ҷангҳои бемаънии таҳмилии шаҳрвандии бародаркуш дар натиҷаи музокироти душвору пурхатар ва дуру дарозу сулҳовар ба ин ихтилофоти нанговар хотима гузошта, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллиро дар шаҳри Маскав ба имзо расонид. Сарвари давлати тоҷикон ба ҷаҳониён нишон дод, ки миллати бофарҳанг, ватандӯст, сулҳхоҳ ва сулҳпарвари тоҷик дар он давраи хеле сахт ва мудҳиш, ки порча шуда буд, роҳи музокироти сулҳро пеш гирифт, аз ақлу фарҳанги миллии тоҷикӣ ва азалии хеш истифода намуд, аз роҳи бо зӯрӣ ҳал кардани мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ даст кашида, сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати ҷоноҷонамонро ба хотири таъмини сулҳи сартосарӣ самимона дастгирӣ намуд.

Ин санади тақдирсоз ва хотимабахшандаи ҷангӣ таҳмилии шаҳрвандӣ Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат ва нобудӣ наҷот дода, ба миллати тоҷик рӯҳи нав, илҳоми тоза бахшид, дар сарҷамъ кардани миллат, иттиҳоду ягонагии мардуми кишварамон нақши бебаҳо гузошт. Бо имзо шудани ин санади таърихӣ давлати соҳибистиқлоли мо ҳувият ва ҳастии хешро дубора ҳифз кард ва ба ҷаҳониён собит намуд, ки миллати тоҷик дорои тамаддун ва фарҳанги бостонӣ буда, Ватанро муҳимтарин муқаддасоти хеш медонад. Дар бораи аҳамияти ин сарнавишти таърихӣ Сарвари давлатамон ҳанӯз ҳамон вақт гуфта буд: «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ бо аҳамияти бузурги худ бо Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба ҷумҳурии мо ба таври расмӣ истиқлолият ва соҳибихтиёриро дода бошад, пас Созишнома дар ватани мо сулҳу салоҳро таъмин намуд. Агар дар ватани мо бо шарофати Созишнома сулҳу салоҳ пойдор намегардид, хатари аз даст додани истиқлолият ба мо таҳдид мекард. Иқдоми муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷиҳати таҳқиқи

ҳуқуқию методологӣ дорои аҳамияти ниҳоят бузурги сарнавиштсоз бароиояндаи давлати ҳуқуқбунёди тоҷикон буд, зеро ба ин ҷанги бемаънӣ хотима додан кори осон набуд, вале ӯ аз ин масъулияти басо мушкил натарсид, миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард ва савганд хӯрд, ки то охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба ватан бармегардонад, миллатро сарҷамъ намуда, дар якҷоягӣ бо мардуми азизаш дар заминаи ваҳдати миллӣ Тоҷикистони соҳибистиқлолро месозад.

Имзои Созишномаи мазкур дар Тоҷикистон ба давлатҳои гуногуни ҷаҳон нишон дод, ки минбаъд тамоми мардуми ҷумҳурӣ Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва эҳтиром карда, сохти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб ва қабул намуданд. Пешво бо назардошти манфиатҳои аксарияти ҷомеа қодир аст оммаро ба ҳалли проблемаҳои ҳаётан муҳими халқу давлат таҳрик бубахшад. Пайравии оммавии мардум аз сарвари худ дар асоси бедор кардани ғайрату ташаббуси одамон бо такя ба истеъдоди худододи пешво имконпазир мегардад.

Таърихи бисту панҷ солаи Тоҷикистони соҳибистиқлол шоҳид аст, ки дар лаҳзаҳои тақдирсоз Пешвои миллат тавонист ҷомеаро дар иҷрои вазифаҳои бузург раҳнамоӣ кунад ва мардум ҳам бо камоли ирода сарвари худро пайравӣ кунанд. Рӯзи 27 июн Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, баъди гуфтушунидҳои тӯлонӣ Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллиро дар шаҳри Маскав ба имзо расониданд. Дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе ба пешвози Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон баромаданамро ҳеҷ гоҳ аз хотир намебарорам.

Дар ин лаҳзаи пурҳаяҷон, вақте ки Эмомалӣ Раҳмон аз дари тайёра берун омад, аввалин табассуми Президенти кишварро дидам, ки баъди 5 соли ҷонбозихояшон бо гурӯҳҳои мухолифин дар лабонаш ҳувайдо буд. Ин лаҳза тамоми вуҷуди маро ба ларза овард, ҳама аз хурсандӣ ашки шодӣ мерехтанд, зане дар зинапояи тайёра ба китфи Президент гулчанбарро овезон кард ва ӯро ба оғӯш гирифт.

Ман фикр мекунам дар ин лаҳза тамоми халки азияткашидаи тоҷик аз хурсандӣ ашки шодӣ мерехт. Магар ин қаҳрамони нест? Магар ба ғайр аз Пешвои миллати тоҷик каси дигаре ин масъулияти пурхатарро карда метавонист? Муътақидам, ки ҳаргиз не! Лаҳзаи дигари хотирмон дар ҳаёти ман,– ин санаи 11-уми декабри соли 1999 ҳамчун вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1995-2000) дастгирӣ намудани пешниҳоди вакил аз шаҳри Турсунзода Муродалӣ Табаров бобати ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович додани унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» буд.

Ман муътақидам, ки унвони «Пешвои миллат»-ро ҳанӯз замони ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва ҳамзамон баъди сарфароз гардонидани унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон», Президенти Тоҷикистони соҳибистиклол Эмомалӣ Раҳмон сазовор гашта буд.

Эътирофи падидаи Пешвои миллат ба Эмомалӣ Раҳмон натанҳо ба хотири қадршиносии хидматҳои ӯ ба миллати худ, балки эътироф ба хотири он аст, ки Пешвои миллат омили муттаҳидсоз ва пешбаранда мебошад. Бинобар ин, ба ҳар як вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим меояд, ки ҳар як нукта, мазмуну муҳтавои қонунро ба интихобкунандагон, ба халқи азизамон расонида, дар мафкураи ҳар яки онҳо ҳисси ватандӯстӣ, мардонагӣ ва шуҷоати Пешвои миллатро ҷо намоем.

Истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ волоияти иҷрои қонунҳои ҷумҳурӣ, амру дастурҳои Президенти кишвар ва қарорҳои Ҳукумати ҷумҳуриро дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин намуд. Ҳамагон фаҳмиданд ва дарк намуданд, ки танҳо бо роҳи сулҳу субот метавонанд Ваҳдати миллиро таҳким бахшанд, миллатро зинда кунанд, эҳтирому обрӯи Ватанро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоранд ва насли навро дар рӯҳияи соҳибистиқлолӣ, муҳаббат ба марзу буми кишвар, ба таъриху адабиёту фарҳангу забони модарӣ, пешрафти ҷомеаи демократӣ, худшиносии миллӣ ва арзишҳои анъанавии суннатӣ тарбия кунанд.

Таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон, ки имрӯзҳо вирди забони ҷомеаи байналмилалӣ гаштааст, ба ҷаҳониён собит намуд, ки миллати дорои фарҳангу таърихи бузург ҳамеша дар ҳолати душвор ва сарнавиштсози таърихӣ аз ин неъматҳои худодод истифода намуда, худро наҷот медиҳад. Ба

қавли собиқ Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) Кофи Аннан, тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон овардаанд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол бо дарназардошти тамоми мушкилоти мавҷудааш имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун як кишвари озоду соҳибихтиёр, дорои истиқлоли комил ва кишвари рӯ ба рушду камол шинохта шудааст.

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти конститутсиониро барқарор намуда, харобшавии пурраи низоми иқтисодии мамалакатро пешгирӣ намуд ва ба татбиқи дигаргуниҳо дар иқтисоди кишвар ибтидо гузошт. Ҳукумати ҷумҳурӣ қадамҳои нахустини худро аз таъмини рушду пешрафти устувори иқтисоди миллӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии халқ дар заминаи татбиқ ва рушди механизмҳои иқтисоди бозорӣ оғоз намуд.

Халқи тоҷик ва тамоми тоҷикистониён қадру қимати Ваҳдати миллиро хуб дарк карданд ва фаҳмиданд, ки танҳо аз баракати Ваҳдати миллӣ ва иродаи миллати куҳанбунёду дорои фарҳангу тамаддуни барҷастаи ҷаҳонӣ буд, ки Ватани азизамон аз мушкилтарин ихтилофоти дохилӣ наҷот пайдо намуд ва мо тавонистем давлатдории миллиро дубора зинда кунем.

Бешубҳа сулҳ ва оштии миллӣ муҳимтарин дастоварди таърихи муосири халқи тоҷик, омили наҷоти миллат ва давлатдории миллии он буд. Дар натиҷаи ба даст овардани сулҳу ваҳдат давлати мо ҳифз гашт, миллати мо аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт, сокинони кишвари мо ба зиндагии осоишта расиданд, сохтори давлатӣ шакли комили худро гирифт ва роҳи рушду пешрафти кишвар аз тарафи худи мардум интихоб ва муайян гашт. Тавре ки Сарвари давлатамон дар суханронии худ ба муносибати 20-умин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ таъкид намуда буданд: «Имрӯз зарур аст, ки худи фаҳмиши мафҳуми «Ваҳдати миллӣ» таҳаввул ёфта, он на ба маънои «созишномаи байни ду ҷониби муайян», балки ба маънои Ваҳдат ва ҳамзистии намояндагони тамоми халқҳо, миллатҳо, минтақаҳо, наслҳо ва ақидаҳо дар сатҳи кишвар фаҳмида шавад.Чунин таҳаввул маънои ваҳдати миллиро фарогир ва устувор менамояд. Ва имрӯз, вақте мо дар бораи ваҳдат сухан мегӯем, маҳз ҳамин фаҳмиши васеи онро дар назар дорем».

Бо мақсади таҳкими Ваҳдати миллӣ ва таъмини ҳамзистии бехалали халқҳои сокини кишвар тақвияти худи ниҳоди « ҷомеаи шаҳрвандӣ» дар ҷомеа зарур аст. Ин раванд ҳисси фахру эътиқодӣ «шаҳрванди Тоҷикистон будан»-ро дар худшиносии ҳар як сокини кишвар ба арзиши аввалиндараҷа табдил намуда, онро ҳамчун умумияти муҳимтарини ҳамаи сокинони кишвар, новобаста аз миллат, дин ва ақидаи сиёсиашон ташаккул медиҳад.

Имрӯз кулли тоҷикистониён бо ифтихор ва сарфарозӣ иброз менамоянд, ки маҳз Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ Тоҷикистонро аз партавӣ ҷанги таҳмилиии шаҳрвандӣ раҳо дод ва натиҷаи санадҳои қабул намудаи ин ҷаласаи тақдирсоз моро ба Ваҳдати миллӣ оварда расонид.

Аз ин рӯ, мо тоҷикистониён, бояд ин неъмати бузурги худододиро, ки номаш Истиқлолияти давлатӣ ва миллӣ ҳаст, ҳамаҷониба таҳким бахшида, онро ба шароити муосири ҷаҳонишавӣ мутобиқ намоем.

# РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ XVI СЕССИИ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ФОРМИРОВАНИЯ ИНСТИТУТА ПРЕЗИДЕНТСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Диноршоев Азиз Мусоевич**
заведующий кафедрой конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор

**Сулаймонов Манучехр Субхоналиевич**
ассистент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета

Первые годы становления таджикской государственности прошли в тяжелых политических условиях, когда борьба за власть между различными политическими силами привела к гражданской войне. В таких тяжелых условиях граждане всех регионов республики, выражая чувства исключительной государственной ответственности за восстановление и укрепление основ государственности, совершенствования ветвей власти и обеспечения законности, мира и национального согласия, посредством своих избранников в высших представительных органах страны добились, чтобы 16 ноября 1992 года во Дворце «Арбоб» древнего Худжанда состоялось заседание 16-й сессии Верховного Совета Республики Таджикистан 12-го созыва, которая войдет в историю таджикского народа, как судьбоносная сессия парламента страны .[1]

В ходе данной сессии были приняты ряд решений, которые положили основу для прекращения братоубийственной войны и начала строительства независимого таджикского государства. Одним из таких судьбоносных решений стало избрания 19 ноября 1992 года Э. Рахмона на должность Председателя Верховного совета Республики Таджикистан.

На сессию был также приглашен Президент Р. Набиев, который 20 ноября выступил и заявил, что в целях стабилизации общественно-политической обстановки, прекращения братоубийственной войны готов уйти в отставку. Было признано, что заявление об отставке, сделанное президентом 7 сентября 1992 года, было написано под давлением, в результате угроз и шантажа. Учитывая его выступление, сессия приняла его официальную отставку.

В дальнейшие дни в ходе сессии были решены ряд вопросов государственного значения, в частности преобразование Кабинета Министров в Совет министров с соответствующими полномочиями и избрание его состава. [2]

Также, Председатель Комитета Верховного Совета по законодательству правопорядка и правам человека С. Раджабов внес предложение о необходимости перехода к парламентской форме правления. Депутаты долго дискутировали о форме государственного устройства в республике и предложили временно приостановить президентскую форму правления. После всестороннего обсуждения, сессия 27 ноября 1992 года приняла Закон «О внесении изменений и дополнений в Конституцию». Согласно им, страна перешла к парламентской форме правления, а главой государства становился председатель Верховного Совета.[3]

На основе указанного закона были отменены конституционные положения, подтверждающие факт вхождения Республики Таджикистан в состав СССР, и конституционные положения, касающиеся президентской формы правления. В соответствии с указанными конституционными изменениями был повышен статус президиума Верховного Совета. Так, он имел право вносить изменения и дополнения в действующие законодательные акты, организовывать и упразднять по представлению Правительства министерства и государственные

[1] http://www.president.tj/ru/taxonomy/term/5/154
[2] https://news.tj/ru/news/xvi-sessiya-parlamenta-kak-eto-bylo
[3] https://news.tj/ru/news/xvi-sessiya-parlamenta-kak-eto-bylo

комитеты, назначать и освобождать членов Правительства по представлению председателя Совета министров.[4]

Председатель Верховного Совета приобрел обширные полномочия. Так, основные полномочия президента были возложены на него, в частности он стал главнокомандующим Вооруженными силами, гарантом соблюдения прав и свобод граждан, Конституции и законов, представлял республику внутри страны и за ее пределами, подписывал международные соглашения. Таким образом, президентская республика, образованная в конце 1991 года, была преобразована в парламентскую республику в ноябре 1992 года.

Дальнейшее развитие институтов таджикской государственности, и в частности института президентства связан с разработкой и принятием Конституции независимого Таджикистана. На протяжении 6 лет начиная с 1989 года в Таджикистане шла работа по разработке и принятию новой Конституции. Так, в 1989 году по инициативе ЦК Компартии Таджикистана была начата работа по разработке проекта Конституции. Позднее разработкой проекта Конституции начал заниматься избранный в феврале – марте 1990 года Верховный Совет республики[5]. Провозглашенная 24 августа 1990 года Декларация независимости Таджикской ССР[6] содержала положение о необходимости разработки новой Конституции. На основе данной Декларации Верховный Совет республики 23 августа 1990 года принял Решение «О создании Комиссии по разработке проекта Конституции Таджикской ССР»[7]. Летом 1991 года рабочая группа, созданная Комитетом Верховного Совета по законодательству, праву и обращениям граждан, разработала проект Конституции. Данный проект предусматривал сохранение социалистической республики с приданием ей характеристик правового и демократического государства[8]. Однако работа рабочей группы была прервана под влиянием августовского путча и распада СССР.

В этих условиях были приняты Постановления Верховного Совета «О провозглашении государственной независимости Республики Таджикистан» и «О внесении изменений в Декларацию независимости Таджикской ССР»[9]. Разработка проекта Конституции республики фактически была начата после присоединения Таджикистана к СНГ и выборов президента республики. В январе 1992 года была образована новая комиссия по разработке проекта Конституции. В феврале 1992 года была создана новая рабочая группа. Проект Конституции был опубликован в печати в апреле 1992 года. Однако разразившаяся в стране гражданская война приостановила работу по принятию Конституции.

К вопросу о разработке и принятии новой вернулись после XVI сессии Верховного Совета РТ, где вопрос о принятии новой Конституции рассматривался в качестве одного из основных условий для установления мира в стране.

Началом данного этапа формирования института президентства, можно считать момент проведения XVII сессии Верховного Совета. Как отмечает А. С. Достиев «XVII сессия Верховного Совета Республики Таджикистан приняла Постановление «О внесении изменений и дополнений в Постановление Верховного Совета Республики Таджикистан от 23 августа 1990 года «Об образовании комиссии по подготовке проекта новой Конституции (Основного Закона) Республики Таджикистан», а в ноябре 1993 года Президиум Верховного Совета республики образовал рабочую группу. [10]

---

[4] Более подробно см. Куканов А.З. Форма правления государства Таджикистан: историко-теоретическое исследование. Дисс. на соис. уч. степ. к.ю.н. Душанбе 2012.

[5] Имомов А.И. Указ.соч. С. 169 – 170.

[6] Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1990. № 16. Ст. 236.

[7] Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1990. № 16. Ст. 249.

[8] Имомов А. Процесс подготовки и принятия новой Конституции Республики Таджикистан // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: Философия и право. 1995. № 3. С. 2 – 16.

[9]Ахбори Шурои Олии ЧумхурииТочикистон. 1991. № 18. Ст. 237, 238, 239.

[10] Достиев А. Новая Конституция – зеркало изменений Таджикистана. (на тадж. языке). Душанбе 1997. С.103

Далее он отмечает, что рабочая группа в течение шести месяцев подготовила два проекта Конституции Республики Таджикистан, один из которых отражал основные черты президентской республики, другой был построен с четом характерных черт парламентской республики, что главным образом было связано с наличием в общественном мнении и среди различных социально-политических сил принципиального расхождения по вопросам определения формы правления Республики Таджикистан. В ходе обсуждения проектов на заседании Конституционной комиссии было решено рекомендовать проект Конституции, подготовленный в соответствии с моделью президентской республики. Основные причины выбора этого варианта обусловлены тем, что прежде всего преследовалась цель обеспечения единства и координирования деятельности структур исполнительной власти, а также отсутствие основных компонентов парламентской республики.

На XVIII сессии Верховного Совета председатель Верховного Совета Э. Ш. Рахмонов заявил, что он склоняется также к президентской республике[11]. Президентская республика и реальная власть Президента должны были служить надежным фактором выхода страны из политического, экономического и культурного кризиса, сохранению целостности и единства республики.

С учетом всех этих обстоятельств проект Конституции был опубликован в печати для всенародного обсуждения. В ходе обсуждения проекта Конституции поступило более восьми тысяч предложений относительно улучшения и совершенствования содержания представленного проекта, многие из которых были учтены рабочей группы и Конституционной комиссией.

В процессе обсуждения проекта Конституции, предусматривающей президентскую форму правления, со стороны различных политических сил и социальных групп параллельно были предложены альтернативные проекты. В апреле 1994 года Р. Х. Зоировым был опубликован инициативный проект Конституции. Коммунистами республики был разработан другой альтернативный проект Конституции, предусматривающий парламентскую форму правления при сохранении социалистического пути развития, полновластия Советов. Летом 1994 года в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикистана был подготовлен третий альтернативный проект Конституции, который предусматривал создание федеративного государства с парламентской формой правления и двухпалатным парламентом[12].

В июле 1994 года Конституция Республики Таджикистан 1978 года была подвергнута последнему изменению. На основе закона от 20 июля 1994 года[13] в ст. 103 Конституции было сформулировано положение о конституционных законах. Был принят также закон от 20 июля 1994 года «О конституционной реформе в Республике Таджикистан, порядке принятия и введения в действие Конституции Республики Таджикистан»[14]. Указанный закон заново восстановил должность президента, а также установил дату принятия Конституции и выборов президента — 25 сентября 1994 года. Закон предусматривал также создание Конституционного суда. Позднее, 23 июля 1994 года, был принят закон «О выборах Президента Республики Таджикистан», вступивший в силу 21 июля 1994 года.

В силу нестабильной политической обстановки 7 сентября 1994 года был принят новый закон «О переносе на другое время референдума по принятию Конституции Республики Таджикистан и выборов Президента Республики Таджикистан, внесении изменений в закон “О конституционной реформе, порядке принятия и введения в действие Конституции Республи-

[11] Назриев Д., Сатаров И. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). Год 1993-й. Т. 3. Душанбе, 2006. С. 757.
[12] Имомов А.И. Роль Конституции в создании национальной государственности таджиков. С 188 – 189.
[13]Ахбори Шурои Олии ЧумхуриТочикистон. 1994. № 13. Ст. 193.
[14]Ахбори Шурои ОлииЧумхуриТочикистон. 1994. № 13. Ст. 194.

ки Таджикистан»[15]. На основе данного закона 6 ноября было объявлено днем принятия Конституции и выборов президента.

В итоге 6 ноября 1994 года на всенародном референдуме была принята Конституция Республики Таджикистан, которая предусматривает президентскую форму правления, а также Президентом Республики Таджикистан был избран Э. Ш. Рахмонов (Э. Рахмон).

Правовое положение Президента Республики Таджикистан было закреплено в главе 4 Конституции Таджикистана 1994 года, которая состояла из 9 статей. Говоря о правовом положении Президента Республики Таджикистан в соответствии с Конституцией 1994 года, большинство национальных ученых сходятся во мнении, что в Таджикистане была избрана классическая модель президентства, но с учетом национальных особенностей.[16] Так, было принято решение отказаться от поста вице-президента, вместо него был введен пост Премьер-министра, что как правило свойственно парламентским и смешанным республикам. При этом в соответствии со статьей 64 Конституции Президент Республики Таджикистан являлся главой государства и исполнительной власти (Правительства).

**Литература**:


1. http://www.president.tj/ru/taxonomy/term/5/154
2. https://news.tj/ru/news/xvi-sessiya-parlamenta-kak-eto-bylo
3. Куканов А.З. Форма правления государства Таджикистан: историко-теоретическое исследование. Дисс. на соис. уч. степ. к.ю.н. Душанбе 2012.
4. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1990. № 16. Ст. 236.
5. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1990. № 16. Ст. 249.
6. Имомов А. Процесс подготовки и принятия новой Конституции Республики Таджикистан // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: Философия и право. 1995. № 3. С. 2 – 16.
7. Ахбори Шурои Олии ЧумхурииТочикистон. 1991. № 18. Ст. 237, 238, 239.
8. Достиев А. Новая Конституция – зеркало изменений Таджикистана. (на тадж. языке). Душанбе 1997. С.103
9. Назриев Д., Сатаров И. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). Год 1993-й. Т. 3. Душанбе, 2006. С. 757.
10. Имомов А.И. Роль Конституции в создании национальной государственности таджиков. С 188 – 189.
11. Ахбори Шурои Олии ЧумхурииТочикистон. 1994. № 13. Ст. 193.
12. Ахбори Шурои ОлииЧумхурииТочикистон. 1994. № 13. Ст. 194.
13. Ахбори Шурои Олии ЧумхурииТочикистон. 1994. № 17 - 18. Ст. 298.
14. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе 2007


[15]Ахбори Шурои Олии ЧумхурииТочикистон. 1994. № 17 - 18. Ст. 298.

[16] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе 2007

# ҲУҚУҚИ ИНСОН: ЭЪТИРОФИ ҲУВВИЯТИ ОЗОДИХОҲӢ ВА СУЛҲУ ОСУДАГИИ МАРДУМИ КИШВАР ДАР ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Искандаров З.Ҳ.**

професcори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои асосии давраи барои таърихи халқу кишварамон ниҳоят муҳим – ҳуқуқи инсон, эътирофи ҳуввияти озодихоҳӣ ва сулҳу осудагии мардуми кишвар дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Азбаски баргузории Иҷлосияи 16 - уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътирофи ҳуқуқи инсон, ҳуввияти озодихоҳӣ, сулҳу ваҳдат ва осудагии мардуми кишвар вобастагӣ дошт, мо низ саъй намудем, ки дар ин бора чанде аз фикру мулоҳизаҳоямонро баён намоем.

Худи истилоҳи ҳуқуқи инсон хеле пеш[17] истифода ва дар хидмати мардум гузошта шуда[18], вале дар ҳар давру замон муносибат ба он яксон набуда, охири солҳои 80-уми асри гузашта ба пажуҳишгарони илми муосири ҳуқуқшиносии тоҷик ва манотиқи кишварҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ шароит фароҳам омад, ки ба ин масъала ба таври озоду мустақкил ва эҷодкорона рӯ оваранд. Азбаски то нимаи миёнаи солҳои 80-уми асри XX-ум гуфтору навиштан дар бораи ҳуқуқи инсон чун ғояҳои буржуазӣ пиндошта, маҳдуд шуда буданд, охирҳои ҳамон солҳо чун орзӯи дерину ширин чунон бо тамоми хислатҳояш (дилошӯбу шавқангез) зоҳир гашт, ки ҳатто бо шеърҳо васф карда шуда, ба мисли «Номуси азалро ту аминӣ, ту аминӣ, Дорои ҷаҳонро ту ясорӣ, ту яминӣ, Эй бандаи хокӣ, ту замонӣ, ту заминӣ, Саҳбои яқин дар кашу аз дайри гумон хез! Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез, Аз хоби гарон хез!), аз ҳадду ҳудуди манофеи қонунӣ берун баромад, ки минбаъд сӯистифода намудани озодии дараҷаи бузург ба оқибатҳои вазнин оварда расонид. Озодии бесарҳад моро ба ҷанги шаҳрвандӣ расонид, ки оқибат ҳазорҳо нафарон ҷон доданд, кӯдакон ятиму бесаробон монданд, қариб буд, ки давлат пароканда шавад. Вале Тоҷикистони навин ҳамчун давлат ва қудрати сиёсӣ ба муқобили андешаҳои озодии бесарҳади афрод, ки душманони аҷнабӣ талқин менамуданду «ҷанги ҳама ба муқобили ҳамаро» **(bellum omnius contra omnes)** ба миён меовард, ташаккул ёфт.

Бояд эътироф намуд, ки ҳуввияти озодихоҳӣ ба табиати мардуми мо хос буда, дар миёни халқҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ мо дар қатори аввалинҳо оид ба амали намудани таҳаввулоти созанда қарор доштему зиёиёни пешқадам аз эътирофу дифои ҳуқуқи инсон аз ҷониби давлат ҷасурона ва самимона пуштибонӣ менамуданд. Вазъияти сиёсии бавуқӯъомада дар иттиҳоди Шӯравӣ ва тағйиротҳои демократӣ дар қонунгузории солҳои 1985 – 1991 моро ҳамчун донишҷӯӣ-ҳуқуқшинос ва шаҳрванди як давлати рӯ ба истиқлолият нигаранда, аз як тараф сурур мебахшид, чунки мо умед доштем, ки зиндагии мардуми мо дар шароити демократия озодтару ободтар, ҳуқуқҳои

---

[17] Албатта, агар дар замони Зардушту Гомер, Арастуву Афлотун умуман ҳуқуқ ё ҳуқуқи шахс ба адолати манобеи илоҳӣ дошта монанд карда шавад, имрӯз гарчанде ҳуқуқи инсонро чун фазилати табии одамон арзёбӣ намоем ҳам, бидуни сарчашмаҳои ҳуқуқӣ истифодаву татбиқашон мушкил аст.

[18] Ҳуқуқи инсон ҳамрадифи тамаддуни инсонӣ буда, вай чун талаб ба дигарон ё имконияти шахс, чун хислати ҷудонашавандаи инсонӣ фаҳмида мешавад. Ва ҳамин сифати «ҳуқуқи инсон» мебошад, ки ҷамъият чун қоида рӯ ба инкишоф аст, доираи ҳуқуқи инсон ғанӣ мегардад, маданияти истифодаи он низ ташаккул мегардад. Ана бинобар ҳамин, то ба имрӯз инсоният, ашхоси алоҳида аз паи ҷустуҷӯи қадру қиммати худ буда, қонунияти инкорнашавандаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ мебошад. Даврони раҳои аз тоталитаризм ва барпо намудани ҷамъияти демократӣ шароити мусоид баҳри рушду нумӯи ҳуқуқи инсон муҳайё намудааст.

мо бештар риояву ҳимоя хоҳанд шуд. Вале дере нагузашта эҳсос ва дарк намудем, ки зиёиён, ки ҳуқуқи инсон, озодӣ ва демократияро тарғиб менамуданд, зери таъсироти ифротгароёни исломӣ, маҳалгароёни оштинопазир, мансабталабу шуҳратхоҳон афтоданд ва ё худро оҳиста аз роҳи таҳаввулоти созанда дур намуданд, ки ғамангезу ваҳимовар буд. Оғози ҳуввияти озодихоҳии мардуми моро дар ин марҳилаҳои таърихӣ бо демократиябозӣ, пешбурди амалҳои нопок ва бо ғараз, мансабталошӣ, фиреб, маҳалгароӣ ва таассуби динӣ ва хурофот омезиш дода, раванди ҳодисаҳоро ба сӯи фоҷиаи миллӣ ҳидоят намуданд, ки ҷони ҳазорҳо нафар шаҳрвандон қурбони талқин ва сафсатагӯиҳои наттоқони ҳузновари озодии бардурӯғ ва демократиябозӣ гашта, мардум беихтиёр ба ҷанги хонумонсӯзи гражданӣ кашида шуданд, ҳуввияти озодихоҳии халқамон зарбае ҷонкоҳ дид, оромию субот дар кишвар, заминаҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳастии давлати тоҷикон чун давлати соҳибистиқлол зери осеб ва хатари ҷиддӣ мононда шуда буд.

Тоҷикистон ба оромӣ, осудаҳолӣ, сулҳу ваҳдат, ки асоси бақои давлат ва истиқлолияти он аст, чун обу ҳаво ниёз дошт. Дар чунин як давраи ниҳоят ҳассосу тақдирсоз, мушкил, баргузор шудани Иҷлосияи 16 Шӯрои Олии ҶТ чун дарёи нури озодиву истиқлолият, осудагиву амният маҳсуб меёфт. Аз ҳамин лаҳзаҳо маҳз ҳамон рӯшноии тирагашта, вале намирандаи ҳуввияти озодихоҳии мардум нурафшо гардида, 16 ноябри соли 1992 намояндагони мардуми кишвар, Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шаҳри Хуҷанд баргузор намуданд (Душанбе ноамн шуда буд) ва санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқиеро қабул намуданд, ки дар таърихи давлатдории навини тоҷикон, эътирофи ҳуқуқи инсон нақши бениҳоят муҳим бозидааст. Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 70 санади ҳуқуқӣ, ба мисли Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати Шӯрои Олии ҶТ ба ҳизбҳои сиёсӣ, ҷунбиш ва иттиҳодияҳо, ба ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани 26 ноябри 1992 сол - Рӯзи сулҳ ва оштии миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Шӯрои Олии ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани Указ Президенти ҶТ оид ба ҷорӣ намудани вазъияти фавқулодда ва соати комендантӣ дар шаҳри Душанбе» (27. 11 1992), Қонуни ҶТ «Дар бораи озод намудани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар манотиқҳои даргир ҷиноят содир намуда буданд (25. 11. 1992), қонунҳои ҶТ «Дар бораи Парчами давлатии Тоҷикистон», «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии ҶТ» ва дигарҳо қабул намуд, ки минбаъд барои таъмин намудани ҳуқуқи инсон, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионии ҷумҳурӣ, волоияти қонун, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ заминаи боэътимод гузошт. Дар зери ин санадҳои таърихӣ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов имзо гузошта, масъулиятро ба зимма гирифта, тавонистанд дар муддати муайян неруҳои солими қишрҳои гуногуни ҷомеа ва аксарияти мардумро муттаҳид сохта, баҳри пиёда намудани ғояҳои сулҳ ва оштии миллӣ, бунёди давлати милии демократӣ ва ҳуқуқӣ, таъмин намудани оромию субот, бозпас ба ватан баргардонидани фирориёни азиятдида, барқарор намудани тартиботи ҳуқуқӣ, таъмин намудани риояи ҳуқуқи инсон шаборӯз содиқона хизмат намуданд, ки он ҳеҷ гоҳ аз саҳифаҳои таърих ва хотироти мардуми кишвар зудуда нахоҳад шуд. Маҳз ҳамин Иҷлосия шароит фароҳам овард, ки халқи мо мунтазам дар тӯли солҳои баъдӣ ба дастовардҳои муайян дар соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла дар инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва амалияи он, давлатдорӣ, таъмини риояи ҳуқуқи инсон ноил гардид. Халқи Тоҷикистон бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷорӣ намудани идеяи ҳуқуқи инсон корҳои зиёде, ба мисли қабул намудани Қонуни асосии давлат, ки ҷавобгӯи талаботҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон аст, бунёд ва ҳамоҳанг намудани сохтори давлатӣ, таъмин намудани озодӣ ва суботи мардум, иҷозат додани фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ, ки ба фаъолияти башардӯстона машғуланд, аъзогӣ дар чунин ташкилотҳо, ҳамроҳ шудан ба шартномаҳои байналми-

лалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, эътироф намудани онҳо, пешниҳод намудани ҳисоботи миллӣ оид ба иҷроиши Паймон, эълони маратория ба татбиқи ҷазои қатл, пиёда намудани ислоҳоти судӣ, қабул намудани стандарти давлатӣ оид ба омӯзиши ҳуқуқи инсон, ҷори намудани фанни ҳуқуқи инсон дар мактабҳои миёна ва олӣ ва садҳо корҳои дигарро ба анҷом расонидааст.

Ин дастовардҳоро мо ба насли ҷавони кишвар ҳамеша бояд ёдрас шавем, дар зеҳнаш ҳисси ифтихорӣ миллӣ ва ватанпарастиро устувор созем, чунки ҷавонон нерӯи мутаҳаррик ва зудтағйирёбандаи ҷомеа ҳастанд, ҳақиқатро ба онҳо бо эҳтиёт ва боварибахш фаҳмонидан ва масъулияташонро дар назди Ватану миллат доимо зикр намудан зарур аст. Гузашта аз ин, пеш аз ҳама мо ҳуқуқшиносон бояд чунон рафтору зиндагӣ намоем, ки намунаи риояи қонун ва адлу инсоф, ҷавонмардӣ буда, аз дуруғгӯӣ, фиребгарӣ, чоплусиву хушомадзанӣ дур бошем, мушкилиҳои зиндагиро бо тарзу усулҳои қонунӣ ҳаллу фасл намоем. Амалҳои ноҷо ва қонуншиканиҳо, ба хусус аз тарафи ҳуқуқшиносон боиси ноустувор гаштани мавқеи шаҳрвандии ашхоси ҳуқуқҳояшон поймолгашта мегардад. Ва ҳамчунин метавонад заминаи ба афкору амалҳои созмонҳои тундрав майл кардани ашхоси ҷавон, бетаҷриба ва соддаи аҳолӣ гардад.

Хушбахтона, имрӯз вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар кишвари азизи мо уствор, умедбахш ва мустаҳкамтар гардида, ба марҳилаҳои нави худ – бебозгашт ба марҳилаи бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёду адолатпарвар ворид гаштааст. Танҳо дар шароити мусоид, яъне риояи реҷаи қонуният, муносибати одилона ва таъмин намудани зиндагии арзанда тафаккури солим ва созанда ташаккул мёбад ва ҳар як афроди ҷомеаро фаро гирифта, моро ба саодатмандӣ ва комёбиву дастовардҳои нав ба нав мерасонад.

Қарорҳои сарнавиштсози Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи ҳуввияти озодихоҳӣ ва осудагии мардуми кишвар буда, барои таҳкиму сулҳу ваҳдат ва Истиқлолияти давлатӣ ва дар заминаи осудагию оромӣ таъмин намудани риояи ҳуқуқи инсон нақши ҳалкунанда бозидааст. Мо ҳамаи шаҳрвандони кишвар, миллатҳои гуногуни маскуни Тоҷикистон, фарзандони ҳамин Ватан буда, вазифаи виҷдонӣ, инсонӣ ва таърихиамон ин аст, ки дӯстона ва бародарона зиндагонӣ намоем, Ватани хешро обод намоем, ормию суботро дар кишвари ягонаамон ба мисли гавҳараки чашм нигоҳ дошта, насли навро дар рӯҳияи эҳтироми инсон, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, манфиати ҷомеаву давлат, тартиботи қонунӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, меҳнати ҳалолу покиза тарбия намоем.

# ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: СИПАРИ СУЛҲУ СУБОТИ КИШВАР

**Маҳмадов С.А.**
дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ

**Ҳасан Шоинов**
муалими калони кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

*Дар таърихи ҳар миллат рӯйдодҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки дар сарнавишти минбаъдаи он нақши ҳалкунанда доранд. Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи ҳамин гуна рӯйдодҳои сарнавиштсоз аст, ки барои раҳоии давлати нав баистиқлолрасидаи мо аз оташи ҷанги харобиовар ва ҳамчунин барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам овард.*

Эмомалӣ Раҳмон

Соли равон сокинони сарбаланди Тоҷикистон бо шукргузорӣ аз сулҳу субот, ваҳдат ва озодиву шукуфоии Ватани маҳбубамон бузургтарин санаи таърихӣ 25-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн мегиранд.

Қобили қайд аст, ки расидан ба сулҳу субот дар Тоҷикистон басо мушкилу мураккаб буда, хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, вусъат бахшидани музокироти сулҳ ва таҳкими оромиву суботи ҷомеа ба Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зич алоқаманд аст. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ кашида шуд.

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти ҳадафҳои олии давлати соҳибистиқлол дар давраи басо душвори сиёсии ҷомеа бо мақсади таъмини ҳарчӣ зудтари сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон, наҷот додани миллат, ҳифзи якпорчагии давлати мустақили Тоҷикистон, муҳайё намудани шароит ва заминаи мусоид барои барқарор намудани иқтисодиёти бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгашта ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон баргузор гардида буд. Ин санаи фархунда барои ҳамаи мо тоҷикистониён мояи ифтихор, масъулияти бузург ба хотири ояндаи нек мебошад.

Баъди ҳазор сол, соли 1992 ҳамин гуна вазъи мураккаби сиёсӣ ба зимаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афтод.

Зимоми давлатдориро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зимаи худ гирифта, қадамҳои нахустини давлатдориро аз сулҳу субот оғоз намуда, ба муваффақиятҳои бузурги таърихӣ ноил гардид.

Аввалин коре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он даст зад, эҳёи органҳои қонунии ҳокимият, риоя ва низоми қонун, амнияти шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити зисту зиндагӣ ба ҳисоб меравад. Омили дигар сифатҳои комилан нав гирифтани вазъи сиёсии мамлакат мебошад. Дар ин давра аз соли 1992 сар карда масъалаи хомӯш намудани ҷанги шаҳрвандӣ ба миён омад.

Аз дигар масъалаҳое, ки баъди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад ин самти солим нигоҳ доштани фазои сиёсии мамлакат буд.

Тоҷикистони азизи мо таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сӯи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дилпурона пеш меравад ва дар ҷодаи бунёдкориву созандагӣ қадамҳои устувор мегузорад. Сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, сарҷамъиву ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа рӯз ба рӯз густариш ёфта, ба шарофати ин раванди нек сатҳи зиндагии мардум торафт баланд мегардад.

Воқеан, истиқлолият ҳамон вақт маъниву моҳияти ҳақиқӣ пайдо мекунад, ки ҳар фарди ҷомеа, онро қадр карда, ин неъмати муқаддасу бебаҳоро ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ҳифз намоянд. Бо дарназардошти вазъи ҳасосу мураккаби ҷаҳони имрӯза амал карда, ҳамчун нерӯи пешбари ҷомеа мардумро ба ободониву созандагии Ватан, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва ҳифзу таҳкими бузургтарин дастовардҳои таърихи навини халқамон – Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ раҳнамоиву сафарбар менамоянд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: “Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри Истиқлолият ва осудагиву ваҳдат расидан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки танҳо ба туфайли онҳо мо метавонем давлати воқеан муқтадиру тавоноро бунёд кунем”.

Ин суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шиори мо Тоҷикистониён дар роҳи ватандӯстиву созандагист.

истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти воқеӣ беҳтарин дастовади таърихи миллати тамаддунофари тоҷик ба ҳисоб меравад. Бале, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки оғози фаъолияти давлатдории худро ба ҳайси сарвари он шурӯъ намуд, расман ва ба тариқи оммавӣ чунин изҳор дошта буд: «Ман кори худро аз сулҳ оғоз карда, ба мардуми азияткашидаи кишварам сулҳу оромӣ меорам» ва ин қавли худро дар натиҷаи заҳмату ҷонбозиҳои шабонарӯзӣ пурра ва сарбаландона дар амал татбиқ намуд. Моро зарур аст,ки дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам муттаҳид гардида, нагузорем, ки сулҳу ваҳдат ва неъматҳои пурарзиши онро душманону хоинони дохилию хориҷи ба манфиати худ истифода кунанд.

Мо миллати қадима ва соҳибтамаддун дар даврони озодӣ ва соҳибистиқлолии кишвари азизамон, бо шарофати заҳматҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарифи Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисодию сиёсӣ, илмию фарҳангӣ ва техникиву истеҳсолии мамлакат ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин зимни вохӯриашон бо чавонон қайд намуда буданд, ки «Ҷавонон бояд сабаққои истиқлолиятро омӯзанд, аз равандҳои солиму носолими сиёсати имрӯза огоҳ бошанд, таърихи гузаштаю ҳозираи халқи худро гаштаю баргшта варақ зананд ва аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд».

Баъди баргузории Иҷлосияи XVI –уми Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳон эълон намуд, ки ҷонибдори роҳи қонунии инкишофи минбаъдаи ҷомеа, арзишҳои волои ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои тарафайн бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар асоси принсипҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Имрӯз вақт моро аз Иҷлосияи тақдирсоз дур барад ҳам, ҳамон андоза аҳамияти бузурги таърихӣ ва сарнавиштсози он барои миллати тоҷик бештар аён мегардад.

Пас аз баргузории Иҷлосияи XVI –уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон миллати тоҷик бори дигар имкон пайдо намуд, ки дилпурона дар шароити сулҳу ваҳдати миллӣ ба эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ шурӯъ намуда, дар ин ҷода ба муваффақиятҳои баланди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гардид.

Воқеан баъди Иҷлосияи XVI –уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин миллат соҳиби давлати ягона ва маърифати олӣ гардид.

Дар ҳақиқат нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳ ва далатдориву давлатсозии тоҷикон хеле бузург ва арзишманд мебошад.

Тахти Қубоду Сомон, эй шаҳ ба бар гирифтӣ,
Хуш Хусравонӣ тоҷе, акнун ба сар гирифтӣ.
Нуру зиё бубахши бо нури чеҳраи худ,
Сулҳу суботи кишвар бо худ сипар гирифтӣ.

**Адабиёт.**


1. Раҳмонов Э.Ш. Роҳи раҳоӣ аз бӯҳрони азими ҳамагонӣ. Душанбе – 1993.
2. Суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2012.

# ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАРТАВИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамолзода С.С.**
муовини директори Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, корманди шоистаи Тоҷикистон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «Прокуратура аз рӯйи ваколатҳои конститутсионии худ дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи махсус дорад. Риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро маҳз ҳамин сохтор назорат мекунад»[19].

Ба ҳамагон маълум аст, ки мақомоти прокуратура дар солҳои аввали Истиқлолият ҷиҳати ором кардани вазъи мураккаби сиёсию ҷамъиятӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои давлату ҷамъият, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ, пурзур кардани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо, халъи силоҳ, баргардонидани гурезаҳо ба макони зисти доимиашон, таъмини реҷаи қонуният ва волоияти қонун дар кишвар нақши муҳимро иҷро кард.

Қайд кардан бамаврид аст, ки заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ барои рушду тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти прокуратура маҳз дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ фароҳам оварда шудаанд.

Ҳангоми таҳия ва қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии кишвар 6 ноябри соли 1994 бо вуҷуди кушишҳои тақлид ба қонунгузориҳои аврупо ва ғарбикунонии сохтору вазифаҳои мақомоти прокуратура, ки асосан тавассути баъзе ташкилотҳои байналмилалӣ тарғиб карда мешуданд, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти прокуратура боби алоҳида (боби нӯҳум), ки аз панҷ модда (моддаҳои 93-97) иборат мебошад бахшида шуд[20].

Барои қиёс, дар Конститутсияи Федератсияи Русия, ки аз 25 декабри соли 1993 амал мекунад, мақоми прокуратураи Федератсияи Русия дар боби алоҳида пешбинӣ нашуда, он дар боби 7-ум, ки «Ҳокимияти судӣ» ном дошт, дохил карда шуда, ҳамагӣ аз як модда ва панҷ қисм (моддаи 129) иборат буд.

Баъдан бо Қонуни Федералии конститутсионии ФР аз 5 феврали соли 2014 №2-ФКЗ дар Конститутсия ба боби-7-ум илова ворид карда шуда, он «Ҳокимияти судӣ ва прокуратура» ном гирифт[21].

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон (1994), фаъолияти прокуратураи ин давлатро боби алоҳида не, балки боби (қисми) 7-ум, ки ба «суд ва адолати судӣ» бахшида шудааст, танҳо бо як моддаи 83 ба танзим даровардааст[22].

Дар Конститутсияҳои дигар давлатҳои пасошуравӣ ва ИДМ, аз ҷумла дар Конститутсияи Ҷумҳурии Узбекистон[5],[23] ки соли 1992 қабул карда шудааст, Конститутсияи

---

[19] Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд.- Ҷилди 2, Душанбе, 2001, с.278.

[20] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 тавассути райъпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда, ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути райъпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

[21] Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993) (с учетом поправок, внесенных Законами РФ о поправках к Конституции РФ от 30.12.2008 N 6-ФКЗ, от 30.12.2008 N 7-ФКЗ, от 05.02.2014 N 2-ФКЗ, от 21.07.2014 N 11-ФКЗ). Сомонаи интернетї: https://ru.wikipedia.org/wiki/Конституция_Российской_Федерации

[22] Конституция Республики Казахстан. Принята на референдуме 30 августа 1995 года. (с изм. и доп. 1998, 2007, 2011 г.г.) Сомонаи интернетї: http://www.constitution.kz/

Ҷумҳурии Беларус,[24] ки соли 1994 қабул карда шудааст, низ ба прокуратура боби алоҳида бахшида шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии Хитой (соли 1982) бошад ба Суди халқӣ ва Прокуратураи халқӣ як боби (параграфи) 7-умро бахшидааст[25].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 93) ваколатҳои асосии Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи онро мушаххас муқаррар кардааст, ки он иборат аз «назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон» мебошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Узбекистон (моддаи 118) низ ваколатҳои прокуратура айнан муқаррар карда шудааст.

Вале, дар Конститутсияи Федератсияи Русия меъёре, ки ваколатҳои прокурор, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратураро муайян намояд, пешбинӣ нашуда, ҳавола карда шудааст, ки ин масъалаҳоро қонуни федералӣ муайян менамояд[26].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Беларус (моддаи 125) ваколатҳои прокуратура нисбатан васеътар пешбинӣ шудааст. Мутобиқи он, «назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, декретҳо, фармонҳо ва дигар санадҳои меъёрии аз ҷониби вазоратҳо ва дигар мақомотҳои тобеи Шӯрои Вазирон қабул карда мешаванд» ваколати мақомоти прокуратура мебошад.

Тибқи моддаи 83 Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон низ ваколатҳои прокуратура нисбатан васеътар муқаррар карда шудааст, яъне «Прокуратура аз номи давлат назорати олии риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар меъёрҳои ҳуқуқиро дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба амал меборад, қонуниятро дар фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтиш, истеҳсолоти маъмурӣ ва иҷро (назорат намуда- эзоҳи муаллиф), барои ошкор ва бартараф намудани ҳама гуна вайронкуниҳои қонун чораҳо меандешад, инчунин ба қонунҳо ва дигар асноди ҳуқуқие, ки мухолифи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ мебошанд, эътироз меорад».

Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии Хитой низ ваколатҳои Прокуратураи халқиро муқаррар кардааст ва он «мақомоти давлатии назорати риояи қонунҳо мебошад» (моддаи 129).

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 94) ҳамзамон, низоми ягонаи марказонидашудаи Прокуратураи Тоҷикистон ва сарварӣ кардани онро аз ҷониби Прокурори генералӣ муқаррар карда, дар назди Маҷлиси Миллӣ ва Президент масъул будани Прокурори генералиро пешбинӣ менамояд.

Чунин тартиб дар Конститутсияи ФР (моддаи 129), Конститутсияи ҶБ (моддаи 126), Конститутсияи РҚ (моддаи 83) ва Конститутсияи ҶУ (моддаи 119) низ пешбинӣ шудааст.

Аммо дар ҶХХ мақомоти прокуратура дорои низоми ягонаи марказонидашуда нест. Мувофиқи Конститутсияи ин кишвар (моддаи 133) прокуратураи Олии халқӣ ба Маҷлиси Умумихитоии намояндаҳои халқ ва Кумитаи доимии Маҷлиси Умумихитоии намояндаҳои халқ масъул буда, прокуратураҳои халқии маҳаллӣ дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва прокуратураҳои болоӣ масъул мебошанд.

Тартиби ба вазифа таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро низ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Чунончӣ, банди 9

---

[23] Конституция Республики Узбекистан. Принята 8 декабря 1992 года на одиннадцатой сессии Верховного совета Республики Узбекистан двенадцатого созыва (с изм. и доп. 2003, 2007, 2008, 2011, 2014г.г.) Сомонаи интернетӣ: http://constitution.uz/ru

[24] Конституция Республики Беларусь 1994 года (с учетом поправок, принятыми на республиканских референдумах 24 ноября 1996 г. и 17 октября 2004 г.) Сомонаи интернетӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Конституция_Белоруссии

[25] Конституция Китайской Народной Республики 1982 года (с изм. 1988, 1993, 1999, 2004 гг.) Сомонаи интернетӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/ Конституция_ Китайской_ Народной Республики

[26] В.Ф.Крюков Прокурорский надзор, 2-издание, Издательство Норма, Москва, 2008, с.78

моддаи 69, ки салоҳияти Президентро пешбинӣ намудааст, Президенти кишвар «бо ризоияти Маҷлиси Миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад».

Мутобиқи Конститутсияи ФР (моддаи 129) Прокурори генералии ФР-ро Шӯрои Федератсия бо пешниҳоди Президенти ФР ба вазифа таъин ва озод мекунад. Дар Узбекистон (моддаи 93 Конститутсияи ҶУ) Президент Прокурори генералиро таъин ва Сенати Маҷлиси Олии ҶУ тасдиқ менамояд. Дар ҶХХ бошад, Прокурори генералии прокуратураи Олии халқиро Маҷлиси Умумихитоии намояндаҳои халқ интихоб мекунад.

Ба муҳлати 5-сол таъин шудани Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ Конститутсия (моддаи 95) пешбинӣ кардааст.

Мувофиқи Конститутсияи Хитой (моддаи 130) Прокурори генералии прокуратураи Олии халқӣ наметавонад ин вазифаро бештар аз ду муҳлат пайдарҳам иҷро намояд. Ҳамин тартиб дар Конститутсияи Ҷумҳурии Армения низ пешбинӣ карда шудааст.

Дар ҳамин ҳошия бояд қайд кард, ки қисми 2 ҳамин модда ваколати Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оиди таъин ва озод намудани прокурорҳои тобеи худ дақиқ намуда, ваколатҳои прокурорҳои поёниро низ бобати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо муқаррар кардааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Армения (моддаи 177) мақомоти ягона будани прокуратураи ҶА-ро муқаррар карда, аз ҷониби Маҷлиси Миллӣ бо пешниҳоди комиссияи доимии Маҷлиси Миллӣ таъин кардани Прокурори генералиро ба муҳлати шаш сол пешбинӣ кардааст, вале таъин кардан ва ваколати прокурорҳои поёниро оиди назорати риоя ва иҷрои қонунҳо муқаррар накардааст[27].

Барои пешгирии таъсир расонидан ба фаъолияти прокурорҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 96) муқаррар кардааст, ки «Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд». Конститутсияҳои Ҷумҳуриҳои Беларус, Узбекистон ва Қазокистон низ ҳамин тартибро муқаррар кардааст.

Конститутсияи ҶҚ (қисми 3 моддаи 83) бошад, дахлнопазирии Прокурори генералиро дар давраи муҳлати фаъолияташ пешбинӣ карда, муқаррар кардааст, ки «бе розигии Сенат ба ҳабс гирифта намешавад, маҷбуран оварда намешавад, ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида намешавад».

Конститутсияи Хитой (моддаи 131) муқаррар кардааст, ки Прокуратураҳои халқӣ дар доираи муайяннамудаи қонун, бе дахолати мақомотҳои маъмурӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони хусусӣ мустақиман назоратро ба амал мебароранд.

Конститутсияи Тоҷикистон (моддаи 97) пешбинӣ намудааст, ки «Прокурор наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад, ба истисноӣ фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ».

Дар Конститутсияҳои ҶБ, ҶҚ, ФР моддаи алоҳида оиди вазифаи дигарро иҷро карда натавонистани прокурор пешбинӣ нашуда, чунин маҳдудият дар Қонунҳои миллии ин давлатҳо дар бораи мақомоти прокуратура муқаррар карда шудааст.

Дар Конститутсияи Тоҷикистон (қисми 2 моддаи 95) пешбинӣ шудааст, ки «фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад». Чунин тартибро Конститутсияҳои қариб ҳамаи давлатҳои пасошӯравӣ пешбинӣ кардааст. Вале қонуни «конститутсионӣ»-ро танҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

---

[27] Конституцию Республики Армения от 5 июля 1995 года (с изменениями 2005 и 2015 г.г.) Сомонаи интернетӣ: http://www.parliament.am/law_docs5/06122015.pdf

**Адабиёт:**


1. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд.- Ҷилди 2, Душанбе, 2001, с.278.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 тавассути райъпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда, ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.
3. Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993) (с учетом поправок, внесенных Законами РФ о поправках к Конституции РФ от 30.12.2008 N 6-ФКЗ, от 30.12.2008 N 7-ФКЗ, от 05.02.2014 N 2-ФКЗ, от 21.07.2014 N 11-ФКЗ). Сомонаи интернетӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Конституция_Российской_Федерации
4. Конституция Республики Казахстан. Принята на референдуме 30 августа 1995 года. (с изм. и доп. 1998, 2007, 2011 г.г.) Сомонаи интернетӣ: http://www.constitution.kz/
5. Конституция Республики Узбекистан. Принята 8 декабря 1992 года на одиннадцатой сессии Верховного совета Республики Узбекистан двенадцатого созыва (с изм. и доп. 2003, 2007, 2008, 2011, 2014г.г.) Сомонаи интернетӣ: http://constitution.uz/ru
6. Конституция Республики Беларусь 1994 года (с учетом поправок, принятыми на республиканских референдумах 24 ноября 1996 г. и 17 октября 2004 г.) Сомонаи интернетӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Конституция_Белоруссии
7. Конституция Китайской Народной Республики 1982 года (с изм. 1988, 1993, 1999, 2004 гг.) Сомонаи интернетӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/ Конституция_ Китайской_ Народной Республики
8. В.Ф.Крюков Прокурорский надзор, 2-издание, Издательство Норма, Москва, 2008, с.78
9. Конституцию Республики Армения от 5 июля 1995 года (с изменениями 2005 и 2015 г.г.) Сомонаи интернетӣ: http://www.parliament.am/law_docs5/06122015.pdf

# ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН САРЧАШМАИ ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

**Холмуҳаммадзода Азизмуҳаммад Холмуҳаммад**
Раиси Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавқеи таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳуқуқӣ то кунун дақиқан арзёбӣ нагардидааст. Вале ҳаёти 25-солаи ҷомеаи Тоҷикистон собит намуд, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бешубҳа, яке аз дастовардҳову рӯйдодҳои муҳими таърихи давлатдории миллати куҳанбунёди мо ва таърихи навини Тоҷикистони соҳибихтиёр мебошад. Зеро маҳз Иҷлосияи мазкур вазъи сиёсии Тоҷикистони нав соҳиби Истиқлолияти давлатӣ гардидаро ба эътидол оварда, онро аз оташи ҷанги бародаркуш наҷот бахшид, Истиқлолияти давлатӣ, якпорчагӣ, ягонагӣ ва соҳибихтиёрии ҷумҳуриро ҳифз намуд, онро дар харитаи ҷаҳон ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр нигоҳ дошт, волоияти қонунро таъмин намуд, барои рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа заминаи мусоид фароҳам овард ва ҷиҳати барпо намудани ҷомеаи адолатпарвар, давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ пойдовери мустаҳками сиёсиву ҳуқуқӣ гузошт.

Маҳз хизмати пурарзиши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки ҳокимияти конститутсиониро дар мамлакат барқарор намуда, ба мақоми Сардори давлат сиёсатмадори боғайрату дурандеш, ватандӯсту миллатпарвар Эмомалӣ Раҳмонро овард, ки ӯ аз рӯзҳои аввал тамоми ҳастии хеш ва тақдири худро бо ҳастии давлату миллати хеш пайваста, дар атрофи худ қувваҳои солими миллатдӯсту ватанхоҳи ҷомеаро муттаҳид намуда, дар муҳлати кӯтоҳтарин дар Тоҷикистон оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш намуд, вазъи сиёсиро ба эътидол овард, сулҳу салоҳро пойдор гардонид, Тоҷикистонро аз вартаи фалокат - оташи ҷанги шаҳрвандӣ наҷот дод, онро ҳамчун давлати сулҳхоҳу адолатпарвар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ сохт ва ба ҳамватанон умед баояндаи нек бахшид.

Дар мувофиқа бо рӯҳияи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакат мо, тоҷикон тавонистем, ки таҳти роҳбарии сарвари матинипродаи хеш, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҷаҳониён собит намоем, ки ҳалли низоъҳои дохилӣ ва минтақавӣ, сарфи назар аз ҳама душвориву мушкилот имконпазир аст, танҳо ақли солим, азму иродаи ҷонибҳои мухолиф, ҳадафи волои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва бартарии манфиатҳои умумидавлатӣ нисбат ба манфиатҳои гурӯҳӣ метавонанд сулҳро дар мамлакат пойдор созанд. Яъне ба башарият таҷрибаи ибратомӯзи “Сулҳи тоҷикон” - бо роҳи осоишта хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва мунокишаҳои сиёсиро тақдим намудем.

Боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аст, ки имрӯзҳо таҷрибаи “Сулҳи тоҷикон” аз ҷониби мутахассисони соҳа ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ омӯхта мешавад, он ҳамчун сарчашмаи бебаҳо барои аз байн бурдани кашмакашиҳо ва ихтилофоти сиёсӣ дар дигар минтақаҳои сайёра истифода мегардад.

Хушбахтона, имрӯз Тоҷикистонро аксари давлатҳои дунё ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳамчун маркази сулҳу адолат мешиносанд ва пешниҳодҳои онро дар масъалаҳои умумибашар ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

Бояд зикр намуд, ки Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба осонӣ муяссар нигардидааст. Зеро, чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ берун аз он душманони миллати тоҷик ва давлати соҳибистиқлолу мустақили он буданд, ки намехостанд Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон арзи вуҷуд намояд, соҳибихтиёру озод бошад, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардад ва барои оғоз наёфтани он тамоми аксуламалҳоро раво медиданд. Вале онҳое, ки барояшон тақдири миллату давлати тоҷик аз манфиати шахсӣ ва гурӯҳӣ боло буд, ба заковати мардуми аъзияткашида боварӣ доштанд ва дар он ақида буданд, ки Иҷлосия, бешубҳа

ҷанги шаҳрвандиро дар мамлакат қатъ гардонида, ба тинҷиву оромӣ дар ҷумҳурӣ оғози нав мебахшад.

Қувваҳои сулҳхоҳу дӯстони хориҷиамон низ дар як соҳил бо фарзандони бонангу номуси миллати куҳанбунёду сулҳофаринамон буданд ва беғаразона тамоми чораҳоро меандешиданд, ки оташи ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон ҳарчи тезтар хомӯш гардонида шавад. Аз ин рӯ, аз рӯзҳои аввал иқдомҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси тозаинтихоби он - Эмомалӣ Раҳмон дар бораи қатъи ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат, ба эътидол овардани вазъи сиёсии он, баргардонидани гурезаҳо ба Ватан, бунёди ҷомеаи адолатпарвар, давлати соҳибихтиёри демократӣ дар Тоҷикистон диққати тамоми сиёсатмадорони шинохта ва созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавиро ба худ ҷалб намуд, аз ҷониби ҷомеаи ҷ аҳон, парламенту мақомоти дигари давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ дастгирии ҳамаҷониба ёфт. Тасдиқи ин хулоса, барқияи Созмони Милали Муттаҳид ба унвони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он омадааст:

“Мамолики аъзои Созмони Милали Муттаҳид ба кори Шумо бодиққат назорат мекунад. Дар доираҳои асосӣ чунин мешуморанд, ки маҳз Шумо масъулияти таърихиатонро эҳсос намуда, ба парокандашавии Тоҷикистон, ҳамчун аъзои комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид роҳ намедиҳед ва минбаъд ба Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, ба ғояҳои озодӣ, сулҳ ва адолат содиқ хоҳед монд...”

Бояд эътироф намуд, ки аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими қонунгузории мамлакат ва рушди минбаъдаи он бебаҳо мебошад. Зеро он дар радифи Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳия ва қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол заминаи пойдори ҳуқуқӣ гузошт. Бо роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷалби тамоми нерӯҳои зеҳнии ҷомеа бо назардошти манфиатҳои олии ҷумҳурӣ ва сокинони кишвар, анъанаҳои қадимаи таърихиву фарҳангӣ ва суннатҳои хоси миллиамон, дар заминаи таҷрибаву дастовардҳои инсоният бахри бунёди ҷомеаи демокративу адолатпарвар, лоиҳаи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёр таҳия гардид, ки он дар тафовут аз конститутсияҳои даврони шӯравӣ бори аввал халқи Тоҷикистонро қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон эълон намуд, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро муқаддас шуморид, ҳаёт, қадр, номус, озодӣ, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро, ки ба ҳаёти шахсии ӯ алоқаманд мебошанд, дахлнопазир эълон дошт, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф кард ва бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифагузорӣ намуд.

6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, асосҳои сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сохтори давлатӣ ва моҳияти Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян кард. Дар мувофиқа бо Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи мо муқаррар намуд, ки Тоҷикистон ба ҳар як шахс шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Қонуни асосии кишвар бори нахуст халқи Тоҷикистонро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон намуда, дақиқ гардонид, ки ҳаёти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад, ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ амалӣ мегардад, асоси иқтисодии Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, барорбарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро давлат кафолат медиҳад, Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд, қонун ё дигар санади ҳуқуқии хилофи Конститутсия эътибори ҳуқуқӣ надорад, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ гардида, онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти

қонунгузор, иҷроия ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд.

Конститутсияи мо бори аввал санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии мамлакат эълон намуд ва муқаррар кард, ки дар сурати номувофиқатии қонуни ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Ҳамин тариқ, тавре Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5 ноябри соли 2009 дар суханронии худ ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистон зикр намуданд: «Конститутсия роҳи рушди ояндаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро муайян намуда, заминаҳои асосии сохтори давлатӣ ва низоми сиёсиро фароҳам овард ва барои бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, таҳкими минбаъдаи дастовардҳои истиқлолият, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, татбиқи ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ ва нақшаву лоиҳаҳои созанда ва дар натиҷаи ин ҳама болоравии нуфузу эътибори кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ пойдеворӣ боэътимод гузошт».

Аз ин рӯ, Конститутсияи мо, аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ ва олимони соҳа ҳамчун ҳуҷҷати нодири ҳуқуқии фарогири тамоми принсипҳои ҷомеаи адолатпарвар, демократӣ ва ҳуқуқбунёд эътироф гардида, он ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи қонуни асосии давлатҳои дигар истифода мегардад, ки ин мояи ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад.

Маҳз муқарраротҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конститутсияи мамлакат буданд, ки дар сарзамини тоҷикон сулҳу амонӣ, назму суботи ҷомеа, сарҷамъии миллат ва ваҳдати миллӣ таъмин гардида, дар дили мардум шӯълаи умед ба ояндаи давлат ва миллат пайдо шуданд, ҳамватанони гуреза аз хориҷи кишвар ба хонаҳояшон баргарштанд, барои барқарор намудани фаъолияти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини шароити мусоид барои рушди минбаъдаи ҷомеаи тоҷик тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ гузоштанд ва марҳилаи нави рушду нумӯи Тоҷикистони азизро бунёд намуданд.

Ҳамин тавр, Иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он қабул гардидани Конститутсияи фарогири манфиатҳои тамоми сокинони кишвар, сарчашмаи эҳёи давлатдории навини тоҷикон мебошанд. Зеро мо, тоҷикон танҳо ба шарофати Иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олии мамлакат ва қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони сиҳибистиқлол тавонистем давлату миллиамонро аз вартаи нобудшавӣ наҷот диҳем, тамомияти арзии онро ҳамчун давлати ягона нигоҳ дорем ва дар шароити сулҳу ваҳдати миллӣ дилпурона сӯи бунёди ҷомеаи шаҳрвандиву адолатпарвар раҳсипор гардем.

Аз ин рӯ, мо, фарзандони Тоҷикистони азиз, вазифадорем, ки ҳар як дастоварди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намоем, ҳурмату эҳтироми ҳамаи онҳоеро, ки ташкилкунанда ва иштирокчии ин чорабинӣ буданд, пос дорем, манфиатҳои умумимиллӣ - ҳимояи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, якдиливу ҳамбастагии сокинони кишвар, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таъмини рушди устувори Тоҷикистони соҳибихтиёрро аз манфиатҳои шахсӣ, маҳалливу гурӯҳӣ ва ҳизбии хеш боло гузорем, масъулияти шаҳрвандии худро дар назди халқу Ватан амиқ эҳсос намуда, дар пешрафти Ватани азизамон саҳми босазо гузорем.

Ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои 90 - уми асри XX ба мо, тоҷикон ва наслҳои ояндаамон, бояд дарси ибрат бошанд.

Аз имконияти мувофиқ истифода бурда, тамоми сокинони мамлакатро ба 25-умин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон табрику таҳният мегӯям, ба якояки онҳо осмони соф, сиҳативу саломатӣ, рӯзгори бофайз, фарзандони солеҳи ватандӯсту инсонпарвар, ба Тоҷикистони азиз суботу оромӣ ва сулҳу ваҳдати ҳамешагӣ орзумандам.

## НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

**Сангинов Дониёр Шомаҳмадович**
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

Соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон як навъ санҷиши таърихиест, ки насиб гардидааст. Дар замони истиқлолият дар Тоҷикистон амалҳои гуногун рух додаанд. Онҳоро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мункин аст. 1. Амалҳое, ки монеаи рушду нумӯъи истиқлолият буданд; 2. Амалҳое, ки баҳри рушди истиқлоли кишвар хизмат намудаанд. Амалҳои иртиҷоӣ ва монеавӣ дар инкишофи истиқлолияти Тоҷикистон хеле мураккаб ва зиёд рух додаанд. Иртиҷоитарин ва хавфноктарини онҳо моҷароҳои сиёсӣ буданд, ки дар сатҳи баландтарин – ҷанги ҳамватанӣ ба амал омадаанд. Амалҳое, ки дар замони истиқлолият баҳри ҳимоя ва инкишоф ба харҷ омадаанд низ чандон кам нестанд. Бартараф намудани монеаҳои инкишофи мутаносиб, ҳалли зиддиятҳо ва муқовимати оштинопазир аз ҷумлаи инҳоянд[28].

Беҳтарин ва муҳимтарин амал баҳри рушди истиқлолияти кишвар 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанди бостонӣ баргузор гардидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) мебошад. Ин иҷлосия ва асноди ҳуқуқии он дар ҳифзи давлатдории миллӣ ва инкишофи ниҳодҳои демократӣ дар Тоҷикистон нақши муайянкунанда бозид. Дар он шабу рӯз роҳбарияти нави Тоҷикистон, пас аз омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият ба мақсади раҳоии кишвар аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кори мақсадноку самароварро оғоз кард. Дар пеш вазифаҳои гуногунро гузошта буд, ки яке аз онҳо такмил додани қонунгузории миллӣ баҳисоб мерафт. Иҷлосияи 16-ум дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун гардиши кулӣ ба сӯйи хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, пойдории миллати тоҷик, шаклдиҳии давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар Точикистон ворид шуд. Маҷмӯи асноди меъёриву ҳуқуқии Иҷлосияи 16 шаҳодати ҷонибдории мақомоти роҳбарии ҷумҳурӣ аз роҳи демократии пешрафт будан. Табиист, ки таҳкими конститутсионии волоияти қонун, усули таҷзияи ҳокимият, таъмини пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, усули плюрализми идеалогӣ ва сиёсӣ ва як қатор муқарраroти дигар ҷустуҷӯи роҳои босамару сифатноки татбиқи ҳаётии онҳо ва таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи таҷрибаи ҳуқуқиву давлатдориро тақозо дошт[29].

Дар ҳамон шабу рӯз муддати ду моҳ як қатор санадҳои муҳим барои пешрафт ва сулҳу суботи ҷомеа ба имзо расидаанд[30].

Ин фаъолияти самарабахш пас аз интихоботи Эмомалӣ Раҳмон ба сифати раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид. Дар суханронии аввалини худ Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфт: «Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам». Бо назардошти вазъи сиёсӣ ва бо мақсади таъмини суботи сиёсӣ Иҷлосия қарори дахлдор қабул намуда, аз шакли идораи президентӣ даст кашида, бо ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти парламентиро дар ҷумҳурӣ ҷорӣ намуд. Тибқи он ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯши раиси Шӯрои Олӣ вогузор карда шуд, Раиси Шӯрои Олӣ сарвари давлат ҳисобида мешуд. Ҳамчунин дар Иҷлосия раисони кумита ва комиссияҳои Шӯрои Олӣ, Раиси Шӯрои вазирон ва аъзои ҳукумат аз нав интихоб карда шуданд. Дар

[28] Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносї. Китоби дарсї.иловањо ва такмил. 2003. С.149-150

[29] Самиев Холмаҳмад. Иҷлосия – сароғози таърихи навини тоҷикон // Ба қуллаҳои дониш.30.10.2012. №12 (1323). Сешанбе. - С.7.

[30] Иҷлосия – сарогози таърихи навини тоҷикон. Раҳматуллоева Зарина //Ба қуллаҳои дониш.30.10.2012. №12 (1323). Сешанбе. С.7.

маҷмӯъ Иҷлосияи 16 Шӯрои Олӣ 74 қонун, қарор ва фармонро ба тасвиб расонид, ки ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ, инкишофи сохторҳои демократӣ, таҳкими ризояти ҷомеа ва ваҳдати миллӣ замина гузошта, эътимоду боварии мардуми Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд овард.

Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти қонунгузории давраи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол ибтидо гузошт. Таҳти раёсати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Иҷлосияи 16-ум 74 санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки онҳо ба фаъол намудан ва таҳким додани сохтори ҳокимияти давлатӣ асос гузоштанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси даровардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи статуси депутатҳои халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 ноябри соли 1992, №673; «Дар хусуси дохил кардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андози даромади шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа» аз 23 ноябри с.1992, №696; «Дар бораи даровардани тағйирот ба Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри с.1992, №697; «Дар бораи аз андози арзиши иловашуда озод кардани роҳхатҳо ба табобатгоҳҳои санаторию курортӣ, истироҳатгоҳҳо ва лагерҳои солимгардонии тобистона» аз 23 ноябри с.1992, №700; «Дар бораи гурезагон» аз 24 ноябри с.1992, №708; «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд» аз 26 ноябри с.1992, №728; «Дар бораи рӯзи сулҳ ва ризояти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардан» аз 26 ноябри с.1992, №731; «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои Қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 ноябри с.1992, №740; «Дар бораи ба узвияти Захираи арзи байналхалқӣ, Бонки байналмилалии таҷдиду тараққиёт, Ассотсиатсияи байналмилалии тараққиёти Корпоратсияи байналмилалии молия ва Агенти бисёрҷабҳаи замонати пасандозҳо дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри с.1992, №698; «Дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсияи (Қонуни Асосии)Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 ноябри с.1992, №704; «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 ноябри с.1992, №705; «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 ноябри с.1992, №706; «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Тоҷикистон» аз 27 ноябри с.1992, №732; «Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволи онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд» аз 30 ноябри с.1992, №739 дар ҳамин шумор буданд. Ҳамаи қарору қонунҳое, ки дар иҷлосия қабул шуданд, ҳамчун иқдомоти пайгиронаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон имкон доданд, ки мамлакат ба сӯи пойдорӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ қадам гузошта, мардум ба бунёдкориву созандагӣ машғул шаванд.

Тибқи моддаи 109-и Конститутсия Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ба ҷои Девони Вазирон ташкил додани Шӯрои Вазирон ба мақсад мувофиқ дониста шуд. Аз ин рӯ, Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ ва қабул гардид. Акнун дар байни иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ мақомоти олии ҳокимияти халқӣ Раёсати Шӯрои Олӣ ба шумор мерафт, ки он давлатро ба таври куллӣ идора мекард.

Барои ба эътидол овардани вазъият, истиқрори сулҳу осоиш ва таҳкими ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон Раиси Парлумони ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Шӯрои Олии Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон муроҷиат карда, хоҳиш намуд, ки ба Тоҷикистон қувваҳои

муштараки ҳомии сулҳро фиристонанд. Бо ин амали худ Эмомалӣ Раҳмон робитаи байналмилалии Тоҷикистонро устувор намуд.

Бо мақсади хотима додан ба ҷанги дохилӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти мӯътадил ва таҳкими мақомоти давлатӣ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти принсипҳои башардӯстӣ қарор кард, ки шахсони аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои мухолифати мусаллаҳона ҷиноят ё амалҳои ғайриқонунӣ содир карда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида нашаванд.

Ин ҳуҷҷатҳои муҳим ва қабули Қонун «Дар бораи гурезагон», ки ба онҳо амнияти шахсӣ ва ёрии моддиву имтиёзҳои имконпазирро кафолат медоданд, бори дигар собит сохтанд, ки роҳбарияти нави Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон тарафдори сулҳу осоиш аст ва бахри сохтани ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ азму талош дорад ва ҳимояи шарафи инсонии ҳар фардро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад.

Дар иҷлосия ҳукумате таъсис ёфт, ки таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ тавонист оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуда, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохта, артиши миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис диҳад, аксарияти мутлақи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонад ва ислоҳоти конститутсиониро дар мамлакат амалӣ созад.

Ҳанӯз дар яке аз аввалин муроҷиатномаҳои худ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъияти ҳамонрӯзаи кишвар иҷрои вазифаҳои зеринро дар мадди аввал гузошта буд; дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон барқарор намудани ҳокимият ва мақомоти идоракунӣ ва таъмини кори пурмасъулияти онҳо; барқарор намудани сохтори мақомоти амалкунандаи муҳофизати ҳуқуқ дар маҳалҳо ва барои онҳо дар иҷрои вазифаи худ фароҳам овардани шароити мусоид; таъсис додани артиши миллӣ; пурзӯр кардани дифои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид шудани ҷумҳурӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Сарвари давлат изҳор дошт, ки мо вазифадорем, аввал амнияти давлатамонро таъмин намоем, артишро созмон дода, милиса, кумитаи амнияти миллӣ, дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро мустаҳкам намоем, зеро давлате, ки худашро муҳофизат ва ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонашро таъмин карда наметавонад, аслан арзише надорад.

Бо дарназардошти ин зарурати таърихӣ Раёсати Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба халъи силоҳ дар миёни гурӯҳҳои силоҳбадаст, мустаҳкам кардани фаъолияти сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи амнияти миллӣ, муҳофизати марзҳои ҷумҳурӣ, беҳбудии вазъи иқтисодии он ва ғайра як қатор қарорҳо қабул карда, онҳоро ба ҳаёт татбиқ намуд.

Дар як муддати кӯтоҳ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва милиса аз нав созмон ёфта, онҳо бо аслиҳа ва муҳимоти ҳарбӣ таъмин шуданд. Садҳо ҷавонони ватандӯст ба кори ин мақомот сафарбар гардиданд. Бо вуҷуди касодии иқтисодӣ, Сарвари давлат ба таъсиси Артиши миллӣ шурӯъ намуд ва барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои ҷанубии худ чораҳои мушаххас андешид.

Раёсати Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон бо дарназардошти беҳбудӣ бахшидан ба зиндагии аҳли ҷомеа як силсила қарору фармонҳо қабул кард. Афви умумӣ, халъи силоҳ, мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, таъмини мардум бо хӯрокворӣ, пеш аз ҳама орду равған, зиёд намудани маош, мустаҳкам шудани муносибатҳои ҷумҳурии мо бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки ҳаллу фасли худро меёфтанд. Ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки дар бисёр ноҳияҳо аслан аз байн рафта буданд, барқарор карда шуданд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки давраи навини қонунгузории кишвар аз ин иҷллосияи тақдирсоз оғоз гардидааст ва дар маҷмӯъ Иҷлосия 16 Шӯрои Олӣ тадбирҳои муҳими сарнавиштсози зеринро анҷом дод: роҳбарияти нави сиёсии мамлакатро таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд: сохтори конститутсиониро дар

мамлакат барқарор сохт; хатари пош хӯрдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парокандагии миллатро пешгири намуд; тадбирҳои мукаммали аз бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани ҷомеаро ба миён гузошт; самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакатро муайян намуд; мавқеи байнанмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварро муайян сохта, барои ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои ҷаҳон роҳ кушод;[31] қонунгузории ҷумҳуриро устувор намуд ва ба рушди он замина гузошт.

**Адабиёт:**

1. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ.иловаҳо ва такмил. 2003. С.149-150
2. Иҷлосия – сароғози таърихи навини тоҷикон. Самиев Холмаҳмад. //Ба қуллаҳои дониш.30.10.2012. №12 (1323). Сешанбе. С.7.
3. Иҷлосия – сароғози таърихи навини тоҷикон. Раҳматуллоева Зарина //Ба қуллаҳои дониш.30.10.2012. №12 (1323). Сешанбе. С.7.
4. Мирзоев Н. Иҷлосияи тақдирсоз. //Ба қуллаҳои дониш.30.10.2012. №12 (1323). Сешанбе. С.10.

[31] Мирзоев Н. Иҷлосияи тақдирсоз //Ба қуллаҳои дониш.30.10.2012. №12 (1323). Сешанбе. - С.10.

# АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарифзода Шарифбек Мурод**

сармутахассиси шуъбаи таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонунияти Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ барои барқарорсозии сохти конститутсионии кишвар ва эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон огози устувор бахшид ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард.***

**Эмомалӣ Раҳмон**

Таърихи бою гузаштаи кишвари маҳбубамон воқеаҳои сиёсии бузургеро аз сар гузаронидааст, ки ҳар кадоми он дар марҳилаи худ нақши махсусро ишғол намудааст. Дар таърихи навин баъди пош хурдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз нигоҳи мо, волотарин дастовардамон соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст.

Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми тоҷик ба осонӣ ба даст наомадааст. Бо таъсири қувваҳои бадхоҳи дохилию хориҷӣ, кишварамон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он боиси қурбониҳои азими ҷонӣ, талафот ва ҳисороти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гашта, пояҳо, рукнҳо ва асосҳои давлатдорӣ фалаҷ гардида, қонунвайронкунӣ ва бесарусомониҳоро дар мамлакат ба вуҷуд овард.

Дар чунин шароити душвор ягона ҳокимияти давлатӣ, ки масъулияти бузург ва беназири давлатдории хешро ба воситаи вакилони халқ баҳри барқарор намудани асосҳои давлатдорӣ ва таъмини қонуният, сулҳ ва ризоияти миллӣ ифода мекард, Шӯрои Олӣ буд.

16 ноябри соли 1992, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти як қатор омилҳо дар Қасри Арбоб ва бо иштироки вакилони халқ, аъзои Ҳукумат, ашхоси номдор, пирони рӯзгордида, олимону адибон, намояндагони ҳизбу созмонҳо, воситаҳои ахбори умум баргузор гардид, ки аз гузашти он 25 сол сипарӣ шуд. Ҳар қадар, ки солҳо мегузаранд ҳамон қадар аҳамияти таърихии Иҷлосия дар бобати муваффақ шудан ба ризоияти миллӣ, сулҳу ваҳдат, бақои сохти давлатдории тоҷикон ва якпорчагии сарзамини Тоҷикистон рӯз аз рӯз меафзояд.

Бояд зикр намуд, ки Иҷлосия дар давраи мушкили сиёсӣ бо назардошти ҳадафҳои эъмори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, таъмини ҳарчи зудтари сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон, наҷот додани миллат аз вартаи бӯҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, нигоҳ доштани якпорчагӣ ва давлати мустақили тоҷикон, барқарор намудани хоҷагии бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгашта ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон даъват шуда буд.

Ин сохтори давлатӣ, дар чунин шароити душвор парокандагии мамлакатро бздошт, қарорҳои ин Иҷлосияи таърихӣ ба тақдири минбаъдаи тоҷикон ва ҳастии минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон вобастагии калон дошт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи 25 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудаанд, ки «Ин Иҷлосия, ки минбаъд дар таърихи навини халқамон бо номи Иҷлосияи тақдирсози шонздаҳум сабт шуд, дар роҳи ба эъти-

дол овардани вазъи ноороми кишвар нақши бузурги таърихӣ бозид ва роҳу сарнавиши минбаъдаи миллати тоҷикро муайян намуд» [32].

Дар нахустин кори Иҷлосия бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раис ва аъзоёни Котиботи Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 5 нафар интихоб карда шуд[33].

Сипас бо қарори дигари он дар рӯзномаи Иҷлосияи мазкур баррасии масъалаҳои зерин қобили қабул дониста шуд:

1) Дар бораи дохил кардани тағйирот ба моддаҳои 102 ва 174 Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) Дар бораи дохил кардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи статуси депутатҳои халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

3) Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаҳои интихоботии ҷудогона;

4) Дар бораи изҳороти аъзоёни Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) Дар бораи аз вазифаи муовини Раиси Шӯрои Олӣ озод намудани Приписнов В.И.

6) Дар бораи бозхонди Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7) Дар бораи интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8) Дар бораи изҳороти аъзоёни Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9) Дар бораи изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Р.Н.

10) Дар бораи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11) Дар бораи интихоби муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзоёни Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

12) Дар бораи тасдиқи аъзоёни Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

13) Дар бораи Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон;

14) Дар бораи Нишони давлатӣ ва Байрақи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

15) Дар бораи муроҷиат ба мамлакатҳои ИДМ;

16) Дар бораи тартиби ба маҳалҳои зисти доимиашон баргардонидани гурезагон;

17) Дар бораи авф;

18) Дар бораи аз муҳосираи иқтисодӣ озод кардани минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ;

19) Дар бораи дохил кардани тағйирот ба қонунгузорӣ дар бораи андози даромад аз шаҳрвандон;

20) Дар бораи чораҳои муътаъдилгардонии вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

21) Дар бораи раиси Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

22) Дар бораи тафтиши факти бо чархбол овардани яроқ ба ВАБК ва ноҳияи Москва;

23) Масъалаҳои гуногун[34].

Дар воқеъ гузашти таърих нишон дод, ки қарорҳои Иҷлосия тақдирсоз будаанд, агарчанде на ҳама дар арафаи баргузорӣ ва гузаронидани ин Иҷлосия саҳми таърихии онро пурра дарк намуда буданд.

Рӯзи 19 ноябри соли 1992 дар маҷлис суханронии Раиси Комиҷроияи вилояти Кӯлоб, депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов бо диққат шунида шуда, бо гармӣ истиқбол гардид, зеро вазъи баамаломадаи ҷумҳурӣ воқеъбинона ва бо дарки

---

[32] Аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 25 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: www.prezident.tj/ru

[33] Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 1992 таҳти №670. ш.Хуҷанд.

[34] Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 1992 таҳти №671. ш.Хуҷанд.

масъулияти баланд тавсиф гашта, ҳадафи олии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – хотима гузоштан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва таъмини сулҳ дар тамоми қаламрави кишвар муайян карда шуд.

Дар ҳамин рӯз, бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Эмомалӣ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд[35], ки ҳамзамон Сарвари давлати Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ин қарор дар воқеъ аҳамияти таърихӣ дошта, ба тақдири минбаъдаи давлатдории тоҷикон нақши бебаҳо гузошт. Шахсе ба ин вазифаи масъулиятнок интихоб гардид, ки дорои иродаи матин ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои тақдири минбаъдаи халқи Тоҷикистон буд.

Ҳамин тариқ, дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави идоракунии ҳокимияти олии давлатӣ бо сарварии Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт. Дар ҳамон шароити вазнини сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбии мамлакат чунин шакли нави идоракунии ҳокимияти давлатӣ зарур буд. Зеро фаъолияти қариб тамоми сохторҳои давлатӣ фалаҷ гашта, вазъи ҷамъиятиву сиёсии ба вуҷуд омада имкон намедод бо роҳи демократӣ сохторҳои давлатӣ интихоб ва таъсис дода шаванд. Ба таъхир гузоштани ин масъалаи муҳимтарини ҳаёти давлатӣ боиси кашмакашиҳои беҳуда, бозиҳои пасипардагии қувваҳои бадхоҳи миллат, ба вартаи фоҷиаи боз ҳам бештари миллӣ кашида шудани Тоҷикистон мегардид. Дар баробари он сабру тоқати мардум, алалхусус дар ноҳияҳои даргир лабрез шуда буд. Боварии ниҳоии шаҳрвандон ва гурӯҳҳои сулҳхоҳи аҳолии мамлакат ба ин Иҷлосияи таърихӣ нигарон буд.

Аз ин рӯ, дар кори Иҷлосия раисони кумитаҳову комиссияҳои Шӯрои Олӣ, Раиси Шӯрои Вазирон, аъзои Ҳукумат интихоб шуданд. Шакли идораи президентӣ бо сабабҳои маълум боздошта шуда, шакли нави идоракунии ҳокимияти давлатӣ - парламентӣ бо мақсади барқарор намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, баргардонидани гурезаҳо, таъмини шароит барои интихоби Президенти нави Тоҷикистон, эҳёи шакли идораи президентӣ ташкил карда шуданд.

Мақомоти тозаинтихобшудаи ҳокимияти давлатӣ, алалхусус Сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон дарҳол пас аз баргузории Иҷлосия ба амалӣ намудани қарорҳои он шурӯъ намуда, дар ин кори басо муҳим ва тақдирсоз азму иродаи қавӣ нишон доданд. «Дар ҳамин давраи тақдирсози давлатӣ ҳатто нафароне пайдо шуданд, ки аз мансабҳои масъули давлатӣ даст кашида, ба ояндаи давлат боварӣ надоштанд»[36]. Лекин ба ин нигоҳ накарда, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон устуворона баҳри иҷрои қарорҳои Иҷлосияи мазкур кӯшиш ба харҷ дода, дар муддати кӯтоҳтарин баҳри хотима гузоштан ба ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини ваҳдати миллӣ, баргардонидани гурезаҳо, барқарор намудани хоҷагии аз ҷанг харобгашта тадбирҳои таъхирнопазир андешида, ба давраи бесарусомонӣ, кашмакашиҳо ва талошҳои беҳудаи ҳарисони мансаб, ки ба иродаи қувваҳои бадхоҳи дохилию хориҷӣ такя доштанд, хотима гузошт.

Роҳбари давлат садоқату вофодориро ба ватану миллати хеш нишон дода, дар нахустин суханронии худ, содиқ буданашонро барои сулҳ, оромӣ ва пешрафту шукуфоии миллати тоҷик баён доштаанд, ки «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем. Ҳарчӣ аз дастам меояд, дар ин роҳ талош хоҳам кард»[37]. Инчунин қайд карда буданд, ки барои ба даст овардани ин мақсадҳо ҳатто омодаанд ҷони худро нисор намоянд.

Боиси ифтихор мебошад, ки маҳз суханрониҳо ва фаъолияти амалии Сарвари давлат дар он давра дар қалби мардуми кишвар ҷои нотакрор ва сазовори худро ишғол

---

[35] Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 1992 таҳти №682. ш.Хуҷанд.

[36] Аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 25 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: www.prezident.tj/ru

[37] Аз суханронии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ. Қасри арбоб, Хуҷанд. 16.11.1992с. www.prezident.tj/ru

карда, яке аз асосҳои дастгирӣ ва боварии халқ ба сиёсати пешгирифтаи роҳбари мамлакат гардиданд. Ин садоқату самимиятро Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни хидматҳояш дар назди халқу Ватан барҳо собит намудааст. Воқеан ҳам, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи душвортарин ва тақдирсоз, ба фоҷиаи ба сари миллат омада баҳои саривақтӣ ва айнӣ дода, ҳамзамон хатари нобуд гаштани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ пурра эҳсос намуд, ки ин яке аз ҷанбаҳои аҳмияти таърихии ин Иҷлосия мебошад. Гузашта аз ин, ҳамин дарку эҳсоси хатари ҷиддии ҷанги шаҳрвандӣ ба тақдири ояндаи миллати тоҷик ва ба музаффариятҳои Истиқлолияти давлатӣ, эъмори давлати тозабунёди Тоҷикистон боис гашт.

Маълум аст, ки аксари давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон таърихи худро бо номи фарзандони бузурги худ, ки дар наҷоти ин кишварҳо нақши ҳалкунанда доштанд, пайваст менамоянд. Номи Амрико бо Ҷорҷ Вашингтон, номи Руссия бо Пётри Кабир, номи Чин бо Мао Тсзе Дун ва ғайра паваста аст. Номи Тоҷикистони мо бошад, бо Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат дар мураккабтарин марҳилаи таърихӣ амиқ пайваст гардидааст. Ба худи ин саҳна омадани Пешвои миллат тамоми характеру хусусияти миллат ва ормону омили миллиро дар худ таҷассум карда тавонист. Бешубҳа ин яке аз дастовардҳои Иҷлосияи 16-ӯми Шӯрои Олӣ мебошад.

Саъю талошҳои бепоёни роҳбарияти нави давлати Тоҷикистон таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон буд, ки пас аз баргузории Иҷлосияи таърихӣ ва зимни амалӣ гаштани қарорҳои он дар сарзамини тоҷикон сулҳ, амният, назму суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ таъмин гашта, гурезаҳо ба хонаҳои худ аз хориҷи кишвар баргаштанд, барои барқарор намудани хоҷагии халқ, эҳёи сохтори қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, таъмини шароити мусоид барои рушди минбаъдаи ҷомеа тамоми чораҳо андешида шуданд.

Дар ин Иҷлосияи таърихӣ роҳбарияти нави давлати Тоҷикистон ба ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ошкоро эълон намуд, ки ҷонибдори ба роҳ мондани муносибатҳои тарафайн дар асоси талаботи пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, тарафдори таъмини ҳаёти осудаҳолона ва шоистаи ҳар як сокини Тоҷикистон, якдилии иҷтимоӣ ва дӯстии ҳамаи миллатҳои сокини Тоҷикистон мебошад.

Ҷомеаи ҷаҳон бо таваҷҷуҳи бепоён кори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мушоҳида менамуданд. Санадҳое, ки дар ин Иҷлосияи таърихӣ қабул шуданд, ҳам барои халқи Тоҷикистон ва ҳам барои таъмини амнияти минтақа аҳамияти муҳими таърихӣ доштанд. Инчунин, азму иродаи роҳбарияти нави давлати Тоҷикистон дар хусуси барқарор намудани сохтори конститутсионӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ қобили дастгирии ҳаматарафаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, давлатҳои ҷаҳон ва мақомоти роҳбарикунандаи давлатҳои аъзои ИДМ гардиданд.

Ҳангоми қабули санадҳои Иҷлосия аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳида муқобилиятҳои зиёд нишон дода шуда, қабули қарорҳо ба осонӣ ба даст наомада буд.

Қарорҳои қабулнамудаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, изҳори ғояҳои сулҳхоҳона ва неки Сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон дар тафаккури ҳар як сокини солимфикри Тоҷикистон нақши бориз гузошта, мардуми шарифи Тоҷикистонро ба корҳои нави созандагӣ ҳидоят ва орзуву ормони халқро ба бунёди давлати демократӣ, зиндагии судманду осоишта қавӣ намуда, боиси афзоиши боварии шаҳрвандон ба роҳбарияти нави давлат, муттаҳидии онҳо дар атрофи Сарвари нави миллат Эмомалӣ Раҳмон гардиданд. Иҷлосия ба дилшикастагӣ, рӯҳафтодагӣ ва нобоварии шаҳрвандон ба фардои худ хотима гузошт, дар дили мардум бедории миллиро ба миён овард.

Мутаассифона, дар солҳои аввали истиқлолият мамлакат ба фишорҳои беруна ва дохилии қувваҳои бадхоҳ дучор шуда, дар кишвар ҷанги шаҳрванди оғоз гардида, давлат ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид. Дар солҳои ҷанг ҳокимият фалаҷ ва иқти-

содиёт хароб гашт, аксарияти сохторҳои давлат қариб, ки фаъолият намекарданд. Ҷанги гражданӣ ҳаёти садҳо нафарро рабуда, зиёда аз 1 миллион сокинони мамлакат гуреза шуданд. Пас аз ба даст овардани созиши миллӣ дар соли 1997, барои ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ, бесилоҳ гардонидани дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва ба Ватан баргардонидани гурезагон боз якчанд соли дигар лозим омад. Ба ҳаёти орому осоишта мо танҳо дар соли 2000 шурӯъ намудем. Дар шароити баъдиҷангии давлат, ки ягонагии идеявӣ мавҷуд набуд, қувваҳои алоҳида мехостанд дар мамлакат режими коммунистӣ ва ё давлати исломиро барпо намоянд.

Вале роҳбарияти сиёсӣ ва аксарияти мардум роҳи демократии тараққиётро интихоб намуданд, ки асосашро эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи инсон дар бар мегирифт. Аз ин рӯ мақоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ ба тариқи конститутсионӣ мустаҳкам карда шуда, базаи зарурии ҳуқуқию қонунгузорӣ ва механизми институтсионалии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ташкил карда шуд.

Дар арафаи таъсисёбӣ ва солҳои аввали мавҷудияти давлати навини Тоҷикистон мақомотҳои давлатии собиқ ҶШС Тоҷикистон дар як вақт вазифаҳои давлати соҳибихтиёриро иҷро намуда, баробари он ислоҳотҳо дар худи ин мақомотҳои давлатӣ гузаронида мешуд, ки мақоми олии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин раванд дар канор наистода буд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки таъсиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми қонунгузор қабл аз соҳибистиқлолгардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне аз соли 1990 инҷониб оғоз ёфта, то соли 2000 ду давраи рушдро паси сар намудааст. Якум давраи «Парлумони давлатӣ» ё «Ғайри касбӣ» буд, ки аз соли 1990 оғоз ёфта то соли 1995 идома дошт ва қабули аввалин ҳуҷҷати расмии истиқлолияти кишвар ба фаъолияти ҳамин Парламент рост омадааст. Сарфи назар аз он, ки ин даъвати Парлумон қабл аз эълони истиқлолият оғоз шудааст, шакли фаъолияташ ғайрикасбӣ буд, нақши он дар баробари таҳияи заминаҳои ҳуқуқии Истиқлолияти давлатӣ дар расидан ба ваҳдати миллӣ ва раванди шаклгирии давлатдории навини тоҷикон ниҳоят бузург ва таърихист.

Аҳамияти дигари таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки роҳбарияти нави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз лаҳзаҳои аввал роҳи қонунии эъмори давлати тозабунёдро пеш гирифта, нуфузи қонунро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа эътироф намуда ва роҳи қонунии рушди минбаъдаи ҷомеа, давлати Тоҷикистонро пурра дарк карда буд.

Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 74 санади ҳуқуқӣ, чунончи 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот аз ҷумла қонунҳо дар бораи авфи умумӣ, гурезагон, имтиёзҳо барои маъюбони ҷанги шаҳрвандӣ ва оилаҳое, ки саробони хешро аз даст дода буданд қабул карда шуд, ки нақши онҳо ҷиҳати ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар басо бузург аст. Он тадбирҳое, ки дарҳол пас аз анҷоми кори Иҷлосия андешида шуданд, аз он гувоҳӣ медоданд, ки роҳбари нави давлат бо мақсади ба эътидол овардани вазъи мамлакат роҳи қонунии рушди ҷомеаро пеш гирифтааст.

Ҳамин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буданд, ки ҳидоятгари сокинони кишвар дар таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, бахшидани гуноҳои якдигар шуданд. Орзуву омоли халқро ба бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ташкили зиндагонии осоишта қавӣ намуда, боиси афзудани эътимоди шаҳрвандон ба ҳокимияти конститсионӣ гардид[38].

Иҷлосия рамзҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро аз нав муқаррар кард, ки аз сарнавиштсоз будани ин Иҷлосияи таърихӣ дарак медиҳад. Дар иҷлосия Қонунҳои Ҷумухурии Тоҷикистон «Дар бораи Парчами давлатии Тоҷикистон», «Дар

[38] Нашрияи Маҷлиси Олии ҶТ Садои мардум аз 21 октябри соли 2017с. №125(3762)

хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуда, ба Конститутсия дар бахши рамзҳои давлатӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Тавре Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд: «Гуворотарин лаҳзаҳо қабули Парчаму Нишони Тоҷикистон буд. Ин лаҳзаҳои таърихӣ ҳеҷ гоҳ аз хотири иштирокдорони Иҷлосия фаромӯш нахоҳад шуд»[39].

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар собит намуд, ки пешрафти ҷомеа ва давлат, ҳаёти шоистаи зиндагии одамон, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон танҳо дар шароити сулҳи иҷтимоӣ ва вахдати миллӣ имконпазиранд. Тоҷикон дар тӯли ин солҳо аз таҷрибаи талхи таърихи наздики худ ҳамеша ёдовар шуда, сулҳ ва ваҳдати миллиро чун неъмати бебаҳо пос медоранд. Таҳияи садҳо китобҳо ва мақолаҳои олимону муаррихон оид ба ин дастоварди бузурги таърихӣ имрӯз насли ҷавонро дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва ватандорӣ тарбия намуда, барои онҳо беҳтарин раҳнамо мебошад.

Муҳаққиқи руйдоди муҳими таърихии Иҷлосия, дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Юлдошев Р., ин Иҷлосияро дар се самт таҳкимбахш номида, онро басо тақдирсоз ҳисобидааст.

Якум, халқ ҳокимияти қонуниро ҷонибдорӣ кард.

Дуюм, дар Иҷлосия ба ҳамдигарфаҳмӣ манфиати Ватанро аз манфиати шахсӣ боло гузоштан замина гузошта шуд.

Сеюм ба идоракунии давлат намояндагони неруҳои сиёсии гуногунақида дар асоси боварӣ ба ҳамдигар ҷалб карда шуданд[40].

Аз андешаҳои олимон бармеояд, ки тоҷикон миллати тамаддунсоз ва фарҳанговар мебошанд, анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла ғояҳои сулҳҷӯёнаи гузаштагони худро пос медоранд. Роҳбари давлат низ зикр намудааст, ки «Маҳз хиради азалӣ ва фарҳанги сулҳофари миллати шарафманди тоҷик буд, ки баъди ҳазор сол мо имкон пайдо намудем, то ба ҷомеаи башарӣ бо асолату ҳувияти миллии худ ворид гардем ва дар он мақоми шоиставу сазовори худро соҳиб шуда, манфиатҳои миллиамонро ҳимоя намоем»[41].

Мебояд қайд намоем, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши қонунгузорӣ ва инкишофи ислоҳоти конститутсионии мамлакат саҳифаи нав кушода, барои таҳия ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошт. Қабул ва тағйироту иловаҳои ба Конститутсия ворид гашта аз он шаҳодат медиҳанд, ки роҳбарияти нави сиёсии давлат таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон тарафдори сулҳу осоиш, зиндагии осудаҳолона ва арзандаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, ҷонибдори эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Якдилии вакилони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муттаҳидии онҳо дар бахши дарку эҳсоси якдилонаи масъалаҳои муҳими тақдирсози мамлакат, ҳисси баланди масъулиятшиносии онҳо дар ҳалли масъалаҳо, қабули қарорҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намуд, ки минбаъд заминаи таъмини ваҳдати миллӣ ва рушди ҷомеа гардиданд.

Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра мавқеи худро нигоҳ дошта вазифаҳои худро бо назардошти вазъи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии мамлакат, баҳри таҳкими сулҳу осиштагӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешрафти ҳаёти мухталифи ҷомеъа ва давлат фаъолияти худро амалӣ намуд.

---

[39] Суханронии Президенти ҶТ, Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 25 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: www.prezident.tj/ru

[40] Гузошти солхо ахмияти таърихии Ичлосияро боз хам боло мебарад. Садои мардум 21.10.2017с. №125 (3762)

[41] Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012с.

Ҳамаи муваффақиятҳои пешрафти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон, ки дар тӯли 25 соли охир ба даст омаданд, бо шарофати Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гаштанд.

Дар тӯли 25 соли баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Ҳадафҳо ва вазифаҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо назардошти дигаргуниҳои куллӣ дар дохили кишвар ва дар арсаи ҷаҳонӣ аниқтар шуданд. Таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣи ҷумҳурӣ чун ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардиданд.

Дар солҳои баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боварии халқ ба Сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари сиёсӣ ва пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ба Ҳукумати Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ боло рафт.

Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 зикр гардид: «Иҷлосияи таърихии 16-ум сохти конститутсиониро дар кишвари тозаистиқлоли мо барқарор сохта, барои ташкил ва фаъолияти пурсамари тамоми сохторҳои давлатӣ асоси қонунӣ гузошт ва Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мардуми бо амри таърих парешонгаштаи моро ба ҳам оварда, ваҳдати саросарии халқи Тоҷикистонро таъмин намуд ва барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлати соҳибистиклоламон заминаи боэътимод фароҳам овард»[42].

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ дар воқеъ Иҷлосияи тақдирсоз буда, хатари аз байн рафтани давлати соҳибистиклоли тоҷиконро, ки пас аз ҳазор сол миллати тоҷик ба он сарфароз гашта буд, бартараф намуд. Пас аз баргузории ин Иҷлосияи таърихӣ тоҷикон бори дигар имкон пайдо намуданд, ки дилпурона ва дар шароити сулҳу ваҳдати миллӣ ба эъмори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ шурӯъ намоянд. Чунин имконияти таърихӣ ҳама вақт ба даст намеоянд. Истифодаи оқилонаи ин имконияти таърихӣ, заҳмати содиқона ва софдилона баҳри ободии Ватани маҳбуби мо вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

[42] Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012с.

# АҲАМИЯТИ ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

**Абдуллоев Н.А**.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқ

Бо амри таърих баъд аз ҳазор соли бедавлатӣ миллати аз таърих ранҷбурда ва ҷафодидаи тоҷик 9-уми сентябри соли 1991 арзишмандтарин ва волотарин неъмат – Истиқлолияти давлатиро ба даст овард. Ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ мардуми тоҷикро дар роҳи ҳифзу нигаҳдошти арзишҳои ин неъмати бебаҳо ба душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард. Пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ба кандашавии робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пасошӯравӣ боис гардид. Ин омил тамоми самтҳои хоҷагии халқи мамлакатро ба бӯҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ дучор намуд. Гузашта аз ин якбора боло рафтани рӯҳияи озодфикрию гуногунандешии сиёсӣ, таъсиси гурӯҳу ҷунбишҳои гуногун, надоштани таҷрибаи кофии сиёсии идории кишвари соҳибихтиёр аз ҷониби роҳбарони давр ба авҷи майдоншиниҳо, хатари порокандашавии миллат, тамомияти арзӣ ва ҷудоиандозии минтақаҳои кишвар оварда расонид. Аз ҳама нангинаш он буд, ки бо айби гурӯҳу ҳизбҳо, афроди алоҳида ва дахолати бевоситаи аҷнабиён Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ давлати навтаъсиси тоҷикон ва миллати фарҳангсолори тоҷик дар чорсӯйи тақдир дар ҳолати яъсу навмедӣ қарор гирифта, роҳу равиши минбаъда ва дурнамои пешрафташ зери суол қарор гирифта буд. Вазъияти баамаломада зарурати оҷилан андешидани тадбирҳои зарурӣро ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини оромию субот, сарҷаъмии миллат ва ба суйи ҳаёти муътадил раҳнамун кардани мардуми тоҷикро тақозо менамуд.

Дар ҳамин марҳилаи сарнавиштсоз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд заминаҳои хело мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои азим дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон ба миён овард. Ин иҷлосия дар қалби ҳар як тоҷику Тоҷикистонӣ шӯълаи умедро ба сӯйи фардои неки давлатдории миллӣ, таъмини рӯзгори босаодату пурнишоти мардуми кишвар фурӯзон намуд. Мардуми сарбаланду меҳанпараст ва фарҳангсолори тоҷик бо шукргузорӣ аз даврони соҳибихтиёрӣ имсол 25-умин солгарди баргузории ин Иҷлосияи тақдирсозро дар рӯҳияи хизмати содиқона ба Ватану миллат ва сарзамини аҷдодии хеш бо шукуҳу ҷалоли хосса таҷлил менамоянд. Аҳамияти Иҷлосияи XVI - Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду инкишофи давлатдории миллии тоҷикон назир надорад. Дар робита ба аҳамияти таърихӣ ва сарнавиштсози Иҷлосияи тақдирсози XVI - Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа як силсила корҳои арзишманд ва асарҳои гаронбаҳои илмии олимону донишмандони маъруфи тоҷик ба табъ расидаанд.

Ба андешаи профессор Насриддинзода Э.С. сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанги ҳуқуқӣ ба қабул ва амалӣ намудани қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ дорад. Ба назари ӯ Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нуқтаи гардиш дар ҳаёти сиёсӣ дар пайдоиш ва ташаккули арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, аз қабили давлати

ҳуқуқбунёд, демократӣ, иҷтимоӣ, соҳибихтиёр, ҷумҳурии президентӣ, дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногуншаклии моликият, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкории хусусӣ, гуногунии сиёсиву мафкуравӣ, низоми сиёсии бисёрҳизбӣ, парламентаризм, мустақилияти ҳокимияти судӣ, худидораи маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар замони Шӯравӣ ҷой надоштанд, нақши ҳалкунанда дорад.[43] Дар Иҷлосияи таърихӣ беш аз 70 қонуну қарорҳои дахлдор (аз ҷумла қонунҳо дар бораи авфи умум, гурезагон, имтиёзҳо барои маъюбони ҷанги шаҳрвандӣ ва оилаҳое, ки саробони худро аз даст додаанд) қабул шуданд, ки минбаъд барои мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионии кишвар, таъмини волоияти қонун ва таҳкими қонуният, гирифтани пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ, таҳкими муносибатҳои хориҷӣ, фаъолияти мунтазами мақомоти давлат, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, заминаи боэътимод гузоштанд. [44]

Бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки фарзанди бонангу номус, далеру ҷасур, покзамиру нексиришт ва ғурури баланди миллидошта Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари давлат тавлид ва ӯро ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ҳидоят намуд. Ин фарзанди фарзонаи миллат ҷон дар каф бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба душ гирифта, ба наҷоти миллату давлати тоҷикон камари ҳиммат баст. Дар натиҷаи азму талош, кушишу пайкорҳои бемисл ва хизмату заҳматҳои арзандаи шабонарӯзии ин шахсияти барҷастаи таърихӣ дар як муддати кутоҳи таърихӣ алангаи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуда, хатари парокандашавии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон сарбаландона рафъ карда шуд. Миллати тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон - шахси хирадманду дурандеш, роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил ва Пешвои ҳақиқии хешро пайдо намуд. Дар воқеъ таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тассавур кардан имконнопазир аст. Бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки ба зима гирифтани масъулият ба кори давлатдориву давлатсозӣ дар ҷойи хушку холӣ, бе заминаҳои муайяни устувори молиявию моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо нафаре метавонист ба ин корҳо дастболо шавад, ки бо дарки ғуруру ҳуввияти баланди миллӣ тамоми ҳастиву вуҷуди хешро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад. Дар заминаи қабули қарорҳои таърихию тақдирсоз, роҳандозӣ намудани ташаббусҳои созандаву сиёсати ҳадафмандона ва андешидани силсилаи тадбирҳои мақсадноки фарзанди содиқу вафодори миллат - Сарвари маҳбуби тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваста заминаҳои боэътимоду устувори бунёди аркони давлатдории миллӣ гузошта шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифта, дар як муҳлати кутоҳи таърихӣ соҳиби Конститутсия, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, асъори миллӣ ва тамоми рукнҳои давлатдории миллӣ гашт.

Бо шарофати дастуру супоришҳо ва ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат корҳои созандагиву бунёдкорӣ дар кишвар вусъати тоза ва бесобиқа пайдо намуданд. Дар натиҷаи амалисозии сиёсати сулҳҷӯёна ва бомароми хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти манфиатҳои миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳон имрӯз аз ҷониби 151 давлатҳои дунё ба расмият шинохта шуда, бо беш аз 126 давлатҳои дунё ҳамкориҳои неки дипломатиро ба роҳ монда, ба аъзогии 51 созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ пазируфта шудааст.

---

[43] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. 316 с. -С. 128. Ба таваҷҷуҳи хонандагони арҷманд мерасонем, ки дар хусуси паҳлуҳои ҷудогонаи баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мазмуну моҳияти қарорҳои таърихии дар ин иҷлосия қабулшуда метавонанд аз ҳамин сарчашма иттилооти фаровон ба даст биёранд.

[44] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Асари ишорашуда. -С. 132-133.

Беш аз 350 санади ҳуқуқи байналмилалии бисёртарафа ва беш 1200 санади ҳуқуқи байналмилалии дутарафаро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидааст, ки онҳо асоси ҳуқуқии муносибату ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳ ва форматҳои гуногун таъмин менамоянд. Мо аз он ифтихормандем, ки бо азму талошҳои пайгиронаи Сарвари маҳбуби Ватанамон Тоҷикистонро ҷаҳон шинохт, миллати тоҷик дар дунё муаррифӣ гашт, овози тоҷик ба гӯши аҳли башар расид ва садои тоҷик аз минбарҳои баланди созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ танинандоз гашт. Ӯ борҳо аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид баромад карда, дар баробари проблемаҳои Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Афғонистон, масъалаҳои мубориза бо терроризму экстремизм, қочоқи моводи мухаддир, рушди нобаробари давлатҳои ҷаҳон, масъалаҳои таъминоти оби тоза ва ғайраҳо ҷалб мекунад. Ҷойи фахр аст, ки аксарияти ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, хосатан оид ба оби тоза ва дигар мушкилоти экологӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид бо қаноатмандӣ қабул шудаанд. Давлати Тоҷикистон муаллифи чор ташаббуси бузург дар соҳаи об, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, ки имрӯз дар сатҳи чаҳонӣ пазируфта ва амалӣ шуда истодааст. Гузашта аз ин тули солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ Тоҷикистон ба як макони асосии баргузории чорабиниҳои муҳими сиёсӣ ва ҳаммоишҳои сатҳи баланди байналмилалӣ табдил ёфтааст. Хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва эҳтироми суннату арзишҳои миллӣ, зинда гардонидани номи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, мутафаккирони оламшумули тоҷику форс, чеҳраҳои шинохтаи динӣ ва аҳли илму адаб беназиранд. Иқдомҳои амалинамудаи Пешвои миллат дар ин ҷода беихтиёр ба шинохт ва эътирофу эҳтироми дастовардҳои таърихии миллати тоҷик, гиромидошти мероси бою пурғановати ниёгонамон, густариши ҳуввияти миллӣ ва боло рафтани ғуруру нангу номуси меҳанпарастӣ мусоидат намуданд. Таъмини сулҳ, ваҳдати сартосарӣ, ризоияти миллӣ, оромию субот дар ҷомеа, хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани тамоми гурезагони иҷборӣ ба Ватан, аз вартаи нестӣ ва парокандагӣ наҷот додани давлату миллати тоҷик, аз бузургтарин ва беназиртарин хизматҳои тақдирсозеанд, ки Пешвои миллат барои давлату миллати тоҷик анҷом додаанд. Бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст.[45] Маҳз бо шарофати хизматҳои барҷаставу арзандаи таърихии ин абармарди бузурги саҳнаи сиёсат дар самти таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва рафъи хатари парокандашавиии миллату заволёбии давлат бо дастгириву ташаббусҳои бевоситаи халқи Тоҷикистон якдилона бо қалби саршор аз меҳру муҳаббат ба ӯ мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат лоиқ дониста шуда, аз тариқи қонун танзими ҳуқуқӣ пайдо кард. Итминон дорем, ки кохи муҳташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Бовар дорем, ки таҷрибаи бузурги сулҳоварӣ ва давлату миллатсозии Пешвои тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо мавриди омӯзиш, пазириш ва таваҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор хоҳанд гирифт. Аз баракати истиқлолияти давлатӣ ва бо шарофати хизматҳои содиқона, ҷонфидоиву

---

[45] Ниг.: Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ // маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ ( 15-16-уми июни соли 2017) зери таҳрири н.и.ҳ. Раҳмон Д.С. Душанбе. 2017. 203 саҳ. Дар маҷмӯаи мазкур маърӯзаҳо ва мақолаҳои илмии иштирокчиёни конференсия дар робита ба хизматҳои беназири Пешвои миллат дар самти таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди давлатдории миллиии тоҷикон гирд оварда шуданнд, ки барои истифода маводи муфиде хоҳад буд.

фаъолияти сарбаландона ва иқдому ташаббусҳои неки созанда ва ҳидоятҳои ҷавонмардонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифу сарбаланд, меҳнатдӯсту тамаддунофар, фарҳангсолору матинидодаи тоҷик, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ қадам ба қадам гомҳои устувор гузошта истодааст.

Касби Истиқлолияти давлатӣ аз давлати ҷавон тақозо менамуд, ки дар самти ба по мондани низоми нави ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули қонунҳои ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ, муайян намудани шакли сохти давлатию идоракунӣ, фароҳам овардани шароити арзанда барои зисту зиндагонии аҳолии кишвар ва ҳамзамон таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ тадбирҳои ҷиддиеро роҳандозӣ ва корҳои бузургеро амалӣ намояд. Табиист, ки иҷрои ҳар як амал ва пиёда намудани ислоҳот дар самти низоми давлатдорӣ аз эҳёи заминаҳои ҳуқуқии он оғоз меёбад. Яке аз музафариятҳои муҳимми Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши қонунгузорӣ гузоштани замина барои таҳия ва қабули Конститутсияи нави мамлакат буд. Бинобар ҳамин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибихтиёрии давлатӣ яке аз дастовардҳои бузург ва нодири Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Мардуми шарифи Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994 аз тариқи райъпурсии умумихалқӣ бо тарафдории аксарият Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуданд. Қабули Конститутсия дар воқеъ дар таърихи пешрафти ҳар як миллату давлат нақши созандаву калидиро иҷро менамояд. Қабули Қонуни асосии кишвар боис гардид, ки дурнамои инкишофу пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян карда шавад. Қобили қайд аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ба назари эътибор гирифтани беҳтарин арзишҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутаммаддини дунё, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ ва суннату одатҳои таърихии миллии тоҷикон таҳия ва қабул карда шудааст. Қабули Конститутсия заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилиро дар самти қабули қонунҳои нави ҷавобгуй ба талаботи замон рӯйи кор овард. Бо назардошти мустақиман амал кардани меъёрҳои Қонститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави кишвар ва қувваи олии ҳуқуқӣ доштани он нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ зарурати ба Конститутсия мутобиқ намудани қонунҳои амалкунанда ва ё аз нав қабул кардани онҳо ба миён омаданд. Дар бобҳои алоҳидаи Конститутсия масъалаҳои марбут ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳамчунин ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд мустаҳкам гардида, кафолатҳои амалишавии онҳо низ муқаррар гардиданд. Дар умум муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дар Конститутсия инъикос ёфтаанд. Бо дарназардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргунӣ ва пешравиҳои дар ҷомеа солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки онҳо барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд.

Зимнан бояд иброз намуд, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду инкишофи ҳокимияти судӣ нақши муассир дорад. Бори нахуст дар моддаи 9-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф карда шуд. Дар боби 8-уми он бошад (моддаҳои 84-92) вазифа, ваколат, принсипҳои фаъолият, талаботҳо оид ба таъин ва интихоб шудани судяҳо, низоми судӣ мушаххас гардонида шуданд. Дар маҷмӯъ баъди касби истиқлолияти давлатӣ бо қабули Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилӣ дар самти тақвият ва густариши минбаъдаи ҳокимияти судӣ, сохтори судӣ ва адолати судӣ руйи кор омаданд. Аз ҷумла, дар натиҷаи татбиқи

мақсаднок ва бомароми ислоҳотҳои ҳуқуқӣ дар кишвар шароити муносиб ва мувофиқи фаъолияти судҳо дар самти ба амал баровардани адолати судӣ фароҳам оварда шуданд.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ яке аз рукнҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф шудааст. Ҳокимияти судӣ мустақил буда аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад, ҳуқуқ, озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонуняту адолатро ҳифз менамояд. Таҷ рибаи ҷ аҳонӣ гувоҳ аст, ки яке аз роҳҳои асосӣ ва пешқадамтарини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин ҳифзи судист. Ҳокимияти судӣ яке аз кафолатҳои асосии таъмини арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад менамояд. Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 силсилаи қонунҳо доир ба мақомоти судӣ қабул карда шуданд. Бояд қайд кард, ки фаъолияти ҳокимияти судӣ дар самти амалӣ намудани адолати судӣ он солҳо яксону ҳамвор набуд. Зеро, бо назардошти қарор доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти баъд аз низоъҳои дохилӣ, то андозае фалаҷ гаштани фаъолияти сохторҳои давлатӣ, қарор доштани шаҳрвандон дар ҳолати яъсу ноумедӣ зарур буд, ки қонуну қарорҳои қабулшуда барои таъмини сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмии комил ва фазои орому субот дар кишвар мусоидат намуда, дар дили ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон умеду бовариро ба сӯйи ояндаи дурахшони ин давлату сарзамин бедор менамуд. Дар робита ба ин масъала яке аз саҳифаҳои муҳими таърихи навини давлати ҷавони Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ соли 1997 ташкил медиҳад.

Созишномаи мазкур заминаҳои муайяни ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар самти амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овард. Бо мақсади таъмини механизми назорат ва татбиқи Созишномаи умумӣ Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд. Комиссияи оштии миллӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия таҳия ва пешниҳод намуд, ки яке аз масъалаҳои марказии онро такмили мустақилиятии низоми судӣ ташкил медод. Дар заминаи амалишавии ислоҳоти конститутсионӣ 26 сентябри соли 1999 ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки тавассути он дар роҳи устувор гардонидани пояҳои давлати демокративу ҳуқуқбунед қадами устувор гузошта шуд. Дар заминаи ин тағйиротҳо бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999 таҳти № 48 Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда ҳалли масъалаҳои таъминоти ташкилии фаъолияти судҳо аз Вазорати адлия ба салоҳияти ин ниҳоди навтаъсис вогузор гардид. Таъсиси Шӯрои адлияро он замон метавон як қадами навбатӣ дар ҷодаи таъмини амалии усули таҷзияи ҳокимият ва таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ арзёбӣ намуд. Дар заминаи ҳамин тағйироту иловаҳо соли 2001 Қонуни нави конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Ҳамзамон дар заминаи тағйиру иловаҳои Конститутсия муҳлати ваколати судяҳо ба 10 сол дароз гардида, синни ниҳоии номзадҳои ба вазифаи судягӣ пешниҳодшаванда 65 сол муқаррар гардид. Тағйиротҳои қабулгардида аз як тараф ҷиҳати ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузории миллии кишвар мусоидат намуда, аз дигар ҷиҳат ба рушду таҳкими минбаъдаи низоми судӣ ва ҳокимияти судӣ дар кишвар шароити арзандаро фароҳам овард.

Хотирнишон бояд сохт, ки масъалаи инкишофу пешрафти низоми судӣ, таъмини мустақилияту шаффофияти фаъолияти судҳо дар Тоҷикистон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат қарор дорад. Зеро таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дунё, омузиш ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низомҳои пешрафтаи ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳимтарин масъала ва баҳсҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иртибот доранд, аз ҷониби суд ҳал карда мешаванд. Аз ин рӯ, яке аз мавзуҳои марказии Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъалаи сол аз сол тақвият додани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва дар ин замина таҳия ва қабул

намудани барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар заминаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири таҳким бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини ҳамаҷонибаи қонунияту адолат бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010» ва аз 3 январи соли 2011, таҳти № 976 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013» қабул карда шуданд. Бояд қайд кард, ки асосан чорабиниҳои дар доираи барномаихои зикргардида таҳия шуда, амалӣ карда шуданд. Амалисозии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар шаҳодати ғамхориҳои рузафзуни Президенти кишвар ба фаъолияти мақомоти судӣ буда, барои тадриҷан боло бурдани нуфузу эътибори онҳо дар ҷомеа, ҳамчун ниҳоди ҷомеаи демократӣ мусоидат менамояд. Дар заминаи амалисозии ислоҳоти судӣ кодексҳои мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи иқтисодӣ ва мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул карда шуданд. Дар сохтори Суди Олӣ, судҳои вилоят, суди ВМКБ, шаҳри Душанбе бошад коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва маъмурӣ таъсис дода шуданд. Ҳамзамон ба мақсади беҳтар намудани фаъолият дар самти интихоб ва ҷобаҷогузорри номзадҳо ба вазифаи судягӣ ниҳоди «судя-коромӯз» таъсис дода шуд. Ҳамзамон дар заминаи ҳамин барномаҳо қонунҳои конститутсионии Ҷумҳуриии Тоҷикистон “Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”, Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як зумра қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Дар ниҳояти кор мақсади ниҳоии ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ ба он нигаронида шудаанд, ки дар Тоҷикистон як ҳокимияти судии воқеан пурқувват, мустақил, бонуфуз, беғараз ва касбӣ ташаккул ёбад ва ҳар як судя ба сифати таҷассумгари ғояву андешаи арзишҳои демократӣ, ба мисли дарки ҳуқук, озодӣ ва шаъну эътибори инсон ҳамчун арзиши олӣ тарбия ёбад.

Хурсандибахш аст, ки ба масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аҳамияти хосса зоҳир карда мешавад. Масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон низ мавзӯи асосии аксарияти конференсияву ҳаммоишҳои илмиро ташкил медиҳад. Ҳамзамон ба ин масъала низ дар доираҳои илмӣ тавассӯҳи зиёд равона карда шуда, аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ дар иртибот ба ислоҳот ва такмили минбаъдаи ҳокимият ва низоми судии кишвар андешаҳои созгор иброз шудаанд.[46]

---

[46] Ниг.: Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. 292 саҳ.; Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири Сафаров Б.А ва Диноршоев А.М. - Душанбе, 2015. - Саҳ. 10-16.; Авзалов А.Х. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба барномаи ислоҳоти судӣ-ҳукуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳукуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири Маҳмудов И.Т., Сафаров А.И. - Душанбе: Империал - Групп, 2015. - Саҳ. Гафуров Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебно-правовой реформы в Таджикистане /Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. С.121-138; Шаҳидуллозода Муҳаммадвалӣ. Пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ. Асари ишорашуда. С. 50-60; 264-274. Мусоев О. Аҳамият ва зарурияти ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асари ишорашуда. С.88-110; Хоҷаева Н.Б. Аҳамияти барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ташакулёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асари ишорашуда.

Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2015, № 327 Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 тасдиқ гардид. Мақсади асосии идомаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ин таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, соддагардонии чараёни мурофиаи судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилотҳо, таъмини қонунияту адолат ва дар заминаи он такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти судии кишвар мебошад.

Тавре ки иттилоъ дорем, рӯзи 22-юми майи соли 2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раъйпурсии умумихалқӣ баргузор гардид. Дар натиҷа бо гирифтани 94,5 фоизи овози раъйдиҳандагон лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт. Дар заминаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе аз меъёрҳои нави ҳуқуқие мустаҳкам шуданд, ки зарурати аз нав бознигарӣ кардани падидаҳои марбут ба низом, сохтор ва ҳокимияти судии кишварро асос гузоштанд. Аз ҷумла, мувофиқи тағйиротҳои воридшуда аз моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 12 хориҷ карда шуда, ҳамзамон як қатор навгониҳо ба боби 8-ум, ки “суд” ном дорад, ворид карда шуд. Дар асоси тағйиротҳое, ки ба моддаи 86-и Конститутсия ворид карда шуд, минбаъд судяҳои суди ҳарбӣ, судяҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳои Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе бо тартиби муқарраркардаи қонуни конститутсионӣ ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд. Гузашта аз рӯзи 9-июни соли 2016 дар заминаи тағйиротҳои ба Конститутсия ворид кардашуда аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳо «Дар бораи барҳам додани Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Фармонҳои мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқарраротҳои наве, ки дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ рӯзи 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ислоҳоти сохтории судии кишвар ворид карда шудаанд, равона гардидаанд. Тибқи фармонҳои мазкур масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои адлия дахл доштанд, минбаъд дар доираи ислоҳоти сохторӣ мутаносибан ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор мегарданд. Дар ҳамин замина ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, он ба мазмуну муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии пазируфтаи Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳам додани Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ гардонида шуд. Мувофиқи тағйиротҳои воридшуда тамоми масъалаҳои вобаста ба ташкили фаъолияти мақомоти судӣ, таъмини моддию техникии ин сохтор, таъминоти кадрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони судҳо, назорати судӣ аз болои фаъолияти судҳо, ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунҳо аз ҷониби Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд.

**Адабиёт:**

1. Авзалов А.Х. Базе мулоҳизаҳо оид ба барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири Маҳмудов

---

С. 145-162.

И.Т., Сафаров А.И. - Душанбе: Империал - Групп, 2015.

2. Гафуров Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебно-правовой реформы в Таджикистане /Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014.

3. Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. 292 саҳ

4. Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири Сафаров Б.А ва Диноршоев А.М. - Душанбе, 2015.

5. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. Душанбе: «Эр-граф», 2016. 316 с

6. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ // маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ ( 15-16-уми июни соли 2017) зери таҳрири н.и.ҳ. Раҳмон Д.С. Душанбе. 2017. 203 саҳ.

# НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОБ

**Саидов Ҳ.М.**

ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Воқеан боиси ифтихор ва сарфарозист, ки таҳти роҳбарии хирадмандона ва сиёсати созандаю бунёркоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз пояҳои истиқлолияти давлатиамон таҳким ёфта, халқи Ватани азизамон, ки дорои таърихи чандинҳазорсола ва анъанаҳои фарҳангии бостонӣ мебошад, ба фардои рӯзгори худ ва ояндаи ободу осудаи кишварамон дилпурона ва бо эътимоди қавӣ назар менамояд.

Имрӯз бо шарофати Иҷлосияи тақдирсоз сулҳу суботи комил ва фазои орому беғубор дар диёри Тоҷикистони азиз ҳукмфармо буда, аз файзу баракати он сатҳу сифати зиндагӣ, маърифату ҷаҳонбинӣ ва худогоҳиву ифтихори миллии мардуми кишвар боло рафта, Тоҷикистон ба сӯи амалишавии ҳадафҳои созандагиву бунёдкорӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Иҷлосияи воқеан тақдирсоз имкон дод, ки бо дарназардошти дастовардҳои ин даврон эътибору мақоми ҶТ дар арсаи байналмилалӣ ба маротиб боло рафта, рушди муътадили низоми иқтисоди миллӣ таъмин карда шуда, дар заминаи арзишҳои волои Конститутсия барои бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд, ки дар он эҳтирому ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мадди аввал меистад, заминаи воқеӣ гузошта шавад.

Иҷлосияи тақдирсоз ҳамчун дастоварди бузург ва воқеан нодиру фараҳбахши таърихӣ барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар дар роҳи давлатсозиву давлатдории навин фазои мусоид фароҳам оварда, дар ин раванд мавқеи давлати мустақили Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ баланд гардид. Пешниҳодҳои ҶТ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ташаббускор ва пешсафи ҳаллӣ масъалаҳои марбут ба об шинохта шуд.

Бо баргузории Иҷлосияи тақдирсоз сулҳу суббот ва рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсию ҳуқуқии мамлакат таъмин гардида, обурӯ ва нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯз аз рӯз дар арсаи байналмилалӣ боло рафта, давлати мо ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст. Ин рӯйдод боис гардид, ки Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ расман шинохта шавад.

Боиси хурсандист, ки имрӯзҳо дар тамоми гушаю канори Тоҷикистон бузургтарин ҷашни миллӣ, чорабинии муҳими сиёсӣ – Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил шуда истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мудати 25-соли Иҷлосияи тақдирсоз дар самти таъмини шароити зиндагонии арзандаи сокинони кишвар, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ ба комёбиҳои бузург мушарраф гаштааст. Дар ин ҷода яке аз дастовардҳои 25-соли Иҷлосияи тақдирсоз ин эътирофи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масоили «об» дар сатҳи байналхалқӣ ва ҳамзамон такмили қонунгузории об дар самти миллӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ ба ифтихори 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 08.09.2016, шаҳри Душанбе ироа доштанд, ки «иқдомҳои глобалии мо дар соҳаи об – эълон кардани соли 2003 ҳамчун "Соли байналмилалии оби тоза", Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" барои солҳои 2005-2015 ва соли 2013 ба ҳайси "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи

об” дар сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ шуда, аҳаммияти таърихӣ пайдо карданд. Имрӯз пешниҳоди дигари мо дар соҳаи об ҷиҳати эълон кардани Даҳсолаи нави байналмилалии «Об ба хотири рушди устувор» низ ҳамовозии ҷаҳонӣ пайдо намудааст ва заминаи иҷрои он дар ҳоли баррасист». Хушбахтона иқдоми мазкур ҳамовозии ҷаҳонӣ пайдо кард ва аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид бо Қатънома тасдиқ гардид. Иқдоми навбатии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки боз ҳам нуфӯзи Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба маротиб боло бардошт, ин эълон гардидани Даҳсолаи нави байналмилалӣ таҳти унвонӣ «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 мебошад. Ин ҳама бурдбориҳо, талошҳо аз мавҷудияти сулҳу оромӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамбастагӣ дар байни мардуми шарафманди Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳанд, ки заминаи мусбати баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ мебошанд.

Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқро ба вуҷуд овард. Такмил ва инкишофи қонунгузории соҳаи об низ аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Метавон гуфт, ки имрӯз дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ ҳамчун ғояи умумимиллӣ дар радифи мафҳумҳои исиқлолият, озодиву ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот пазируфта шудааст.

Маҳз дар заминаи натиҷаҳои мусбати Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ мо ба тамоми ҳадафҳои худ расида, бо нерӯи созандагию бунёдкорӣ Тоҷикистони азизи худро дар қатори давлатҳои мустақили ҷаҳон ҷой дода тавонистем.

Мо метавонем бо ифтихор гӯем, ки баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ боиси дар арсаи байналмилалӣ боло рафтани обрӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таҳкими нуфузу мавқеи он дар миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Имрӯз башарият иқдомоти башардӯстонаи давлати тоҷиконро низ доир ба ҳалли проблемаҳои мубрами минтақа ва ҷаҳон бо гармӣ истиқбол ва пуштибонӣ мекунад.

Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардид, ки Истиқлолияти давлатӣ мустаҳкам гардад ва дар заминаи он қонунгузории мамлакат такмил ёбад. Ҳамчунин Тоҷикистон чун давлати соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ мавқеъ ва манзалати хоса касб намояд. Дар ҷодаи истифодаи самараноки об, ки таъминкунандаи истиқлолияти миллӣ аст, Ҳукумати Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои стратегии худро пеш гузоштааст. Ин ҳадафи стратегии давлати мо расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат мебошад. Аз ин рӯ, талошҳои пайвастаи давлат ба бунёди чандин нерӯгоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ равона шудааст.

Дар давоми чанд соли охир дар минтақаҳои кӯҳистони кишвар беш аз 180 нерӯгоҳи хурди барқи обӣ бунёд гардиданд ва нерӯгоҳҳои Сангтӯда-1, Сангтӯда-2 ва Помир-1 ба истифода дода шуданд.

Имрӯзҳо корҳои барқарорсозӣ дар нерӯгоҳи азими Роғун босуръат идома дорад. Ин ҳама талошҳо қадами нек дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ мебошанд.

Мусалам аст, ки агар дар мамлакат истиқлолияти воқеӣ ҳукмфармо бошад, ҳамаи масъалаву мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тадриҷан ҳалли худро меёбанд.

Об - ин чунин омилест, ки муносибатҳои мутақобилаи минтақавиро ташаккул медиҳаду пойдории истиқлолияти миллӣ аз бисёр ҷиҳат вобаста ба он мебошанд.

Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Президенти мамлакат пайваста дар суханрониҳои худ ба масъалаи истифодаи самаранокӣ об диққати аввалиндараҷа медиҳад.

Истифодаи самараноки обро қисми таркибии ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон «истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ» бояд донист. Зеро бо истифодаи самараноки об иншоотҳои бузургӣ гидроэнергетикӣ сохта шуда истодааст ва тайёр намудани маҳсулоти озуқаворӣ бо истифодаи оби тоза ҳадафҳои пешгирифтаи стратегии давлатро таъмин мекунад.

Дар натиҷаи баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ ва барқарории Истиқлолияти давлатӣ дастовардҳои назаррас вобаста ба масоили об ба вуқуъ пайвастанд, ки онҳоро ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст:

- Якум дастовардҳо вобаста ба масоили об дар сатҳи байналмилалӣ;
- Дуюм дастовардҳо вобаста ба масоили об дар сатҳи миллӣ.

- Ба дастовардҳои сатҳи байналмилалӣ дар ҷодаи истифодаи самараноки об метавон пазироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати мустақил дар арсаи байналмилалӣ, эътирофи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳо ва давлатҳои хориҷӣ доир ба масоили об, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидани чандин конвенсияву созишномаҳо доир ба масъалаҳои обро шомил сохт. Заминаҳои мусбати Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ ва барқарории Истиқлолияти давлатӣ имкон дод, ки ташаббусҳои ҶТ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шаванд: Масалан, бо дарназардошти ин, ки нарасидани оби тоза торафт ба яке аз проблемаҳои глобалӣ табдил меёбад, Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард, ки соли 2003 - Соли байналмилалии оби тоза эълон карда шавад. Ин пешниҳод аз ҷониби 142 кишвар дастгирӣ ёфт, ки дар доираи он бо қарори Созмони Милали Муттаҳид (СММ) як силсила чорабиниҳои муҳими байналмилалӣ, аз ҷумла Форуми об дар шаҳри Душанбе доир шуд. Ҳамчунин пешниҳоди Тоҷикистон доир ба Даҳсолаи оби тоза эълон кардани солҳои 2005-2015 аз ҷониби 141 давлати ҷаҳон дастгирӣ ёфт. Тоҷикистон ташаббускори соли 2003 – Соли байналмилалии оби тоза, даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт 2005-2015», соли 2013-Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2018-2028 «Об барои рушди устувор» мебошад. Ҳамзамон пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси «Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряххо» мавриди пуштибонӣ қарор дода шуд.

Имрӯз Тоҷикистони азизи мо ба муваффақиятҳои назарраси сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ноил шуда, дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи худро пайдо кардааст. Натиҷаҳои Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ сол ба сол қавитар мегарданд.

- Ба дастовардҳои сатҳи миллӣ дар ҷодаи истифодаи самараноки об ин таъмини оби тозаи ошомиданӣ ба як чанд минтақаҳои ҷумҳурӣ, қабули якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши об дохил мегарданд. Бо мақсади таъмини аҳолии баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дар ҳаҷми зиёда як миллиард сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳбудии таъминот бо об ва ноил шудан ба дигар Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола «Барномаи беҳтар сохтани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои давраи солҳои 2007-2020»-ро қабул намудааст. Стратегияи миллии рушди кишвар то соли 2030 низ аҳамияти муҳим дар ин бахш дорад.

Дар натиҷаи баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ то имрӯз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав дар бахши истифодаи самараноки об ва таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ қабул гардиданд, аз ҷумла Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 ноябри соли 2000, №34; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» 29 декабри соли 2010, №670; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» 21 ноябри соли 2006, №213; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия» 30 апрели соли 2011 № 234; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои хизматрасонии коммуналӣ» 6 июни соли 2005, № 209; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби назорати давлатии таъмини оби нӯшокӣ» 31 декабри соли 2011, №679; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби барасмиятдарорӣ, бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо барои истифодаи махсуси об» 3 декабри соли 2002, № 485; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 1 декабри соли 2001, № 551; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» 2 декабри соли 2006, №514 ва ғайраҳо.

Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли проблемаҳои вобаста ба об зиёда аз 15 барнома, стратегия ва нақшаҳои амалиёт қабул намуд, ки дар доираи онҳо даҳҳо лоиҳа ба маблағи умумии беш аз 500 миллион доллари амрикоӣ мавриди татбиқ қарор доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналхалқӣ пайваста қайд менамоянд, ки яке аз проблемаҳои муҳим ин проблемаи оби тоза аст. Пешвои миллат ба ин масъала диққати хоса зоҳир намудааст ва пешниҳодҳои судманд ба тамоми аҳолии ҷаҳон ироа медоранд. Маҳз инкишофи ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ байни истифодабарандагони мухталифи об, аз сатҳи маҳаллию миллӣ сар карда, то сатҳи минтақавию байналмилалӣ метавонад дар амри расидан ба ҳадафҳои таъминоти об ва санитария, инчунин ҳифзи захираҳои об барои наслҳои оянда мусоидат намояд».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид медоранд, ки «об барои инсон аҳамияти ҳаётан муҳим дорад ва тамоми рӯйдодҳои ҷаҳон ба он вобастаанд, ки шарти асосии зиндагии мӯътадили тамоми мавҷудоти зинда, пеш аз ҳама инсон мебошад. Бинобар ин ҳуқуқи баҳрабардорӣ аз обро, ки СММ эълон кардааст, ҳамчун «ҷузъи ҳаётан муҳими таъминкунандаи шаъну эътибори инсонӣ» ва ҳамчун «заминаи таъмини ҳуқуқҳои дигари инсон» баррасӣ кардан зарур аст».

Аз ҷиҳати захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, пайваста талошҳо дар ҷодаи ҳифз ва истифодаи самараноки ин сарвати табиӣ ба амал бароварда мешаванд.

Ман аз фурсати муносиб истифода карда, кулли сокинони кишвари азизамонро ба муносибати ҷашни фархундаи Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони мардуми тоҷик саломатӣ, саодатмандӣ ва дар фаъолияти созандаашон муваффақиятҳои нав ба нав орзу менамоям.

# НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

**Асрорзода Зуҳуриддин**

сардори раёсати таъмини ташкили кори судҳо, ҷамъбасти амалияи судӣ, омори судӣ ва арзу шикоятҳои Суди Олии иқтисодӣ, мушовири адлияи дараҷаи якум

Бо ифтихору шукргузорӣ аз соҳибдавлатии миллати кӯҳанбунёд ва соҳибистиқлоли кишвари азизамон, ки ба шарофати он мо имрӯзҳо ба бузургдошти таъриху фарҳанги оламшумули худ имконияти фароҳам пайдо намуда, дар остонаи таҷлили санаи бузург 25-солагии Иҷлосияи таърихии **XVI**-уми Шӯрои Олӣ, ки дастоварди муқаддастарин ва муқаддамтарини таърихи навини халқи Тоҷикистон мебошад, қарор дорем.

Пас аз пош хӯрдани иттиҳоди Шӯравӣ ва фалаҷ шудани шохаҳои давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як муддат ба кишвари мо вазъи нохуб ва низои дохилиро ба бор овард, ки ба қишрҳои ҷомеа ҳисороти зиёд расид.

Баъзан аз ҳамватанони мо аз манзили истиқоматии худ маҳрум гашта, қисми дигари он қурбони ҷанги шаҳрвандӣ гардиданд. Новобаста ба ин, халқи тоҷик бо як ҷахон умед баҳри ояндаи Ватани азиз кӯшишҳо ва ҷонбозиҳои зиёд карданд.

Дар таърихи миллати тоҷик ин фоҷиаи гарон чун саҳифаи фаромӯшнашаванда дар таърихи кишвар сабт шудааст, то дарси ибрати наслҳои оянда гардад.

Бешубҳа, Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои нави сиёсӣ буда, дар таърихи миллати тоҷик саҳифаи наверо боз намуд. Маҳз ҳамин Иҷлосияи тақдирсоз бақои миллатро таъмин намуда, дастгоҳи нави давлатиро, ки омили пешрафту тараққиёти ҷомеа мебошад, рӯи кор овард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 1992 нақш ва мавқеи Иҷлосияро ба сифати рӯйдоди сарнавиштсози миллат муайян намуданд, зеро он дар кишвар гардиши куллиеро ба вуҷуд овард.

Дар Иҷлосия ба Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати сардори давлат дода шуд. Ба уҳдаи сардори давлат таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид.

Хулоса, давлати наве, ки пойдор шуд, фаъолияти худро аз оштии миллӣ, халъи силоҳ, авф, баргардонидани гурезагон, таъмини ҳуқуқи инсон ибтидо бахшид.

Сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат назми ҷомеаро ба вуҷуд оварда, мардумро ба ояндаи дурахшон бовар кунонид.

Ҳамасола ҷашни миллӣ Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои ором таҷлил гирифта мешавад. Зеро маҳз ҳамин Иҷлосия чун субҳи босафо бар шоми миллат ғолиб омада, ба хушбахтии мардум заминаи мусоид фароҳам овард ва сокинони минтақаи гуногуни кишварро ба дурандешиву бунёдкорӣ ҳидоят намуд.

Бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистони азиз дар натиҷаи ҷонбозиҳо ва заҳматҳои басо сангину азму талошҳои тӯлонии халқи озодихоҳи Ватан соҳибистиқлол гардида, иҷрои вазифаҳои муҳими таърихӣ ва басо пурифтихор, ҷиҳати бунёди давлати навини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқи кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосири тоҷикон ба зиммаи халқ вогузор гардидааст.

Асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ва фарҳангӣ дар доираи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Маҳз бо шарофати иҷлосияи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият аввалин шуда, бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Қонуни асосии кишварро таҳия ва қабул намуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самти асосии пешрафти шохаҳои давлат, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрвандро мушаххас муайян намуд.

Ҳамчунин дар ин давра аз ҷониби Президенти мамалакат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ силсилаи қонунҳое ба тасвиб расиданд, ки онҳо ҷиҳати мустаҳкам намудани ҳокимияти судӣ нигаронида шудаанд.

Бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи алоҳидаи давлат ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи салоҳияти худ ба сифати мақомоти мустақили давлатӣ фаъолият дорад.

Тибқи моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд.

Дар аввали амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати ваколати судяҳо 5 сол муқаррар гардида, баъдан бо тағйиру иловаҳои бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 22 июни соли 2003 ба Конститутсия воридгардида ва ба муҳлати аз 5 то 10 сол зиёд кардани ваколати судяҳо аз принсипҳои конститутсионии таъмини мустақилият ва таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ буда, барои баланд бардоштани нақшу мавқеи он дар ҷомеа ва татбиқи адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Бахри дар амал татбиқ намудани муқарраротҳои наве, ки дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ рӯзи 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ислоҳоти сохтории судии кишвар ворид карда шудаанд бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09 июни соли 2016, №698 Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, салоҳияти он мутаносибан ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор гардид. Ҳамзамон бо Фармонҳои дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2016, №699 ва №700 мувофиқан сохтор ва нақшаи идоракунии Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав тасдиқ карда шуданд.

Дар заминаи он ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки тибқи он минбаъд тамоми масъалаҳои вобаста ба ташкили фаъолияти мақомоти судӣ, таъмини моддию техникии ин сохтор, таъминоти кадрӣ, бозомӯзӣ ва такмили иҳтисоси кормандони судҳо, назорати судӣ аз болои фаъолияти судҳо, ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунҳо аз ҷониби Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд.

Мутобиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст. Яке аз талаботҳои асосии таъмини фаъолияти судӣ босалоҳият, нерӯманд ва дахлнопазир, инчунин беғаразе, ки дар асоси Конститутсия ва қонун таъсис дода шудааст, ин мустақилияти судяҳо мебошад.

Доираи фаъолият ва салоҳияти судяҳоро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳо муайян менамоянд.

Кафолати мустақилияти судяҳо, аз ҷумла чораҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии онҳо, ки қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ намудааст, ба ҳамаи судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дошта, бо ягон санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор ё маҳдуд карда намешаванд.

Дар чунин шакл таъсис додани судҳо, ба вазифа таъин ва интихоб намудани судяҳо барои мустаҳкам намудани ҳокимияти судӣ ва ба ин восила ба таъмини ҳифзи амнияти давлат, асосҳои демократӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон мусоиад намуда, ҳамчун мақоми конститутсионӣ бевосита таъминкунандаи ҳифзи ҳуқуқу

озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат мебошад.

Дар заминаи ин меъёрҳо судяҳо вазифаи конститутсионии худро ҷиҳати таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ ба анҷом расонида истодаанд.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсия ва дигар қонунҳо, аз ҷумла пурзӯр намудани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва устувор ба роҳ мондани мустақилияти судҳо, баланд бардоштани нақш ва мавқеи судҳо, пурра иҷро намудани барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ номзадҳои арзанда ба вазифаи судягӣ пешниҳод гардида, кормандони дастгоҳҳои судӣ дар рӯҳияи таъмини волоияти қонун адои вазифа карда истодаанд.

Дар ин давра рӯз аз рӯз ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии судяҳо, касбият, амалигардонии фаъолияти шаффофи онҳо, қабули қарорҳои қонунӣ, асоснок ва одилона, инчнунин омодагии касбии судяҳои ҷавон тадбирҳои мушаххас андешида шуда истодааст.

Ҳамин тавр, ҳар лаҳзаи сипаришаванда барои халқи тоҷик як давраи аз худкунии асосҳои давлату давлатдории муосир ва гузаштан ба ҷомеаи демокративу дунявиро талқин карда, вазифаи ҳар як фарди ҷомеа аз он иборат аст, ки баҳри оромии кишвар, риояи талаботи қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва сарватҳои Тоҷикистони азиз саҳми худро гузорад.

Маҳз бо шарофати Иҷлосияи таърихии **XVI**-уми Шӯрои Олӣ ба мо халқи тоҷик имконият фароҳам омад, ки баъди ҳазор солаҳо асолату ҳуввияти миллӣ, таърих ва забону фарҳанги миллӣ, суннату арзишҳои неки миллӣ, хулоса ҳастии миллии худро ба хотири иҷрои рисолати бисёр пурмасъулият, вале пурифтихори миллӣ – эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, яъне ҷомеаи навини давлати соҳибихтиёру озодамон ва зиндагии босаодати наслҳои имрӯзу фардо эҳё намоем.

Дар ин фосилаи кӯтоҳи таърих, халқи тоҷик тавонист, ки пояҳои давлати навбунёду тозаистиқлоли худро мустаҳкам намуда, мушкилоту камбудиҳои мавҷударо бо меҳнати созанда ислоҳ карда, дар ин роҳ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Дар охир ҳамаи ҳамватанони азизро бо ин ҷашни бузургу муқаддас табрику муборакбод намуда, бахту саодат ва осудагию оромӣ таманно дорам.

# ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ КИШВАР ДАР ПАРТАВИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН: ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТӢ ДАР ЗАМИНАИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Муродзода Б.Р.**

раиси коллегияи судӣ оид ба првандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие баргузор мегардид, ки дар Тоҷикистон ҷанги дохилӣ идома дошту шохаҳои асосии давлатдорӣ комилан фалаҷ гардида буданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарорсозии сохти конститутсионии кишвар ва эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон оғози устувор бахшид ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард.

Дар ин Иҷлосияи таърихӣ дар маҷмӯъ 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва 1 изҳорот қабул шуд, ки ҳамаги барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар дар он солҳои душвор, ҳамчунин таҳким бахшидани низоми давлатдории навини миллии тоҷикон дар марҳилаи гузариш хизмати таърихӣ карданд. Бо ташаббуси Раиси Шӯрои Олии тозаинтихоб Эмомалӣ Раҳмон 20 ноябри соли 1992 ду ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ - «Мурожиатнома ба ҳамаи азҳоби сиёсӣ, ҳаракатҳо, созмонҳо ва меҳнаткашони ҷумҳурӣ» ва «Изҳороти Иҷлосияи Шӯрои Олӣ ба тавсиб расид, ки мазмуну муҳтавои онҳоро даъвати табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва созмонҳои сиёсӣ ба сулҳу салоҳ ва ҳамзистиву ҳамбастагӣ, ҳамчунин бозгашти фирориёни иҷбори ба ватан ташкил медод».

Давраи навини қонунгузории кишвар аз ин иҷлосияи тақдирсоз оғоз гардидааст ва дар маҷмӯъ Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ чунин тадбирҳои муҳими сарнавиштсозро анҷом дод, аз ҷумла роҳбарияти нави сиёсии мамлакатро таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд; сохтори конститутсиониро дар мамлакат барқарор сохт; хатари пош хурдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парокандагии миллатро пешгирӣ намуд; тадбирҳои мукаммали аз бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани ҷомеаро ба миён гузошт; самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакатро муйаян намуд; мавқеи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварро муайян сохта, барои ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои ҷаҳон роҳ кушод; қонунгузории ҷумҳуриро устувор намуд ва ба рушди он замина гузошт.

Ин фаъолияти самарабахш пас аз интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид. Бо назардошти вазъи сиёсӣ ва бо мақсади таъмини субот иҷлосия қарори дахлдор қабул намуда, аз шакли идораи президентӣ даст кашида, бо ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти парламентиро дар ҷумҳурӣ ҷорӣ намуд. Тибқи он ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯши Раиси Шӯрои Олӣ вогузор карда шуд, Раиси Шӯрои Олӣ Сарвари давлат ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин дар Иҷлосия раисони кумита ва комиссияҳои Шӯрои Олӣ, Раиси Шӯрои вазирон ва аъзои ҳукумат аз нав интихоб шуданд.

Дар иҷлосия ҳукумате таъсис ёфт, ки таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ тавонист оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуда, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохт.

Давраи навини давлатсозию давлатдории мустақилона ба роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, ки дар роҳи дигаргун сохтани шакли моликият, ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва сохторҳои нави идоракунӣ, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро

пеш гирифта, ба таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, такмили сохториҳои судӣ ва тақвияти фаъолияти онҳо, беҳдошти вазъи моддию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо, инчунин мукаммал намудани қонунҳо як қатор пешравиҳои назаррас ба даст оварда шаванд.

Барқарор намудани давлати ҳуқуқбунёд бе ҳокимияти судии мустақил ва фаъолияти ҳуқуқҳифзнамоии он имконнопазир мебошад. Бо мақсади мустаҳкамгардонии ваколат ва мавқеи ҳокимияти судӣ як қатор чорабиниҳои хеле муҳим андешида, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт қабул карда шуданд, ки онҳо ба талаботи замон ва қолабҳои байналмилалии марбут ба рушди низоми судӣ мувофиқ мебошанд.

Дар ҳамин радиф барои амалӣ гардонидани адолати судӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 бо қарори Раёсати Маҷлиси Олӣ Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моҳи июни соли 1994 судҳои ҳарбии гарнизонҳо таъсис ёфтанд.

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ҳанӯз 14 апрели соли 1997, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №692 "Дар бораи таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба имзо расид, ки он як иқтидоми нек дар роҳи таъмини мустақилияти судҳо ва такмили сохтори он буд. Аз ҷумла, бо фармони мазкур таъсиси вазифаи пристави судҳо ва ёвари раисони судҳо пешбинӣ гардид, ки баъдан дар қонунгузорӣ низ татбиқи худро пайдо намуд.

Мувофиқи тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, зиёд кардани муҳлати ваколати судяҳо аз панҷ то ба даҳ сол аз ҷумлаи чораандешиҳои назаррас мебошад, ки барои таъмини мустақилияти судяҳо хизмат мекунад.

Баҳри таҳкими ҳокимияти судӣ ва идома бахшидан ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, 3 январи соли 2011 ва 5 январи соли 2015 се Барномаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд, ки тибқи онҳо қонунҳои амалкунанда такмил дода шуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо қабули нахустин Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, №271 тасдиқ гардида буд, дар такмили қонунҳои амалкунанда, қабули кодексу қонунҳои нав, иловатан ташкили сохторҳои нави судӣ, ба монанди коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ ва оилавӣ дар Суди Олӣ, суди ВМКБ, судҳои вилоят ва ш.Душанбе дар таҳкиму тақвияти ҳокимияти судӣ нақши назаррас касб намуд, ки ин талаби замони давлати соҳибихтиёри тоҷикон мебошад.

Мувофиқи ин барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ба таври расмӣ ба Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид гардида, вазифаи коромӯз-судя таъсис дода шуд. Дар ин раванд барномаи яксолаи омӯзишии онҳо тасдиқ ва аз ин маврид сар карда, судяҳо аз ҳисоби хатмкунандагони курсҳои мазкур таъин карда мешаванд.

Барои таъмини иҷрои Барномаҳои мазкур як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла оид ба ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои соҳа, баланд бардоштани сатҳи тахассусии онҳо, ҳалли дигар масъалаҳои ташкилии фаъолияти судӣ роҳандозӣ гардида, дар ин раванд қабули Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодексҳои маъмурӣ, оила, манзил, меҳнат, замин ва граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ, мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо, аз такмил додани сохтори мақомоти судӣ, пурра мутобиқ гардонидани фаъолияти судҳо ба принсипи башардӯстонаи санадҳои ҳуқуқии

байналмилалӣ, таҳкими мавқеи ҳокимияти судӣ дар ҷомеа, таъмини адолати иҷтимоӣ ва иҷрои вазифаҳои дар назди судҳо гузошташуда шаҳодат медиҳад, ки ин ҳама неъматҳои бебаҳои Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурияти гузаронидани ислоҳоти сиёсию ҳуқуқиро ба миён овард.

Аз ин лиҳоз, бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 ҳуҷҷати сарнавиштсоз барои давлату миллати тоҷик мебошад. Боз бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ се маротиба ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Ин тағйиру иловаҳо бо дарназардошти дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, инкишоф ва тағйир ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, зарурияти такмили сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ба талаботи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мувофиқ гардонидани меъёрҳои конститутсионӣ ва таъмини пешрафти минбаъдаи ҷомеа ба вуқӯъ пайвастанд.

Тибқи тарғйироту иловаҳои охироне, ки бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 22 майи соли 2016 ба Конститутсия ворид гардиданд, Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, акнун масъалаҳои ба салоҳияти ин сохтор дахлдошта, аз қабили пешниҳоди номзад ба вазифаи судягӣ ва озод намудани судяҳо аз вазифаашон бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

Дар айни замон муносибат ба мақомоти судӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Зеро дар ҷаҳони муосир кишвари мо чун давлати аъзои комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид тамоми асноди ҳуқуқии башарро риоя менамояд ва намояндагии ин созмони маъруфи ҷаҳониро низ дорад. Аз ин лиҳоз, сатҳ ва манзалати мақомоти судӣ низ дар ҳимояи адолат хеле боло рафтааст. Бахусус Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамият ва нақши мақомоти судиро дар ҳаёти ҷомеа ва кори мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, муҳофизати ҳуқуқи шаҳрвандон ва манфиатҳои иҷтимоии онҳо, инчунин дар кори ба амал баровардани адолати судӣ аҳамияти махсус дода, ба фаъолияти онҳо диққату эътибори доимӣ медиҳад.

Дар ҳамин замина бо қабули Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 апрели соли 2010 мавриди амал қарор дорад, ваколати додани иҷозати ба ҳабс гирифтани шахс, кофтукови манзил, ҳабси молу мулк, ҳабси муросилот, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонӣ ва ба мисли онҳо ба зиммаи судҳо вогузор карда шуд, ки ин барои таҳкими фаъолият ва салоҳияти судҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин такмили раванди мурофиавии баррасии саривақтӣ ва одилонаи парвандаҳо замина гузоштанд.

Таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати муҳайё намудани шароити дурусти корӣ барои кормандони суд ҳамарӯза эҳсос карда мешавад. Зеро бо кӯмаку дастгириҳои бевоситаи Сардори давлат таъмини шароити моддию техникии судҳо ва вазъи моддию иҷтимоии судяҳо сол то сол беҳтар шуда истодааст.

Дар охир ба ҷавонон ва донишҷӯён таъкид карда мегӯем, ки онҳо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки ин рӯзҳои тинҷиву оромӣ осон ба даст наомадааст, насли оянда бояд дар таҳкими сулҳу салоҳ идомадиҳандагони кори сиёсатмадорони давр бошанд.

Мо бояд дарки онро дошта бошем, ки қадр намудани арзишҳои сиёсӣ, маданӣ ва давлатдории миллӣ, ки натиҷаи ҳамин Иҷлосияи сарнавиштсози Шӯрои Олӣ ба ҳисоб рафта, минбаъд сохтмони давлати миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ таъин кардааст ва эҳтирому шинохти таърихии онро вазифаи ҳар шахс ва аҳли ҷомеа мебошад.

# НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОБӢ

**Мирзоев А.М.**
дотсенти кафедраиҳуқуқи байналмилалиифакултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Шоҳбайтҳои мазкури Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ воқеан дар худ асрори баланди озодандешӣ ва истиқлолпарастиро ҷой додаанд, ки ба ҳар халқу миллате, ки дар талоши соҳибдавлатӣ ва мустақилияти сиёсии хеш мебошанд, чун раҳнамои маънавӣ арзиши баландеро қоиланд.

Миллати куҳанбунёди тоҷик низ пас аз ҳазор соли бедавлатӣ 9 сентябри соли 1991 баъд аз пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ истиқлолияти кишвари худро эълон дошт ва ҳамчун миллати соҳибдавлат дар арсаи байналмилалӣ пазируфта шуд. Акнун бо даст ёфтан ба истиқлолият мебоист барои пойбарҷой мондани он ва мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ зери ливои ваҳдату ягонагӣ талош варзад, то давлати тозаистиқлоли худро ба як кишвари воҳид ва орӣ аз ҳар гуна мухолифат миёни мардумаш мубаддал гардонад ва номи онро ҳамчун яке аз кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон то ба авҷи сурайё расонад, зеро соҳиби давлати миллӣ будан орзуву ормони ҳазорсолае буд, ки гузаштагони мо бо амри тақдир ба он комёб нашуданд ва танҳо моро чунин саодати яздонӣ насиб гашт.

Вале ба ин саодату хушбахтии мо душманони аҳримантабори аҷнабиву дохилӣ бо чашми рашку ҳасад ва дили пур аз буғзу кина таваҷҷуҳ намуда, хостори аз миён бардоштани он гаштанд. Ҳамин буд, ки бо найрангу дасисабозиҳои сиёсӣ, аз вазъияти ноустувор, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди абарқудтари шӯравӣ дар ҳудуди кишвар ба вукӯъ пайваста буд, истифода бурда, бо ваъдаҳои хому бардурӯғ миллати соҳибтамаддуни тоҷикро ба доми фиреби худ афканда, дӯчори фитнаву ихтилофот намуда, баҳри дар амал пиёда намудани нақшаҳои шуму ғаразноки дар сар доштаи худ дар нуқоти гуногуни мамлакат ташкилоту гурӯҳҳои ҷиноятӣ таъсис дода, қасди ҷони ҳазорон мардуми бегуноҳи кишвар намуда, ононро ба хоку хун кашиданд, то ҷое расиданд, ки миёни падару писар ва ёру бародар кинаву адоват эҷод намуда, онҳоро бар алайҳи якдигар барангехтанд ва давлатро ба порчаҳо тақсим карда, низоми давлатдориро суст гардонида, мавҷудияти давлату миллати тоҷикро зери суол бурданд.

Дар натиҷа дуди навмедӣ тамоми фазои Тоҷикистонро фаро гирифт. Дар чунин ҳол иддае дар зери тиру туфанги душман ҷон дар рамақ печида, дар ҳоли тарсу ваҳшат ва нотавониву гуруснагӣ монданд, зумраи дигар аз хона бадар ғарибу дур аз ватан гаштанд. Модари бечораи тоҷик ё дар гӯшае бар суроғи ҷигарбандони худ, ки берун аз марзи кишвар монда буданд, чашминтизор гашт ва ё дар гӯшаи дигар ба ёди пайвандонаш, ки аз чанги адуи бебок ҷони худро аз даст дода буданд, бо дили пур аз ғаму андуҳ ва пора-пора, селобаи хунини ашк дар рухсори пурожанг аз шиддати яъсу навмедӣ, дарду ранҷ ва хориву зорӣ сарсону саргардон гашт.

Ҳеҷ фарди соҳибфикр ва боақлу идрок ба фаҳми он намерасид, ки чаро бар сари миллати тоҷик чунин имтиҳони сангину вазнине омадааст, аз чи хотир ҷаҳлашон бар ақлу инсофашон ғалаба намудааст, барои чи ба афроди шайтонсиришт бовар намуда, аз гиребони якдигар гирифтанд, санги маломат ба сӯи ҳамдигар заданд, бар сари худ теғи душманӣ кашидаанд ва бар ҷони якдигар ранҷу ситамро раво диданд, аз баҳри чи

дар пайи хароб кардани хонаи ободи якдигаранд ва чаро дар талоши ба харобазору вайрона табдил додани ин кишваранд ва ҳазорон суоли беҷавоби дигар …

Оё миллати соҳибхиради тоҷик намедонист, ки: ҳар чи кунад ба худ кунад, гар ҳама неку бад кунад; кас накунад ба ӯ он чи, ки худ ба худ кунад. Ё бӯи умеде аз бегонагону ноошноён дошт?

Дар чунин шароит, ки худӣ ёри бегона гаштаву душмани ҷони миллат шуда буд, ҳеҷ касе ёрои роҳбаладии мардуми роҳгумкарда ва аз пайраҳаи мақсуд берунбаромадаро надошт, зеро ин амал, албатта ҷавонмардӣ, сарсупурдагӣ, ҷонфидоӣ, шуҷоат ва зиракии баланди сиёсиро талаб менамуд. Мардуми сарсону саргаштаи тоҷик интизори абармарде буданд, ки тавонад алангаи ҷанги хонумонсӯзро дар қаламрави давлат хомӯш намояд ва миллати парешону роҳгумзадаро аз атрофу акнофи олам ба сарзамини умеди худ баргардонад.

Вале боз ҳам бояд ёдовар шуд, ки бегонае сина сипар карда, аз худ гузашта, дар ин ҷода ҳаргиз роҳ рафтанӣ набуд, албатта чунин шахсият бояд аз миёни мардони боору номуси ин хокдон ва ин миллат интихоб карда мешуд.

Ҳамин буд, ки ба интизориҳои миллати ҷафодидаи тоҷик Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) 16 ноябр - 2 декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, ки воқеан тақдири минбаъдаи давлату миллати тоҷикро муайян намуд.

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолате баргузор кардид, ки ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ аланга гирифта, сохтори давлатӣ фалаҷ гардида, низоми давлатдорӣ дар ҷомеа қариб аз байн рафта буд. Сабаби асосии дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардидани Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар он буд, ки дар он вазъияти ноором пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе амнияти иштироккунандагони Иҷлосияро таъмин карда наметавонист.

Дар Иҷлосия 23 масъала, аз ҷумла, муроҷиати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои узви ИДМ; дар бораи тартиби ба ҷои истиқомати муқимиашон баргаштани гурезаҳо; дар бораи Нишон ва Парчами давлатии Тоҷикистон; дар бораи интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар бораи авфи умумӣ; дар бораи аз муҳосираи иқтисодӣ раҳо додани минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ; дар бораи ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятию сиёсии кишвар ва дигар масоили ҳалталаб мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз рӯи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун қабул кард, ки тибқи он кишвар аз шакли идоракунии президентӣ даст кашида, ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба дӯши Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намуд.

Санаи 19-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосия Акбаршо Искандаров аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шуда, Эмомалӣ Раҳмон бо овоздиҳии пинҳонӣ ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид ва ҳамзамон Иҷлосия Ҳукумати нави Тоҷикистонро ташкил дод.

Маҳз чунин интихоб Иҷлосияи мазкурро то имрӯз ҳамчун иҷлосияи тақдирсози миллати тоҷик машҳур гардонидааст. Зеро Эмомалӣ Раҳмон дар шароити хеле ҳам ҳассоси сиёсиву иқтисодӣ бо азму иродаи қавӣ ва руҳияи шикастнопазир ба майдони набардҳои сиёсӣ ворид гардид. Шахсияте, ки бунёди давлатдории миллӣ пас аз ҳазор соли бедавлатии миллати тоҷик бо номи ӯ сахт вобастагӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон дар чунин рӯзҳои вазнини ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат аз ҷони худ гузашт то ҷони миллионҳо нафарро аз чанги душманони золим раҳо намояд ва хобро ба худ ҳаром намуд то халқи азизашро ҳар чи зудтар ба рӯзгори орому осоишта наздик намояд.

Дар чунин вазъияти печидаву мураккаб Эмомалӣ Раҳмон масъулияти таърихиро дар назди миллату давлат ба зимма гирифт ва аз рӯзҳои аввали сари қудрати сиёсӣ омаданаш роҳи барқарор намудани сулҳу ваҳдат ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ

ва демократиро интихоб намуда, инкишофи минбаъдаи Тоҷикистонро танҳо бо ҳамин роҳ тасаввур мекард. Маҳз чунин азму ирода буд, ки ба мардуми шарифи Тоҷикистон арз дошт: «ман оғози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард… Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем. Мо давлатамонро обод мекунем ва соҳибӣ мекунем…».

Дар ин давра ба зиммаи Сарвари давлат Эмомалӣ Рахмон ва Ҳукумати нави Тоҷикистон масъалаҳои хомӯш кардани алангаи ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезаҳо ба маҳалли зисташон ва таъмини амнияти онҳо, азнавсозию таҳкими низоми давлатдорӣ, эҷод намудани фазои боэътимоду ҳамзистӣ дар ҷомеа, таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва билохира дарёфти мавқеи шоиста дар арсаи байналмилалӣ вогузор шуда буд.

Бо туфайли ҷаҳду талошҳои пайвастааш ва дастгирии халқи шарифаш дар муддати начандон зиёде ба Эмомалӣ Раҳмон-пешвои муаззами миллат муяссар гардид, ки кишвари азизамонро аз буҳрони сиёсии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва доми найранги таҳмилгарони аҷнабӣ берун бароварда, дар шинохти роҳи раҳоӣ аз зулму ситами таҳмилгарону хоҷагони хориҷӣ муваффақ гардидонад ва тавонад ниҳоли кинаву адовате, ки рақибони миллати тоҷик дар замини муқаддаси кишвари мо ва замири мардуми соддаандеши он шинонда буданд, аз беху бунаш барканад ва дарахти сулҳу дӯстӣ, ваҳдату якпорчагӣ, якдиливу якзабониро дар ин сарзамин ва дар замири ҳар як тоҷику тоҷикистонии дилогоҳ ва соҳибдил шинонад ва онро парвариш диҳад то ба ҳар фарди ватандӯсти Тоҷикистон коми дил ба бор оварад ва бо ин васила дар масири интихобнамудааш ба пайраҳаи мурод расад.

Шукри беҳад он Худои покро, ки миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистон дубора эҳё гардид. Эмомалӣ Раҳмон он умеду чашмдоште, ки аввалан аҳли нишастагони Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъдан халқи азиятдидаи тоҷик аз ӯ доштанд ҳамагиро бароварда намуд.

Аз уҳдаи вазифаҳое, ки Иҷлосияи мазкур дар ин пайраҳаи ноҳамвори давлатсозӣ бар дӯши Ӯ ҳамчун Сарвари давлати навини тоҷикон гузошта буд, сарбаландона баромад. Дар баробари ба эътидол овардани вазъияти баамаломада ва баргардонидани гурезаҳо, беҳтар гардонидани шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар вазифаи дигараш, ки хеле муҳим буд ин пайдо намудани мавқеи арзанда дар сиёсати хориҷӣ буд.

Дар ин ҷода низ Эмомалӣ Раҳмон гомҳои устувори мақсадноке бардоштааст. Аз ҷумла, агар аз як сӯ бо сиёсати сулҳофаринӣ ва ҳушдор додани ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мӯътадил гардонидани авзои амниятӣ дар минтақа ва ҷаҳон, пешгирии зуҳуроти номатлуб, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризму экстремизм, маҳкум намудани нисбатдиҳии амалҳои террористӣ ба дини мубини Ислом ва доғдор намудани пайравони ин оини инсонсоз мавқеи сулҳҷӯёна ва инсондӯстонаи Тоҷикистонро нишон дода бошад, аз сӯи дигар таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба масъалаҳои норасоии оби тоза ва дигар мушкилоти марбут ба он ҷалб намуд.

Мутобиқи маълумоти Созмони Миллали Муттаҳид дар ҷаҳон 263 дарёи байналмилалӣ мавҷуд мебошад, ки сарҳади ду ва зиёда давлатро убур менамоянд. Дар ҳудуди ҳавзаи чунин дарёҳо тақрибан 40 фоизи аҳолии ҷаҳон умр ба сар мебаранд, қариб нисфи сатҳи заминро ишғол менамоянд ва тақрибан 60 фоизи захираҳои оби ширинро фаро мегиранд. Ба ҳудуди ҳавзаи дарёҳои байналмилалӣ қисман қаламрави 145 давлат рост меояд ва 21 давлати ҷаҳон бошад пурра дар ҳудуди онҳо ҷой гирифтаанд. Аммо ин нишондиҳандаҳо барои тамоми аҳолии сайёраро бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намудан кифоя намебошанд.

Гузашта аз ин, дар замони муосир соҳаи истифодабарии об дар миқёси байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва ҳалталаб дар назди ҷомеаи башарӣ боқӣ мемонад, зеро 1,1 млрд. аҳолии дунё ба оби босифат ва 2,4 млрд. одамон ба низоми обу корезӣ дастрасӣ надоранд ва 50 фисади аҳолии кишварҳои рӯ ба инкишоф барои дастрас намудани оби нӯшокӣ маҷбуранд аз манбаъҳои ифлос истифода намоянд, ки чунин

вазъият масоили истифодаи самараноки захираҳои обиро боз ҳам аҳамиятноктар мегардонад ва инсониятро ба ҳар чи зудтар расидагӣ кардан ба масоили мазкур водор менамояд. Ин ҳам дар ҳолест, ки ҳамагӣ 0,5 фисади захираҳои обиро оби тоза барои истеъмол ташкил медиҳад ва дар баробари ин аҳолии ҷаҳон низ рӯ ба афзоиш аст.

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин сарвати бебаҳои табиат бой аст ва аз ҷумлаи кишварҳои саргаҳи оби Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, дорои захираҳои зиёди обӣ мебошад, аз ҷумла 51, 2 км муккааб яъне 44 % ҷараёни солонаи Баҳри Арал, ки аз захираи обии Амударё ва Сирдарё сарчашма мегирад, маҳз дар қаламрави кишвари мо ба вуҷуд меоянд. Аз ин ҳавзаи Амударё 50, 5 км муккааб ва ҳавзаи Сирдарё 0,7 км муккааб аз ҳисоби захираҳои обии дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Зарафшон сарчашма мегиранд. Аммо ба мазиди ин неъмати илоҳӣ дар қаламрави кишвар нигоҳ накарда, андешаи ҷаҳонӣ Пешвои муаззами миллати мо Эмомалӣ Раҳмонро ба ҷаҳду талош баҳри бартараф намудани мушкилоти аҳолии сайёра, ки аз норасоии оби тозаи ошомиданӣ азият мекашанд, водор намуд.

Ҳамин буд, ки бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ Қатъномаҳо дар бораи Соли байналмилалии оби тоза эълон намудани соли 2003, Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» эълон намудани солҳои 2005-2015, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон намудани солҳои 2018-2028 қабул карда шуданд. Чунин ташаббусҳо намунаи олии иштироки кишвари мо дар муносибатҳои байналмилалии универсалӣ мебошанд, ки давлатҳои аъзои СММ-ро уҳдадор намудааст, ки аз муҳокима, ибрози андеша ва эълони уҳдадорӣ ба иҷрои чораҳои дахлдори амалӣ гузаранд. Иқдоми кишвари мо дар ин самт бешубҳа мақсади нави стратегии ҷомеаи байналмилалиро ба шарафи ҳаёт ва инсоният муайян намуд ва нуфӯзи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ дучанд боло бурд.

Дар баробари ҳамаи ин музаффарияту комёбиҳо барои саодати ҳамешагии мардуми Тоҷикистон бори дигар бо мисраъҳои гуҳарбори Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба ҳар фарди андешаманди миллати тоҷик мегӯем:

Бурун аз сина каш такбири худро,
Ба хоки хеш зан иксири худро.
Худиро гиру муҳкам гиру хуш зӣ,
Мадеҳ дар дасти кас тақдири худро.

# ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI – ЗАМИНАИ АСОСИИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

**Қурбонализода Нурулло Шамсулло**
сардори Раёсати илм ва навоварии техники ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,

Даҳсолаи охири асри XX дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавии халқи тоҷик нақши ниҳоят муҳими таърихӣ бозид. Метавон гуфт, ки маҳз руйдодҳои ҳамин даҳсола боиси тағйирот ва таҳаввулоти ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва тарзи зиндагии мардуми кишварамон гардиданд. Баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ аз ҷумлаи ҳамин рӯйдодҳои таърихиест, ки дар тақдири давлатдории миллии тоҷикон ва таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи сифатан навро бунёд намуда, хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлол ва парокандашавии миллати тоҷикро пешгирӣ кард.

Арҷгузории ин санаи муҳими таърихӣ, ки воқеан мамлакатро аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ раҳо дода, миллати тоҷикро тадриҷан ба остонаи сулҳу ваҳдат, ризоияти миллӣ ва созандагию бунёдкорӣ оварда расонид, қарзи ахлоқиву инсонии ҳар як фарди солимфикри ҷомеа мебошад.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ  ҳодисаҳое, ки дар Тоҷикистон дар рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба вуқуъ пайвастанд, куллан ба равандҳое, ки фазои пасошӯравиро фаро гирифта буданд нисбат додан мумкин аст.

5 майи соли 1992 дар пойтахти кишвар бетартибиҳои оммавӣ, гаравгонгириҳо, ғорату харобкориҳо  оғоз шуданд, ки паёмади онҳо беназмӣ ва фалаҷ шудани ҳукумат буд. Ҳамзамон унсурҳои ҷинояткорӣ сар бардоштанд. Шоҳидони воқеаҳо ба хубӣ медонанд, ки унсурҳои ҷинояткорӣ хеле фаъол буданд, ки  дар ниҳояти кор сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат оварда расонд. Саҳифаҳои матбуоти он давра аз унвонҳои мақолаҳое пур буданд, ки мундариҷаи онҳо дур аз воқеият буд: «Мушкилоти тоҷик», «Гиреҳи тоҷикӣ», «Низои тоҷик», «Ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон», «Тоҷикистон дар оташи ҷанг» ва монанди инҳо. Мушкилоти тоҷикон диққати ҷомеаи башариро ба худ ҷалб намуда буд. Тоҷикистон воқеан ҳам дар вазъияти хеле мураккаби сиёсию иқтисодӣ қарор гирифта, масъалаи бақои миллати тоҷик ва ҳифзи якпорчагии кишвар  дар мадди аввал қарор гирифта буд.

Роҳбарияти нави Тоҷикистон пас аз омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият бо мақсади раҳоии кишвар аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кори мақсадноку самароварро оғоз намуданд. Дар пеши онҳо чунин вазифаҳои муҳим ва аввалиндараҷа гузошта шуда буд: аз байн бурдани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан, пурра барқарор намудани мақомоти фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ, такмил додани қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, таъсиси артиши миллӣ, таъмини ҳифзи сарҳад, ташкили кори корхонаҳо ва хоҷагиҳо,  эҷоди механизмҳои иқтисоди бозаргонӣ, шомил гардидан ба созмонҳои байналмилалӣ ба сифати давлати соҳибистиқлол, барқарор кардани робитаҳо ва муносибатҳо бо кишварҳои дигар.

Воқеан, агар мо аз дидгоҳи имрӯз ба рӯйдоду ҳодисоти рӯзҳои аввали истиқлолияти Ватанамон назар афканем, мебинем, ки маҳз Иҷлосияи  XVI-уми Шӯрои Олӣ сароғози таърихи навини мо ба шумор меравад. Чунки он ба марҳалаи таҳкими истиқлолияти миллӣ ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пояҳои давлату давлатдорӣ, ҳамдигарфаҳмиву ҳамдигарбахшӣ ва оштиву сарҷамъии миллат заминаи мустаҳкам гузошт.

Бояд гуфт, ки бӯҳрони сиёсӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ натиҷаи омезиши мураккаби омилҳои дохиливу хориҷӣ ва бахусус фаъолияти амалан харобкоронаи нерӯҳои муайяни сиёсии дохилӣ ва душманони хориҷии мо буд. Таъкиди ин нукта

зарурист, ки ҷанги шаҳрвандӣ - ҷанги таҳмилӣ буд, яъне бадхоҳон ва душманони миллати тоҷик ва бадхоҳони истиқлолияти давлатӣ фоҷиаи ҷанги шаҳрвандиро ба сари мардуми мо таҳмил намуданд. Ҳадафи онҳо аз ин иқдоми даҳшатнок пароканда намудани миллати тоҷик, аз байн бурдани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва барҳам задани ҳудуди ягонаи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Бо назардошти чунин вазъи пурфоҷиа ва ба хотири наҷоти давлату миллат як гурӯҳ вакилони мардумӣ ва намояндагони қувваҳои огоҳи ҷомеа, ки хатари аз байн рафтани давлат ва пароканда гардидани миллатамонро дарк карда буданд, масъалаи ҳарчи зудтар даъват намудани иҷлосияи Шӯрои Олиро ба миён гузоштанд.

Иҷлосияи XVI -уми Шӯрои Олӣ дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун гардиши куллӣ ба сӯи хотима бахшидан и ҷанги бародаркуш, пойдории миллати тоҷик, шаклдиҳии давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон ворид шудааст. Дар ин самт муҳимтарин санадҳои қабулкардаи Иҷлосияи XVI инҳо буданд: Қарор дар бораи «Муроҷиати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳизбҳо, ҷунбишҳо ва иттиҳодияҳои сиёсӣ, ба ҳамаи шаҳрвандони мамлакат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон кардани "Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон" (26 ноябри соли 1992) ва ғ.

Дар раванди баргузории Иҷлосияи XVI дар баробари қабули санадҳои муҳими ҳаётӣ, инчунин Раиси Шӯрои Олии Ҷумхурии Тоҷикистон низ аз байни вакилони мардумӣ интихоб гардид. Ба ин мансаби баландмақом вакили мардумӣ Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович интихоб гардид. Аввалин сухани Эмомалӣ Рахмон дар мақоми Раиси Шӯрои Олӣ ва Сарвари давлати Тоҷикистон «Ман ба Шумо сулҳ меоварам… Мо ҳама бояд ёру бародар бошем» паёме рушан аз хираду заковати халқ буд, ки дар фитрат ва дилу нияти поки фарзанди арҷманди баргузидааш таҷассум ёфта буд.

Вакилони мардумӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар кори иҷлосияи шонздаҳум фаъолона ширкат варзида буданд, хуб дарк мекарданд, ки зимни фаъолияти мақомоти мавҷудаи ҳокимияти давлатӣ ҳалли масъалаи муҳимтарини он рӯзҳо - таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ ғайриимкон аст. Бар замми ин, тамоми мардуми Тоҷикистон, ки ҷонибдори барқарор намудани сохти конститутсионии мамлакат буданд, оғози кори Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ ва қарорҳои онро бесаброна интизорӣ мекашиданд ва умед доштанд, ки пас аз баргузории он дар кишвар сулҳу субот пойдор мегардад.

Ҳанӯз дар муроҷиатномаи худ аз 12 декабри соли 1992 раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти вазъи воқеии онрӯзаи Тоҷикистон таъкид дошта буд, ки халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианоктарин давраҳои таърихи хешро аз сар мегузаронад. Масъалаи будан ё набудани ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо зери хатар монда, даҳҳо ҳазор одамони бегуноҳ шаҳиду маҷрӯҳ шуданд.

Ҳамин тавр, вакилони мардумӣ дар ҷараёни иҷлосия бо ҳисси баланди ватандустӣ манфиатҳои миллиро дар мадди аввал гузошта, барои ҳимояи онҳо талош меварзиданд. Ҳамин буд, ки дар маҷмӯъ 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул гардид, ки нақши онҳо ҷиҳати ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар дар он солҳо хеле бузург буд.

Иҷлосия дар инкишофи ислоҳоти конститутсионии мамлакат саҳифаи нав кушод ва барои таҳия ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошт. Зеро акнун роҳ ба сӯи сохтмони давлати демократӣ, ягона, ҳуқуқбунёду дунявӣ муайян гардида, барои таъмини пурраи кафолатҳо ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон шароити мусоид муҳайё гардида буд.

Ҳамин тариқ, дар иҷлосия аз як тараф фароҳам овардани шароит барои асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат, таъмини волоияти қонун, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, аз тарафи дигар риояи принсипҳо ва талаботи аз ҷониби умум пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ чун ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои муҳими сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон эълон шуданд.

Агар ҳамаи дастовардҳои усулиамонро, ки аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сарчашма мегиранд, ҷамъбаст намоем, пас метавон гуфт, ки маҳз ба шарофати ин санаи таърихӣ мо давлату миллатамонро аз вартаи нобудӣ наҷот дода, тамомияти арзии онро ҳамчун давлати ягона ҳифз кардем ва пояҳои сиёсиву идорӣ ва давлатдории миллии худро эҳё намудем.

Ҳодисаҳои фоҷиабори охири асри гузашта бояд ба ҳамаи мо ва наслҳои ояндаи миллатамон дарси ибрат ва сабақи ҳушёриву зиракии сиёсии ҳар яки мо бошанд. Бо шукронаи соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ ва ба поси хотираи даҳҳо ҳазор қурбониёни ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ ҳеҷ кадоми мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки он рӯзҳои вазнину даҳшатбори таърихи халқамонро фаромӯш кунем. Баръакс, мо вазифадорем, ки ҳар рӯзи он даврони сангинро ба хотир орем, ҳушёру зирак бошем, то ки гирифтори доми фиреби бадхоҳони миллати соҳибтамаддуни тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон нагардем. Мо бояд ин андешаро доим ба фарзандони худ, яъне наслҳои ояндасозамон талқин намоем.

Имрӯз комилан мусаллам аст, ки ҳар қадар вақт моро аз иҷлосияи тақдирсоз дур барад, ҳамон андоза аҳамияти бузурги таърихӣ ва сарнавиштсози он барои давлату миллати мо бештар аён мегардад. Аз ин рӯ, омӯхтан ва пос доштани иқдому паёмадҳои таърихии иҷлосияи шонздаҳум барои ҷомеаи имрӯзу ояндаи кишвари соҳибистиқлоли мо бисёр муҳиму ибратомӯз ва дар маҷмӯъ қарзи фарзандиву рисолати шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад.

# НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

**Исматзода Р**
Судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Боиси қайд аст, ки дар таърихи халқу миллати тоҷик аз гузаштаи дур то замони муосир воқеаю ҳодисаҳо, санаҳои муҳиму дурахшоне ҷой доштанд, ки дар ҳаёти сокинони ин сарзамини бостонӣ дар давру замонҳои гуногун рух дода, нақши фаромушнашаванда гузоштаанд. Чунин саҳифаҳои абадан хотирмони таърихӣ дар давраи давлати навини тоҷикон Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои раҳоии давлати нав баистиқлолрасидаи мо аз оташи ҷанги харобиовар ва ҳамчунин барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа заминаҳои муосид фароҳам овард.

Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳадафҳои олии давлати соҳибистиқлоламон, дар давраи басо душвори сиёсии ҷомеа бо мақсади таъмини ҳарчи зудтари сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон, наҷот додани миллат аз вартаи буҳрони сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳифзи якпорчагии давлати мустақили тоҷикон, муҳайё намудани шароит ва заминаи мусоид барои барқарор намудани иқтисодиёти бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгашта ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон баргузор гардида буд.

Зинаҳои зикргардидаро тай намудани миллати тоҷик мураккабу фоҷианок буданд ва хусусияти амиқи иртиҷоӣ доштани муносибатҳои байни кишварҳои иҷтимоӣ имконият надоданд, ки ҷанги навакак бо эҳсосоти баланду шадиди якдигарбадбинӣ оғоз намудаи неруҳои аксуламал бе қурбониҳои ҷонию моддӣ қатъ гардонда шавад. Зеро фалаҷ будани ҳокимияти иҷроия дар марказ ва маҳалҳо, бесалоҳиятӣ дар фаъолияти мақомотҳои қудратӣ ва ҳифзи сохти конститутсионӣ, фаъолияти аксуламал доштани қисми муайяни кормандони масъули онҳоро истифода намуда, силоҳбадастони дар сангарҳо будаи ҷонибҳои даргир, куштори якдигарро бераҳмона идома медоданд.

Дар чунин вазъияти мураккабу номуайян ва ба ноумедӣ дучор омадани мардуми кишвар, ягона субъекти босалоҳияти сиёсӣ ва дорои ваколати баланди конститутсионӣ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисмати вакилони он ба ҳисоб мерафт.

Ҳамзамон бар асари пай дар пай васеъшавии ҳудуди ҷуғрофии ҷанг ва ба доираи худ ҷалб намудани табақахои нав ба нави аҳолии минтақаҳои оташгирифтаи мамлакат сабаби боз ҳам аз ҳамдигар бегонашавии мардум гардид, ки ин дар навбати худ ба муносибатҳои байниякдигарии вакилони Шурои Олӣ низ таъсири манфӣ мерасонд. Бо вуҷуди он аксари вакилони парлумони онвақтаи ҷумҳурӣ ашхоси оқилу солимфикру дурандеш ва ватанпараст буданд, ки муддате чанд пайваста бо машварату маслиҳати якдигар аз паи ҷустуҷӯ ва дарёфти интихоби яке аз шаҳрҳои нисбатан муносиби ҷумҳурӣ барои даъват ва гузаронидани Иҷлосияи таъҷилии Шӯрои Олӣ заҳмат кашиданд. Онҳо ба хулосае омаданд, ки имконияти дар пойтахти ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои гирду атрофи он, инчунин ҷанубу шарқи мамлакат ҷамъ омадани вакилон вуҷуд надорад. Зеро вазъият дар ин минтақаҳо зери хатари ҷиддӣ қарор дошт.

Бо ин асосҳо машваратҳои гуногунсатҳи гурӯҳи кории вакилони кордидаи соҳибтаҷриба сабаб гардид, ки ниҳоят шаҳри бостонии Хуҷандро барои даъвати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намоянд.

Ва хушбахтона 16-уми ноябри соли 1992 Иҷлосияи воқеан ҳам таърихӣ дар қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд ба кор шурӯъ кард. Оғози кори Иҷлосия, ибтидои эҳёи умеду дилпурии мардуми ҷумҳурӣ аз фаъолияту ҷасурии ватанпарастии вакилони халқ буд, ки масъулияти вазнини гузаронидани онро ба зимма гирифтаанд. Ба вакилон лозим омад,

ки муқовимати бисёр ақидаҳои носолимро рафъ намуда, ба қабули карорҳое шурӯъ намоянд, ки ғояи асосии онҳо аз хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ равон гардида буд, агарчи аз ҷониби намояндагони дастаҳои мусаллаҳи чӣ ҳукумат ва чӣ мухолифин садоҳои эҳсоси нобоварӣ ба сулҳ низ ҷой доштанд.

Дар он вазъияте, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ кори худро пеш мебурд, мамлакат аллакай зери буҳрони шадиди сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва ақлонию маънавӣ қарор гирифта буд, қатли шаҳрвандон ва ғорати моликияти онҳо дар минтақаҳои гирифтори ҷанг идома дошт.

Аммо аз лаҳзае, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти тарбиятдидаи парлумони Тоҷикистон ба боварии вакилони мардумӣ сазовор шуд, ҳамчун раиси Шӯрои Олӣ интихоб ва ба фаъолият шурӯъ намуд, ин шохаи ҳокимият аз ҳолати пештараи буҳронӣ баромада рӯ ба кори ҳақиқӣ ниҳоду ба таъмини ваколатҳои конститутсионии худ устуворона қадам гузошт.

Вазифаҳои аввалиндараҷае, ки дар муроҷиатномаи Раиси Шӯрои Олӣ - Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 12 декабри соли 1992 ҳамчун барномаи мушаххасу мукаммал эътироф шуда буд, ҳалли таҷдиди барқарор намудани мақомоти идоракунӣ, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва амнияти шаҳрвандон ба маҳалли зисти пешинаашон баргардонидани гурезаҳо, барқарор кардани корхонаҳо ва ба истеҳсолот ҷалб сохтани мутахассисону дигар гурӯҳҳои аҳолии бекормонда, инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ, аз нав дида баромадани қонунҳои Ҷумхурии Тоҷикистон ва ба қарору санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқ кунонидани онҳо, таъсиси артиши миллӣ, таъмини қобилияти мудофиавӣ ба аъзогии созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ворид шудан, мустаҳкам ва такмил додани муносибатҳои нек бо мамлакатҳои хориҷаи дуру наздик ва ғайраҳоро дар бар мегирифтанд. Аз ҷумла, дар ин Иҷлосияи таърихӣ роҳҳои комёб шудан ба мустақилияти ҳақиқии давлатӣ ва иқтисодӣ, сохтмони ҷомеаи демократӣ, ташкил намудани давлати ҳуқуқбунёди ҳозиразамон, низоми ҳуқуқии одилона, ки ба ягонагии ҳокимиятҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ оварда мерасонад, пешбинӣ гардид.

Дар баробари ин, Иҷлосияи шонздаҳум барои эҳё ва барқарор гардидани аркони давлатдории миллӣ ва ниҳодҳои асосии он заминаи мусоид фароҳам овард.

Маҳз ба шарофати ин Иҷлосия сохти конститутсионӣ барқарор карда шуда, фаъолияти ниҳодҳои фалаҷшудаи давлатдорӣ аз нав пурра ба роҳ монда шуданд.

Дар ин давра Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои сохтори мукаммали идорӣ, Ҳукумати фаъол, Артиши миллӣ, Ҳокимияти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рамзҳои давлатӣ ва дигар рукнҳои зарурии давлатдорӣ гардид.

Бояд зикр намуд, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти конститутсионии мамлакат саҳифаи нав кушод.

Маҳз дар ҳамин Иҷлосия як силсила тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи амалкунандаи Тоҷикистон ворид карда шудаанд, ки аз як тараф мутобиқ ба талаботи замони нав буда, аз сӯйи дигар барои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузоштанд.

Маҳз дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ заминаи низоми нави давлатдории тоҷикон, яъне асосҳои давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ гузошта шуданд.

Ин ғояи меҳварӣ дар ҳамин Иҷлосия баён гардида, баъдан ба Конститутсияи нахустини Тоҷикистони соҳибистиқлол ворид карда шуд.

Дар ин давра силсилаи меъёрҳои усулии низоми демократӣ, аз ҷумла асосҳои демократии сохти давлатдорӣ, моҳияти дунявии давлат, муқаддас будани ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, принсипи гуногунандешагии сиёсӣ, фаъолияти парламенти касбӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, таъмини адолати судӣ, баробарии ҳама дар назди қонун ва озодии виҷдону эътиқод аз тариқи Конститутсия дар қонунгузории кишвар таъмин карда шуд.

Вобаста ба соҳаҳо ва проблемаҳои зикргардида дар иҷлосияҳои баъдии Шӯрои Олӣ қонунҳои мушаххас низ қабул гардида, ба бисёр қонунҳои амалкунанда тағйиротҳои зарурӣ ворид карда шудаанд.

Дар асоси қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ҷомеаи тоҷик рӯ ба эътидол овардан гирифт. Пеш аз ҳама дар асоси татбиқи қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ҳокимияти давлатӣ дар марказ ва маҳалҳо ба устуворшавӣ рӯ овард. 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, ки тибқи он ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Бо ин аввалин бор дар таърихи давлати мо дар сатҳи қонунгузорӣ ҳокимияти судӣ чун яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ эътироф гардид. Ҳол он, ки мафҳуми “ҳокимияти судӣ” дар тамоми қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ амалан на ба маънои ҳуқуқӣ ва на ба маънои сиёсӣ вуҷуд надошт.

Ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйироту иловаҳои нав ворид карда шудаанд, ки ин ба пешравию дигаргунихои ҷиддӣ дар ҷомеа ва ҳокимияти судӣ мусоидат кард. Дар Конститутсия тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида шарти муҳимтарини фаъолияти судҳо ин донишҳои касбиро бо ҷасорати шаҳрвандӣ, садоқату адолат баҳри бомуваффақият анҷом додани масъулияту вазифаҳои дар назди низоми судӣ гузошта шуда, дарҷ гардидааст.

Таърихи солҳои муқовиматҳои сиёсӣ, ғоявӣ ва низоъҳои мусаллаҳонаро таҳлил намуда мебинем, ки барқароршавии сулҳ дар мамлакат, асоси бо эътимод барои ташаккулёбии бисёрҳизбӣ, афзудани миқдор ва босифатшавии кору фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ, фаъолияти пурсамару баландмазмуни васоити ахбори омма, васеъ ва устуворшавии бисёрандешагӣ дар гуфтору рафтори мардум муҳайё гардида, барои барпо намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушду нумӯи ҳокимияти судӣ таҳкурсӣ гузоштааст.

Баъди соҳибихтиёр эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 ислоҳоти асосии иқтисодиёт ба амал омада, шаклҳои гуногуни моликият ба вуҷуд омаданд. Ҷои муносибатхои амудии идоракуниро алоқаҳои муътадили уфуқии хоҷагидорӣ ва мубодилаи молию пулӣ гирифт. Ҷои нақшаро шартнома ишғол намуд, аз тарафи давлат мустақиман идоракунии марказонидашудаи иқтисодиёт иваз шуд. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки пеш фаъолияти арбитражӣ ва тартиби ҳал намудани баҳсҳои хоҷагидориро ба тартиб меандохтанд, ба таври пурра ба шароити нав номутобиқ шуда монданд. Вобаста ба роҳи иқтисоди бозоргониро интихоб намудани Ҷумхурии Тоҷикистон муносибатҳои дигар ба шаклҳо ва тарзу усулҳои фаъолият, баланд бардоштани нақши арбитраж, васеъкунии салоҳият ва обрӯи он зарур гардид. Аз ин рӯ, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 марти соли 1992 қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи додгоҳҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои хоҷагӣ дар додгоҳҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро қабул кард, ки дар онҳо ба ғайр аз равшан намудани масъалаҳои вобаста ба вазифаҳо, мақом, фаъолияти додгоҳҳои ҳакамӣ, тартиби ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ низ инъикоси худро ёфтаанд.

Қабули қонунҳои дар боло зикргардида маънои ивази оддии арбитражҳоро ба судҳои иқтисодӣ надошт. Ин қадами даркк ва асоснок кардашудаи давлат оид ба ташкили шохаи мустақили ҳокимияти судӣ буд. Чунин қадам пешакӣ барои бо шароитҳои нави иқтисодӣ муайян карда шуда буд, ки дар онҳо танзимгари асосии муносибатҳои иқтисодӣ, қонун ва шартнома мешуданд. Бинобар ин, зарурати ташкили судҳое лозим буд, ки бо баҳисобгирии таҷрибаи мусбии андухтаи арбитражҳои давлатӣ, дар асоси қатъии мурофиавӣ, баҳси шарикони корчаллон, инчунин баҳси соҳибкоронро бо мақомотҳои давлатӣ ҳал мекарданд. Якчанд вақт баъдтар додгоҳҳои ҳакамӣ ба судҳои иқтисодӣ табдил дода шуданд. Мақоми онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён ёфтааст.

Мувофиқи моддаи 84-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд.

Ҳифзи ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат вазифаи асосии ҳокимияти судӣ муқаррар карда шудааст. Ин вазифаҳои суд хело муҳиму мураккаб ва муқаддас буда, бо назардошти принсипҳои демократию ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии кишвар, инчунин дар асоси меъёрҳои муқаррарнагардидаи қонунгузории ҷорӣ ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон, эътироф гардидаанд, бо роҳи баррасии парвандаҳои конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурӣ аз тарафи ҳокимияти судӣ амалӣ карда мешавад.

Инчунин суд дар баробари иҷрои вазифаҳои худ барои таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, пурра ва мукаммал кардани арконҳои давлатӣ, тағйиру такмили қонунгузории соҳа, баланд бардоштани дониши ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар шакли пазируфтаи умумиҷаҳонӣ муаррифию манзур намудани ҳокимияти давлатӣ нақши муҳиму муассир дорад.

Дар қатори судҳои умумӣ ҳимояи ҳуқуқи вайронкардашуда ё мавриди баҳс қароргирифта ва манфиатҳои қонунии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шаҳрвандон дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодиро дар доираи салоҳияти муқарраркардаи қонун судҳои иқтисодӣ амалӣ менамоянд.

Судҳои иқтисодӣ низоми ягонаи судиро ташкил менамоянд, ки бо Конститутсия, санадҳои қонунгузорӣ, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян шудааст.

Ташкили судҳои иқтисодӣ ва ташаккули минбаъдаи онҳо яке аз самтҳои асосии татбиқи Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ гардид. Дар ин Барномаҳо дар қатори судҳои юрисдиксияи умумӣ фаъолияти судҳои иқтисодӣ оид ба ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар баҳсҳои бо амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд пешбинӣ шудааст.

Мавҷудияти судҳои иқтисодӣ барои ҳал намудани баҳсҳои тиҷоратӣ махсускардашуда ба пуррагӣ ба тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ мувофиқ баромад, ки ин аз он иборат аст, ки амалан дар ҳамаи мамлакатҳо, дар қатори судҳои юрисдиксияи умумӣ судҳое мавҷуданд ва фаъолият мекунанд, ки барои ҳал намудани намудҳои алоҳидаи баҳсҳо, ки бо хусусиятҳои хеле муҳимашон ва мураккабиашон фарқ мекунанд, махсус карда шудаанд.

Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, тадбирҳои мушаххасро бобати амалӣ намудани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар бар мегиранд.

Мақсади асосии Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ таҳким бахшидан ба ҳокимияти судӣ ва мақомоти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, давлат, корхонаю муассисаҳо, таъмини кафолати судии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, тақвияти талабот нисбати кадрҳои судӣ, баланд бардоштани донишу таҷриба ва масъулиятнокии онҳо мебошад.

Ҷараёни татбиқшавии қарорхои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадам ба қадам ҷомеаи моро ба сулҳу субот, якдигарфаҳмӣ, якдигарбахшӣ наздик карда, бузургии суханони раиси ҷавони Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: “кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард»-ро бори дигар тасдиқ менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз воқеан ҳам давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона буда, баҳри рушду нумӯ, баланд бардоштани нақши ҳокимияти судӣ

дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон сайъу кӯшиши беандоза харҷ менамояд, ки дар ин раванд хизмати бузурги фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо эҳсосоти баланд қайд намудан ба маврид аст.

# ТАШАККУЛЁБИИ ДОКТРИНАҲОИ ИСТИФОДАИ МУШТАРАКИ ОБҲОИ ФА-РОСАРҲАДӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУОСИР

**Раҷабов С.А.**
мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ

Дар ҷараёни ташаккулёбии ҳуқуқи байналмилалии об доктринаҳои мухталиф роҷеъ ба истифодабарии ғайрикиштигардии маҷроҳои обии фаросарҳадӣ пешбарӣ шуданд. Дар чорчӯби ин мақола мо таҳаввулоти ин доктринаҳоро дида мебароем. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин соҳа мавҷудияти доктринаҳои асосии зеринро аз якдигар ҷудо мекунанд[47].

Пеш аз ҳама, доктринаи соҳибихтиёрии мутлақи қаламрав ё ба истилоҳ «доктринаи Ҳармон»-ро қайд кардан зарур аст, ки тибқи он ҳар як давлат метавонад аз оби дарёҳои байналмилалие, ки аз ҳудуди он мегузарад, сарфи назар аз оқибатҳои он барои давлатҳои дигар ва бидуни машварат истифода намояд[48]. Ин доктрина дар назар дорад, ки давлатҳои дигари ҳавза ҳуқуқи маҳдуд намудани истифодаи захираҳои дарёро дар ҳудуди сарҳадоти кишвар надоранд. Бо ибораи дигар, кишварҳои болооб метавонанд аз захираҳои ин дарё дар худуди сарҳадоти хеш бидуни назардошти оқибатҳо барои кишварҳои поёноб озодона истифода намоянд. Ин ақидаи соҳибихтиёрии мутлақ аз тарафи вазири адлия ва прокурори генералии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҳармон соли 1895 дар баҳс байни ИМА ва Мексика оид ба ифлосшавии оби дарёи Рио-Гранде пешбарӣ шуда буд[49]. Ҳармон изҳор дошт, ки факти норасоии об дар дарёи Рио-Гранде барои истифодаи аҳолии ҳар ду кишвар ба Мексика ҳуқуқ намедиҳад, ки барои ИМА маҳдудият эҷод намояд, ба рушди қаламрави он монеа гузорад ё аз афзалиятҳое, ки табиат ба аҳолӣ дар ҳудуди қаламрави ИМА додааст, маҳрум намояд. Розӣ шудан ба чунин равиш муқобил ба принсипе мебошад, ки мутобиқи он ИМА дар қаламрави давлатии хеш аз соҳибихтиёрии мукаммали он бархурдор аст[50].

---

[47] Berber, F.J. Rivers in international law [Text] / F.J. Berber. – London: Institute of World Affairs by Stevens & Sons Limited, 1959. - P.12; Зиганшина, Д.Р. Глоссарий «Водное право» [Текст]. – Научно-информационный центр МКВК, 2014. – С. 11; Гуреев С.А., Тарасова И.Н. Международное речное право [Текст]. – М.: Международные отношения, 1993. - С. 34; Salman, M.A. Salman and Uprety, K. Conflict and Cooperation on South Asia's International Rivers: A Legal Perspective [Text] / M.A. Salman and K. Uprety. – Washington, DC: The World Bank, 2003. – P. 11; Upret, Tr. International Watercourses Law and Its Application in South Asia [Text] / Dr. Tr. Upret. – Kathmandu: Pairavi Prakashan, 2006. - Chapter Three, p. 104; Libiszewski, St. Water Disputes in the Jordan Basin Region and their Role in the Resolution of the Arab-Israeli Conflict. [Text] / St. Libiszewski. – Center for Security Studies and Conflict Research at the ETH Zurich/ Swiss Peace Foundation Berne, 1995. – 75-77 pp.

[48] Correia F.N., Silva, J.E. International framework for the management of transboundary water resources [Text] // Water International. – 1999. – № 24 (2). – P.89.

[49] McCaffrey, St. The Harmon doctrine one hundred years later: buried, not praised [Text] // Natural Resources Journal. – 1996. – Vol. 36. – P. 549–590. Соли 1895 масъалаи ҷавобгарии ИМА дар назди Мексика барои ҷуброни зараре, ки ба фермерҳои мексиканӣ дар натиҷаи равон кардани оби дарёи Рио-Гранде барои обёрии қаламрави Амрикои Шимолӣ ба миён омад.

[50] Rahaman, M. M. Principles of international water law: creating effective transboundary water resources management [Text] // Int. J. Sustainable Society. – 2009. – Vol. 1, № 3. – P. 209. Дар љавоб ба ин изњорот Мексика изњор намуд, ки азбаски Рио-Гранде дарёи киштигард аст, ИМА уњдадор аст, ки њини истифодаи он худро бо корњое мањдуд намояд, ки ба поин шудани сатњи об боис нашавад, то замоне, ки бо Мексикадар бораи имкони гузаронидани чунин корњо ба ќарордоди махсус нарасида бошад. Ба эътирози Мексика розї нашуда, Хармон чунин изњор дошт: «Соњибихтиёрии мутлаќи њар як давлат дар ќаламрави худ принсипи асосии њуќуќи байналмилалї мебошад. Њеч меъёре, принсипе ё претседенти њуќуќи байналмилалї ба болои ИМА њеч кадом уњдадориро ва њеч кадом љавобгариро намегузорад».

Бояд таваҷҷуҳ намуд, ки ин консепсияро ҳамчун доктрина баррасӣ мекунанд, гарчанде ки он на аз тарафи доираҳои илмӣ, балки дар чорчӯбаи баҳси байналмилалӣ оид ба дарёи сарҳадӣ пешниҳод шудааст. Доктринаи мазкур аз тарафи аксарияти коршиносони муосир мавриди интиқод қарор гирифта, бархе аз онҳо бар он ақидаанд, ки он дар амалияи давлатҳо мавриди истифода қарор нагирифтааст[51]. Ба хусус, Г. Смит дар бораи доктринаи соҳибхтиёрии мутлақи қаламрав фикр ронда, навиштааст, ки давлати болооб ҳамин тавр метавонад ҳамаи оби дарёро аз они худ кунад сарфи назар аз зараре, ки ба давлати поёноб мерасонад ва дар баробари ин ба давлати поёноб иҷозат медиҳад, ки заминҳои давлати болообро ба зери об ғарқ намояд ва ба хулосае меояд, ки истифода аз ин доктринае, ки ба чунин оқибатҳо меоварад, тамоман хато мебошад[52].

Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки ИМА ҳини бастани шартномаҳо бо давлатҳои ҳамсоя оид ба истифодаи муштараки обҳои кӯлҳо ва дарёҳо аз ин доктрина кор нагирифт. Таври мисол, дар моддаи II Шартнома байни ИМА ва Британияи Кабир аз соли 1909, ки ба обҳои сарҳадии байни ИМА ва Канада дахл дорад[53] тазаккур меравад, ки обгирӣ ё мудохила ба маҷрои табиии обҳои сарҳадӣ аз як тарафи сарҳад, ки боиси тахриб дар тарафи дигари сарҳад мешавад, ба ҷониби зарардида ҳуқуқи ҳимоя бо васоили ҳуқуқиро медиҳад, мисли он ки зарар ба кишваре расонида шудааст, ки дар он ҷо чунин мудохила сурат гирифта бошад. Шартнома бо Мексика аз с. 1944[54] ба принсипи истифодаи одилона ва оқилонаи об аз тарафи ҳар ду давлат асос ёфтааст (ба хусус, б. 1 м. 16). Дар шартномае, ки бо Канада оид ба рушди муштараки ҳавзаи дарёи Колумбия соли 1961 баста шуд[55], ИМА пешниҳоди одилонаи Канадаро оид ба пардохти товон (ҷуброн) барои гирифтани фоида аз сохтмони обанбор-обҷамъкунак дар қисмати ба Канада тааллуқдоштаи дарёро эътироф намуд[56].

Доктринаи дуюм дар робита бо ин мавзӯъ – ин доктринаи ягонагии мутлақи қаламрав мебошад. Доктринаи мазкур дарёи байналмилалиро ҳамчун ягонагии комил ба ҳайси моликияти муштараки давлатҳои соҳилӣ меҳисобад ва мепиндорад, ки ба ягон давлат иҷоза дода намешавад, ки давлати дигарро дар масъалаи обистифодабарӣ аз фоидаи муайян маҳрум намояд[57]. Профессор М. Хюбер менависад, ки мутобиқи ин доктрина давлат ҳуқуқ дорад аз давлати дигар талаб намояд, ки ҷараёни дарёе, ки аз қаламрави давлати болооб мегузарад, бояд бидуни тағйирот ба қаламрави кишвари поёноб ворид шавад[58]. Аз рӯи моҳият, ин доктрина ҳадди ақали истифодаи обро аз ҷониби давлати болооб эътироф менамояд ва дар ин иртибот шабоҳат бо доктринаи ҳуқуқҳои

---

[51] Birnie P., Boyle A., Redgwell C. International Law and the Environment. [Text] / P. Birnie. – New York, Oxford University Press. Inc., 2009. – P.301; Salman M.A. Salman and K. Uprety. Op.cit. - C. 12.

[52] Smith, H. A. The Economic Uses of International Rivers. [Text] / H. A. Smith. – London: P. S. King & Sons, 1931. – P. 8.

[53] Treaty between the United States and Great Britain relating to boundary waters, and questions arising between the United States and Canada, (Washington, 11 January, 1909) [Захираи электронї]. – URL: http://www.ijc.org/en_/BWT (Санаи руљуъ – 15.08.c.2017).

[54] Treaty between the United States of America and Mexico Relating to the Utilization of the Waters of the Colorado and Tijuana Rivers and of Rio Grande (Washington, 3 February 1944), замони ба ќувваи ќонун даромадан 08.11.1945 [Захираи электронї]. – URL: http://www.ibwc.state.gov/Files/1944Treaty.pdf (Санаи руљуъ – 15.08.c.2017).

[55] Treaty relating to cooperative development of the water resources of the Columbia River Basin, with Annexes (Washington, District of Columbia, United States of America, 17 January 1961) [Захираи электронї]. – URL: http://www.ccrh.org/comm/river/docs/cotreaty.htm (Санаи руљуъ – 15.08.c.2017).

[56] Ҷуброн дар намуди бозпас додани қисме аз нерӯи барқ ба Канада, ки НБО-ҳои ИМА дар натиҷаи сохтани оббандҳо аз тарафи Канада дар болооби дарёи Колумбия ба таври иловагӣ тавлид мекарданд, амалӣ карда мешуд.

[57] Barandat J. International water law: Regulations for cooperation and the discussion of the International Water Convention / J. Barandat, A. Kaplan [Text] // Water in the Middle East: Potential for Conflicts and Prospects for Cooperation. – Springer Berlin Heidelberg, 1998. – P. 15.

[58] Huber, M. Ein Beitrag zum Lehre von der Gebietshoheit an Grenzflüssen [Text] / M. Huber. – Zeitschrift für Völkerrecht und Bundesstaatsrecht, Vol. 1, 1907. – P. 160.

соҳилӣ (riparian water rights), ки дар ИМА ривоҷу равнақи васеъ пайдо карда буд[59] ва мутобиқи он молики болооб бояд ба таври оқилона аз об истифода барад, то ки захираҳои табиӣ кам нашаванд[60]. Ҳамин тавр, ҳуқуқҳои соҳибони заминҳои соҳилӣ барои истифодаи об таъйин карда мешаванд; агар талаботи якчанд соҳибони заминҳои соҳилӣ аз имконоти ҳавзаи об зиёдтар аст, дар он сурат квотаҳо мутаносиб ба дарозии сарҳади обӣ барои ҳар қисмати замин таъйин карда мешавад; дар ин ҳолат ҳуқуқи обистифодабарӣ мавриди фурӯш ё бахшиш ба каси дигар ба таври ҷудогона аз фурӯши қисмати замин сурат гирифта наметавонад. Моҳиятан, доктринаи мазкур дар муқоиса бо доктринаи соҳибихтиёрии мутлақи қаламрав барои ҳифзи манфиатҳои давлатҳои поёноб нигаронида шудааст. Доктринаи соҳибихтиёрии мутлақи қаламрав бошад дар сурати татбиқ намудани он ба давлати болооб ҳуқуқи аз рӯи салоҳдиди худ озодона идора кардани обҳои дарёи байналмилалиро медиҳад.

Намунаи татбиқи равиши номбурда баҳс роҷеъ ба дарёи Маас (с.1856) мебошад, ки дар он Нидерланд мухолифи равона кардани оби дарёи фаромарзӣ ба канали Кампин буд ва таъкид мекард, ки чунин амал боиси расонидани зарар мегардад ва дар натиҷаи поён рафтани сатҳи оби дарё имконоти киштигардӣ дар дарёи Маас коҳиш меёбад ва хатари сар задани обхезӣ зиёд мешавад[61]. Баҳс аз тариқи бастани ду шартномаи байналмилалӣ дар солҳои 1863 и 1873[62] ва эътирофи давлати болооб зарурати тақсими обро дар мувофиқа бо давлати поёноб, ба хусус, дар вобастагӣ бо омилҳои объективии иқлимӣ ҳалли худро пайдо кард[63].

Доктринаи сеюм, ки бояд шарҳ дода шавад, ин доктринаи манфиатҳои муштараки давлатҳои соҳилӣ мебошад, ки ҳавзаи дарё («drainage basin») - ро ҳамчун воҳиди иқтисодӣ мешуморад ва ҳуқуқи истифодаи онро ба мақомоти дастаҷамъии таъсисдодашуда вомегузорад ё мутобиқи шартнома дар байни давлатҳои соҳилӣ ё мутаносибан тақсим мекунад.

Акнун ба он таваҷҷуҳ мекунем, ки чи тавр доктринаи мазкур ҷилои худро дар як қатор тасмимҳои мақомоти байналмилалии судӣ пайдо намуд. Масалан, Палатаи доимии суди байналмилалӣ дар тасмими худ роҷеъ ба қазияи дарёи Одер (с.1929) ба «принципҳое, ки умуман ҳуқуқи байналмилалии дарёҳоро ба танзим медароранд» такя намуд. Ба ҳайси яке аз принсипҳои асосӣ, принсипи манфиатҳои муштараки давлатҳои наздисоҳилӣ тазаккур шуд, ки баробарии мутлақи ҳамаи давлатҳои наздисоҳилӣ роҷеъ ба ҳуқуқи истифодаи дарёро дар тамоми дарозии масофаи он бидуни додани ягон тарҷеҳ ё бартарӣ пешбинӣ мекунад[64].

---

59 Lauer, T. E. The Common law background of the riparian doctrine [Text] // Missouri Law Review. – 1963, Volume 28, Issue 1, Article 7. – P. 60.

60 Ин доктрина аз тарафи ҳуқуқшиносони америкоӣ Ҷ. Стори ва Д.Кент пешниҳод шудааст дар робита бо қазияи Case Tyler v. Wilkinson, Riparian Bights – use in water – priority of occupancy – presumption of right, Circuit Court, D. Rhode Island, June 1827 [Захираи электронӣ]. – URL: https://law.resource.org/pub/us/case/reporter/F.Cas/0024.f.cas/ 0024.f.cas.0472.html#f1 (Санаи руҷуъ - 15.08.с.2017). Дар чорчӯбаи ин қазия баҳс байни якчанд соҳибмулкони комбинатҳои ордкашӣ баррасӣ шуд, ки баъзе аз онҳо аз дарё об гирифта, ба иқтидори комбинатҳои поёнобӣ зарар расондаанд.

61[Захираи электронӣ]. – URL: http://www.unwatercoursesconvention.org/ Article 5, 5.1.1 Theories of allocation (Санаи руљуъ - 15.05.с.2017)

62 Табодули нотаҳо, ки қарордод роҷеъ ба Шартнома оид ба танзими реҷаи ҷудо кардани об аз дарёи Маасро аз12 майи с. 1863 ба вуҷуд овард ва Муоҳида аз 11 январи с. 1873, ки ба он Шартнома тағйирот даровард (Брюссел, 24 феврали с. 1961) [Матн] // Treaty Series. Treaties and international agreements registered or filed and recorded with the Secretariat of the United Nations. – Volume 474. – United Nations, New York, 1965. – P. 161-166.

63 Meijerink, S. Meuse, Diversion of Water Case (Belgium v Netherlands) [Захираи электронӣ] / International law Encyclopedy 7, 2012. – P.130-133. URL: http://lawi.us/international-law-encyclopedy-7/ (санаи руҷуъ - 15.08.с.2017).

64 Case relating to the Territorial Jurisdiction of the International Commission of the River Oder, Judgement of 10 September 1929 [Захираи электронӣ]. – URL: http://www.icj-cij.org/pcij/serie_A/A_23/74_ Commission_ internationale_de_l_Oder_Arret.pdf (санаи руҷуъ - 15.08.с.2017). - С. 26-27.

Аз доктринаи манфиатҳои муштарак бармеояд, ки ҳамаи ҳуқуқҳо барои истифодаи дарёҳои байналмилалӣ ба давлатҳои наздисоҳилӣ тааллуқ мегиранд ва бояд дар байни онҳо мутаносибан тақсим карда шаванд. Ҳамин тавр, ҳеҷ як давлат бидуни ҳамкорӣ бо давлатҳои алоқаманд наметавонад обҳоро соҳибӣ намояд. Дар ин робита Б.М. Клименко чунин мепиндорад, ки дар ин доктрина асоси маъқул вуҷуд дорад, агар зери ибораи манфиатҳои муштарак эҳтироми мутақобилаи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои соҳибихтиёрии ҳар як давлати наздисоҳилӣ, ки бо якдигар дар робитаи мутақобила қарор доранд, фаҳмида шавад[65].

Бархе аз муаллифон консепсияи манфиатҳои муштаракро бо консепсияи идораи муштараки захираҳои обӣ баробар месозанд[66]. Таври мисол, Л.Калфиш дар бораи маҳаки (критерияи) мавҷуд набудани ҳуқуқҳои миллӣ ба маҷроҳои обии байналмилалӣ сухан ронда, бар он ақидааст, ки дар ин сурат ҳаққи аввалият аз давлати соҳибихтиёр ба созмони муштаракан таъсисдода мегузарад[67].

С. МакКафри таъкид мекунад, ки доктринаи манфиатҳои муштарак метавонад на танҳо ба ҳайси асоси назариявии ҳуқуқи маҷроҳои обии байналмилалӣ хизмат намояд, балки ҳамчун принсип ба зиммаи давлатҳои наздисоҳилӣ уҳдадориҳои мушаххасро, ба хусус, дар мавриди истифодаи оқилонаи онҳо гузорад[68]. Ба назари муаллиф, аҳамияти ҳуқуқии доктринаи соҳибихтиёрии мутлақи қаламрав ва ягонагии мутлақи қаламрав ба таври кофӣ равшан аст, соҳибихтиёрии маҳдуди қаламрав ба дараҷаи муайян қобили фаҳмиш аст, аммо хусусияти доктринаи манфиатҳои муштарак дар чӣ нуҳуфта аст? Бояд қайд кард, ки дар тасмими қазия оид ба дарёи Одер Палатаи доимии суди байналмилалӣ чунин муайян мекунад, ки як давлат наметавонад монеъи киштигардии давлати дигар дар дарёи байналмилалӣ шавад, чунки ҳар ду манфиатҳои муштаракро амалӣ месозанд. Аммо дар ин робита мушкил аст розӣ шудан, ки манфиатҳои муштарак ба яке аз давлатҳои наздисоҳилӣ иҷоза медиҳад, ки ба давлати дигари наздисоҳилӣ, масалан, барои равон кардани оби ин дарё ба тарафи худ монеа эҷод намояд. Вақте, ки ҳамаи давлатҳои наздисоҳилӣ алоқаманди киштигардӣ дар тамоми дарозии ин дарё бошанд, пас гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи давлатҳои наздисоҳилӣ манфиатҳои мутобиқи худро дар тамоми дарозии ҳавзаи дарёӣ доранд ва ба кадом дараҷа алоқаманди истифодаи ғайрикиштигардии он мебошанд[69]. Масалан, давлати наздисоҳилӣ дар натиҷаи гирифтани об аз тарафи давлатҳои дигари наздисоҳилӣ ҳангоми набудани шартномаи дахлдор асосҳои ҳуқуқӣ барои баҳс намудани чунин фаъолиятро дорад? Ба назари мо дар чунин холат ба гумон аст, ки ҷавоб манфӣ бошад.

Дар чорчӯбаи ин доктрина ба назар гирифтани манфиати баробари ҳама тарафҳо маънои имконияти истифодаи ҳиссаи баробари обро надорад. Дар амал татбиқнамоии ин доктрина зарурати арзёбии омилҳои зайл, мисли[70]: омилҳои табиӣ (иқлим, пайдоиши гидрологии об ва ҳиссаи ҳар як давлати наздисоҳилӣ дар ҳавзаи обҷамъкунӣ); эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва иқтисодии давлатҳои наздисоҳилӣ ба захираҳои обӣ; таъсири истифодаи маҷрои об аз тарафи як давлати наздисоҳилӣ ба давлатҳои дигар; вобастагии ҳар як давлат аз захираҳои обии ба таври муштарак истифодашаванда ва мавҷудияти

---

[65] Клименко Б.М. Международные реки. Правовые вопросы использования международных рек в промышленности и сельском хозяйстве [Текст]. – М.: Международные отношения, 1969. – С. 37.

[66] McIntyre, O. Environmental Protection of International Watercourses under International Law [Text] / O. McIntyre. – London and New York: Routledge, Taylor and Francis Group, 2007. – P. 33.

[67] Caflish, L. Règles générales du droit des cours d'eau internationaux [Text] /Collected Courses of the Hague Academy of International Law / Volume 219. – Boston, 1989. – PP. 59-61.

[68] McCaffrey, St. The Law of International Watercourses, [Text] / St. McCaffrey. – Oxford International Law Library, Second Edition, 2002. – P. 150.

[69] McCaffrey, St. Op. cit. – P. 161.

Моддаи 65 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» пешбинӣ мекунад, ки тартиби ситонидани алиментро аз қарздоре, ки ба давлати хориҷӣ барои истиқомати доимӣ ё барои кор рафтааст, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Аммо мутобиқи қ. 1 м. 119 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[293] шахсоне, ки барои сукунати доимӣ ба давлате мераванд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он шартномаи байналмилалии пешбиникунандаи эътирофи мутақобила ва иҷрои ҳалномаҳои судро дар хусуси ситонидани алимент ба имзо нарасонидааст, вазифадоранд бо аъзои оилаашон дар бораи пардохти алимент созишномаи хаттӣ ба имзо расонанд ва он бояд аз ҷониби нотариус тасдиқ карда шавад. Дар сурати ҳосил нашудани мувофиқа, шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат карда, дар шакли маблағи устувор муайян намудани алимент ва пардохти яквақтаи алимент ё ба ҳисоби маблағи алимент додани амволи мушаххас ё бо тариқи дигар додани алиментро талаб намояд (қ. 2 м. 119 КО ҶТ). Таҳлили муқаррароти зикршуда нишон медиҳад, ки дар онҳо тартиби ситонидани алимент ҳангоми ба давлати хориҷӣ барои кор рафтани қарздор дарҷ нашудааст.

Ғайр аз ин, масъалаи ситонидани алиментро оид ба уҳдадориҳои алиментӣ таҳлил намуда, наметавон ба ихтилофоти байни қ. 1 м. 84 ва м. 85 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» таваҷҷуҳ накард. Тибқи қ. 1 м. 84 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз маблағе, ки иҷрочии суд аз қарздор ситонидааст, дар навбати аввал ҷаримаҳое, ки дар давоми иҷрои ҳуҷҷати иҷро ба қарздор вогузор карда шудааст, баъд аз он хароҷотҳо вобаста ба иҷро пардохта шуда, сипас маблағи боқимонда барои қонеъ гардонидани талаботи ситонандагон пардохт мегардад. Лекин м. 85 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» бошад, пешбинӣ мекунад, ки дар навбати аввал талабот оид ба ситонидани алимент, талабот оид ба ҷуброни зарари ҷисмонӣ ё зарари дигари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин вобаста ба фавти саробон қонеъ гардонида мешаванд.

Номувофиқатӣ байни меъёрҳои КО ҶТ (қисмҳои 2 ва 3 м. 117) ва КМГ ҶТ (моддаҳои 430 ва 431), ки тартиби баргардонидани иҷрои ҳалномаи судиро («пас талаб карда рӯёнидани алимент» бо истилоҳоти КО ҶТ), аз ҷумла аз рӯи парвандаҳо оид ба ситонидани алимент танзим мекунанд, низ мавҷуд аст.

Индексатсияи пардохтҳои алимент. Тибқи қ.1 м. 118 КО ҶТ маблағи алименти бо ҳалномаи суд дар шакли пули устувор ситонидашаванда аз ҷониби маъмурияти ташкилоти маҳалли нигоҳ доштани алимент мутаносибан бо зиёдшавии андозаи ҳадди ақалли музди меҳнати тибқи қонун муқарраргардида индексатсия карда мешавад. Чунин муқаррароти меъёр маънои онро дорад, ки маъмурияти ташкилот бе аризаи шахси манфиатдор, яъне бе риояи принсипи диспозитивӣ метавонад ба ҳалномаи судӣ тағйирот ворид намояд. Зиёда аз он, вай ба м. 212 КМГ ҶТ зид аст, ки мазмуни зеринро

[292]Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро ва мақоми иҷрочиёни суд». [Маҳзани электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://online.zakon.kz / (Санаи муроҷиат – 11.10.2017).

[293]Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷкистон, 1998, № 22, м. 303; 2006, № 4, м. 196; 2008, № 3, м. 201; 2010, № 7, м. 546; 2011, № 3, м. 177, № 12, м. 855; 2013, № 3, м. 195; 2015, № 11, м. 960; 2016, № 1290. Минбаъд – КО ҶТ.

дорад: дар асоси аризаиситонанда ё қарздор суде, ки парвандаро баррасӣ намудааст, метавонад индексатсияи маблағҳои пулии аз ҷониби суд ситонидашударо дар рӯзи иҷрои ҳалнома ҳал кунад. Ариза дар маҷлиси судӣ баррасӣ карда мешавад. Шахсони иштирокчии парванда оид ба вақт ва маҳалли баргузории маҷлиси судӣ огоҳ карда мешаванд, аммо ҳозир нашудани онҳо барои ҳалли масъалаи индексатсияи маблағҳои мансубдонисташуда монеа шуда наметавонад. Нисбат ба таъинот оид ба масъалаҳои индексатсияи маблағҳои пулии мансуб донисташуда шахсони иштирокчии парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.

Ҳамин тариқ, тибқи қонунгузорӣ маҳдуд намудани нигаронидани ситониш аз рӯи уҳдадориҳои алиментӣ ба ягона хонаи истиқоматӣ, ки дар он қарздор зиндагӣ мекунад, ғайр аз ҳолате, ки ин хонаи истиқоматӣ объекти шартномаи гарав мебошад, барои иҷрои ҳалномаҳои судии намуди мазкур монеа ба вуҷуд меоварад.

Таҳлили меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» имконият дод, ки як қатор ихтилофот байни КО ҶТ ва КМГ ҶТ, умуман норасоиҳо дар қонунгузории танзимкунандаи тартиби иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷро оид ба ситонидани қарз аз рӯи уҳдадориҳои алиментӣ муайян карда шавад. Аз ҷумла, ба тариқи ихтиёрӣ ё судӣ пешакӣ пардохт намудани алимент аз ҷониби шахсоне, ки ба давлати хориҷӣ барои кор мераванд, пешбинӣ нагардидааст. Ба иҷрочиёни суд тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ваколати мустақилона тағйир додани андозаи алимент дода шудааст, ки хоси суд мебошад. Ихтилофот дар Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» (моддаҳои 84 ва 85) мавҷуд аст, ки масъаларо на ба фоидаи ситонандаи алимент ҳал менамояд.

Бинобар ин, ба мақсади ҳалли муаммоҳои болозикр пешниҳод менамоем:

1.Барои таҳкими кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон маҳдудияти ситонидани қарз оид ба уҳдадориҳои алиментӣ аз ҳисоби ягона бино ё хонаи истиқоматии қарздор бардошта шавад.

2. Аз сабаби он ки қисми қарздорон оид ба уҳдадориҳои алиментӣ берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, таклиф менамоем: муқаррароти м. 119 КО ҶТ, ки ба шахсоне, ки ба давлати хориҷӣ барои сукунати доимӣ мераванд тааллуқ дорад, ба ҳолатҳои барои кор ба давлати хориҷӣ рафтани қарздорон низ паҳн карда шавад. Ба ин мақсад ба м. 119 КО ҶТ тағйироти мувофиқ ворид намудан лозим аст.

3. Бо дарназардошти аҳамияти қонеъ гардонидани талабот оид ба ситонидани алимент, талабот оид ба ҷуброни зарари ҷисмонӣ ё зарари дигари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин вобаста ба фавти саробон таклиф менамоем, ки дар ихтилофоти дар боло зикршуда оид ба м. 84 ва 85 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ба талаботи дар м. 85 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дарҷгардида, афзалият дода шавад.

4. Тартиби судии кам (зиёд) намудани андозаи ситониш оид ба ҳуҷҷатҳои иҷро ҷорӣ карда шуда, ҳамзамон м. 120 КО ҶТ, ки тартиби тағйир додани андозаи алимент ва озод намудан аз пардохти онро танзим мекунад, ба роҳбарӣ гирифта шавад.

**Муаммои пешниҳоди шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд ҷиҳати иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷро оид ба парвандаҳои гражданӣ.**

Ба мақсади таъмин намудани принсипи қонуният ва вазифаҳои истеҳсолоти иҷро шахсони манфиатдор бояд ҳуқуқи зери баҳс қарор додани қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни судро дар суд ва мақомот ё аз ҷониби шахсони мансабдоре, ки иҷрочиёни суд ба онҳо тобеанд, дошта бошанд. Инчунин дар қонун бояд тартиби ҳамаҷониба танзимшудаи баррасӣ ва ҳалли аризаҳои (шикоятҳои) зикршуда пешбинӣ карда шавад.

Шикоят аз нуқтаи назари фаҳмиши ҳуқуқӣ ин воситаи ҳуқуқии комплексӣ аст, ки дар мурочиат ба унвони субъекти босалоҳият бо иттилоъ дар бораи амалҳои шахсони сеюм, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои аризадиҳандаро вайрон мекунанд ва талаб дар бораи

бартараф намудани ин ҳуқуқвайронкунӣ ва ё оқибатҳои манфии он, ифода меёбад[294]. Шикоят функсияҳои асосии зеринро дорад: ҳуқуқҳимоявӣ, иттилоотӣ ва танзимкунӣ. Функсияи ҳуқуқҳимоявӣ дар он зоҳир меёбад, ки шахси ҳуқуқҳои худро вайроншуда меҳисобида, бо аризааш ташаббускори расмиёти ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ гардида, маълумоти зарурири барои шурӯи мурофиа оид ба парванда пешинҳод менамояд. Функсияи иттилоотӣ дар маълумот додан ба мақомоти давлатӣ дар бораи муаммоҳое, ки дар ин ё он соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён омадаанд, ифода меёбад. Функсияи танзимкунӣ дар он зуҳур менамояд, ки пешниҳоди шикоят метавонад боиси тағйирот дар танзими меъёрии ҳуқуқӣ гардад[295].

Қобили зикр аст, ки мурофиа оид ба парвандаҳо аз рӯи шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочии суд аз нуқтаи назари ҷойгиршавии сохторӣ дар КМГ ҶТ (фасли VII) ба намуди мустақили истеҳсолот мутааллиқ мебошад, яъне онро ба истеҳсолоте, ки дар зерфасли III фасли II КМГ ҶТ пешбинӣ шудааст, дохил намудан мумкин нест. Барои муайян намудани он ки падидаи зери шикоят қарор додани қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд то кадом андоза матлуб таҳия шудааст, меъёрҳои мувофиқи КМГ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» таҳлил менамоем.

Моддаи 427 КМГ ҶТ дар таҳрири қаблӣ ҳуқуқи шахсони манфиатдорро танҳо ҷиҳати шикоят овардан нисбат ба амал ва беамалии иҷрочиёни суд пешбинӣ мекард. Аммо тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти ичро» як қатор амалҳои муҳими иҷрочии суд тавассути қарори асосноки ӯ ба расмият дароварда мешавад. Масалан, дар қ. 1 м. 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» пешбинӣ шудааст, ки дар бораи баргардонидани ҳуҷҷати иҷро ичрочии суд қарор қабул менамояд. Бинобар ин, тағйироти ба м. 427 КМГ ҶТ бо Қонуни ҶТ аз 03. 07. 2012, таҳти № 871 ворид кардашуда, ки ҳуқуқи шахсони манфиатдорро оид ба пешниҳоди шикоят инчунин ба қарорҳои иҷрочиёни суд пешбинӣ менамояд, боиси таҳкими кафолати вазъи ҳуқуқии шахсони манфиатдор дар истеҳсолоти иҷро мегардад.

Дар хусуси тартиби баррасӣ ва ҳал намудани шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочии суд бошад, м. 427 КМГ ҶТ муқаррароти зеринро пешбинӣ менамояд: «Шикоят ба суде, ки дар ҳудуди фаъолияти он иҷ рочии суд уҳдадориҳои худро анҷ ом медиҳад, дар муҳлати даҳ рӯ з аз рӯ зи қабули қарор, амали (беамалии) иҷ рочии суд, рад кардани иҷ рои чунин амалҳо ё аз рӯ зе, ки ситонанда ё қарздор аз қабули қарор, амал (беамалӣ) ё рад кардани иҷ рои чунин амалҳо аз тарафи иҷ рочии суд огоҳӣ ёфтаанд, пешниҳод карда мешавад».

Тавре ки мебинем, муҳлати баррасӣ ва ҳал намудани шикояти мазкур низ муайян шудааст. Мутобиқи м. 427[1] КМГ ҶТ суд шикоятро нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷ рочии суд дар муҳлати даҳ рӯ з бо иштироки ситонанда, қарздор ва иҷ рочии суд баррасӣ мекунад. Ба ақидаи мо, махсусияти шикоят нисбат ба рафтори иҷрочии суд, мураккаб набудани баррасӣ ва ҳалли онҳо аз ҷиҳати факт ва ҳуқуқ, зарурати таъмини саривақтии истеҳсолоти иҷро, пешгирӣ намудани сӯиистифода аз ҳуқуқ аз ҷониби қарздоре, ки бевиҷдонона рафтор менамояд, дар қонун пешбинӣ кардани маҳз муҳлати кӯтоҳи баррасӣ ва ҳалли ин шикоятҳоро тақозо менамояд.

Аммо дар қонун масъалаи ба зиммаи субъекти ҳокимияти омма, яъне иҷрочии суд гузоштани уҳдадории исбот намудани қонунӣ будани рафтори ӯ ҳал нагардидааст, хусусиятҳои хоси мазмуни ҳалномаи судӣ ва тартиби ичрои он бо дарназардошти намуди мазкури парвандаҳо танзим нашудаанд. Чунин норасоиҳо метавонад боиси мухталиф тавзеҳ додани қонун ва татбиқи нодурусти он гардад, ки ба сатҳи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони манфиатдор дар истеҳсолоти иҷро мумкин аст таъсири манфӣ расонад.

---

[294]Косолапов А.В. Жалоба как правовое средство (общетеоретический аспект): дис. канд. юрид наук. – Саратов. 2016. – С. 9.

[295]Ҳамон ҷо. – С. 9.

Суд ҳангоми баррасии шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочии суд наметавонад нисбат ба ӯ чораҳои ҷавобгарии интизомиро татбиқ намояд. Чунки мутобиқи м. 97 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»: иҷрочии суд аз ҷониби вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиби муқаррargардида ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Суд метавонад таъиноти хусусӣ нисбат ба иҷрочии суд ба тасвиб расонида, онро ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд. Новобаста аз он ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» муқаррароти бевоста оид ба муроҷиат намудан ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд мавҷуд нест, ин ҳуқуқи шахсони манфиатдори истеҳсолоти ичро аз мазмуни моддаҳои 97 ва 98[4] Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» бармеояд. Дар амалия ситонандаҳо ва адвокатҳои онҳо дар аксарияти мавридҳо на тартиби судӣ, балки тартиби маъмурии пешниҳоди шикоятро нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд истифода мекунанд. Аммо на ҳама вақт чунин амалия самара медиҳад.

Ғайр аз ин, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти ичро» механизми пешниҳоди шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд бо тартиби тобеиятӣ (маъмурӣ) танзим нагардидааст. Механизми мазкур, ба ақидаи мо, бояд фарогири унсурҳои зерин бошад: шакл ва мазмуни шикоят, мӯҳлатҳои кӯтоҳи пешниҳоди шикоят ва баррасии он, асосҳои рад намудани баррасии шикоят ва бе баррасӣ монондани он, мазмуни қарор оид ба шикоят ва тартиби иҷрои он.

Инак, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсолоти иҷро имконият медиҳад, ки шаклҳои гуногуни пешниҳоди шикоят – судӣ ва тобеиятӣ (хизматӣ, маъмурӣ) нисбат ба қарор, амал (беамалии) ичрочиёни суд интихобан аз ҷониби шахси манфитдор истифода шавад. Вале дар ҷараёни таҳлили қонунгузории болозикр норасоӣ ва номутобиқатӣ дар танзими масъалаҳои пешниҳоди шикоят нисбат ба қарор, амал, (беамалии) иҷрочиёни суд бо тартиби тобеиятӣ (хизматӣ, маъмурӣ) муайян гардид. Дар истеҳсолоти судӣ ва маъмурӣ ба зиммаи ичрочиёни суд, ҳамчун ба субъектҳои ҳокимияти омма ухдадории исбот намудани қонунӣ будани қарор, амал (беамалиашон) вогузор нашудааст.

Мувофиқан барои ҳалли муаммоҳои марбут бо шикоят овардан нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд ва тартиби баррасӣ ва ҳалли он пешниҳод менамоем:

1. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти ичро» механизми пешниҳоди шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд бо тартиби тобеият (хизматӣ, маъмурӣ) бояд ҳамаҷониба танзим карда шавад. Механизми мазкур, ба ақидаи мо, бояд фарогири унсурҳои зерин бошад: шакл ва мазмуни шикоят, мӯҳлатҳои кӯтоҳи пешниҳоди шикоят ва баррасии он, асосҳои рад намудани баррасии шикоят ва бе баррасӣ монондани он, мазмуни қарор оид ба шикоят ва тартиби иҷрои он.

2. Ба мақсади такмили тартиби судии пешниҳоди шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочии суд ба КМГ ҶТ тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шавад:

а) ба парвандаҳо аз рӯи шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд қоидаҳои пешбининамудаи бобҳои 23 ва 24 КМГ ҶТ паҳн карда шаванд;

б) ҳалномаҳои судиро оид ба парвандаҳо аз рӯи шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд бояд ба ҳалномаҳое судие, ки фавран иҷро карда мешаванд, шомил намуд.

3. Ҳамчунин тавсия менамоем, ки салоҳияти суд чиҳати ба тасвиб расонидани таъиноти судӣ (м. 231 КМГ ҶТ) ба унвонии иҷрочии суде, ки ба қонуншиканӣ роҳ додааст, мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

**Омодагии кадрии мутахассисони мақомоти иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷро ва ворид намудани унсурҳои истеҳсолоти иҷрои электронӣ.**

Иҷрои саривақтӣ ва дурусти ҳуҷҷатҳои иҷро оид ба парвандаҳои гражданӣ аз иҷрочиёни суд донишҳои мукаммали ҳуқуқӣ ва малакаҳои касбии махсусро талаб менамояд. Мутобиқи сархатти чоруми қ. 1 м. 27 Қонуни ҶТ „Дар бораи хизмати

давлатӣ”[296] иҷрочии суд ҳуқуқ дорад ба тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии дахлдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ фаро гирифта шавад.

Ноил гардидан ба касбияти зарурӣ ва баланд бардоштани он тадриси махсусро бо истифодаи васеъ аз адабиёти мувофиқ тақозо дорад. Аммо то айни замон дар мамлакат адабиёти илмӣ-методӣ (китоби дарсӣ, маҷмааи илмӣ-методӣ) оид ба истеҳсолоти иҷро коркард нашудааст, тафсири илмӣ-амалӣ ба Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», ки маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти суд, иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷро ва прокуратураро фарогир бошад, низ мавҷуд нест.

Ҳамчунин дар қонун масъалаҳои бо вазъи ҳуқуқии иҷрочиёни судӣ иртиботдошта ва таъминоти моддӣ-техникии истеҳсолоти иҷро бояд ҳамаҷониба танзим карда шаванд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни ҷудогона оид ба вазъи ҳуқуқии иҷрочиёни суд, ки аз ҷумла ҳимояи иҷтимоии онҳо ва масъалаҳои таъминоти моддӣ-техникии истеҳсолоти иҷроро мукаммалу муфассал танзим кунад, вуҷуд надорад, ки ба матлуб иҷро гардидани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ метавонад таъсири манфӣ расонад.

Ғайр аз ин, омӯзиши амалияи судӣ ва ҳисоботи оморӣ нишон дод, ки шумораи муроҷиатҳои ситонандаҳо бо ҳуҷҷатҳои иҷро ба мақомоти иҷрои маҷбурӣ ҳар сол афзоиш меёбад, ки мутобиқан боиси зиёд шудани сарбории иҷрочиёни суд мегардад. Чунин вазъият тақозо менамояд, ки ҳайати иҷрочиёни суд зиёд карда шавад.

Иловатан ба ин, дар шароити дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидани Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳимро масъалаҳои шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷро, дастрасии маълумот оид ба фаъолияти мазкур барои шаҳрвандон, инчунин ворид намудани унсурҳои асосии адолати судии электронӣ, аз ҷумла истеҳсолоти иҷрои электронӣ пайдо мекунад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар истеҳсолоти иҷрои ватанӣ имкониятҳои шабакаи байналмилалии иттилоотӣ-иртиботии Интернет истифода намешавад. Ҳол он ки истифодаи чунин имкониятҳо бо роҳи ворид намудани унсурҳои истеҳсолоти иҷрои электронӣ метавонад ҷараёни иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷроро бештар сариваҷтӣ ва шаффоф гардонида, камхарҷтар намояд.

Аз ин рӯ, ба мақсади ҳалли масоили болозикр пешниҳод менамоем:

1.Масъалаи дар макотиби таҳсилоти олии дорои факултетҳои ҳуқуқшиносӣ кушодани ихтисоси «Истеҳсолоти иҷро» ба мақсади омода намудани ҳуқуқшиносони баландихтисос, ки танҳо дар соҳаи иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ ва мақомоти дигари зисалоҳ фаъолият хоҳанд кард, мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

2. Омода намудани тафсири илмӣ-амалӣ ба Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дар заминаи истифодаи васеи маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти суд, иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷро ва прокуратура аз ҷониби гурӯҳи корӣ, ки аз мутахассисони соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ ва амалия иборат мебошад.

3. Таҳия кардани маҷмӯаи илмӣ-методӣ ва китоби дарсӣ оид ба истеҳсолоти иҷро дар асоси дастовардҳои назарияи истеҳсолоти иҷрои ватанӣ ва хориҷӣ, қонунгузории истеҳсолоти иҷрои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ва амалияи татбиқи он, инчунин таҳлили муқоисавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба истеҳсолоти иҷро ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти иҷрои маҷбурии мамолики хориҷӣ.

4. Таҳким додани алоқаи амалия бо назарияи истеҳсолоти иҷро, то ин ки онҳо ҳамдигарро тақвият дода, барои баланд бардоштани самаранокӣ ва саривақт иҷро гардидани ҳуҷҷатҳои иҷро мусоидат намоянд.

[296]Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2007, № 3, м.166; № 6, м.429; 2010, №3, м.158; 2011, №6, м. 452; , 2012, № 8, м.834; №12, қ.1, м.1008; 2013, № 7, м. 542; №12, м. 905.

5. Тахия ва қабули намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии иҷрочиёни суд».

6. Баррасӣ ва ҳал кардани масъалаи зиёд намудани теъдоди иҷрочиёни суд.

7. Беҳтар кардани таъминоти моддӣ-техникии фаъолияти иҷрочиёни суд оид ба иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷро, аз ҷумла тавассути ҷудо намудани маблағҳои пулӣ барои пардохти хароҷ оти наклиётии иҷ рочии суд ҳангоми иҷ рои амали иҷ ро, ҳамлу нақл, нигоҳ доштан ва фурӯхтани молу мулки қарздор.

8. Ба мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷро, дастрасии иттилоъ оид ба ин фаъолият барои шаҳрвандон, аз ҷумла тавассути ворид намудани унсурҳои истеҳсолоти иҷрои электронӣ ҳал намудани масъалаи ташаккул додани сомонаҳои мақомоти иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷро дар Интернет, ки дорои мазмуни мувофиқ бошанд.

**Зарурати кодификатсия намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти иҷро.**

Таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи истеҳсолоти иҷро нишон медиҳад, ки меъёрҳои он дорои низом мебошанд. Низоми қонунгузории истеҳсолоти иҷро дар тақсимбандии меъёрҳо ва падидаҳои умумӣ ва махсуси он зоҳир мегардад. Меъёрҳо ва падидаҳои умумии қонунгузории истеҳсолоти иҷро муносибатҳои ҷамъиятиеро танзим мекунанд, ки ҳангоми амалӣ намудани ҳамаи чораҳои иҷрои маҷбурӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, муқаррарот оид ба шахсони иштирокчии истеҳсолоти иҷро, радкунӣ дар истеҳсолоти иҷро, ҳуҷҷатҳои иҷро ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар истеҳсолоти иҷро. Меъёрҳо ва падидаҳои ҳуқуқии махсуси қонунгузории истеҳсолоти иҷро бошад, тартиби анҷом додани чораҳои ҷудогонаи иҷрои маҷбурии хуҷҷатҳои иҷроро танзим менамоянд. Масалан, тартиби анҷом додани ситониш нисбат ба молумулки манқул ва ғайриманқули қарздор, ҳуқуқи талаб ва ҳуқуқҳои дигари молумулкии ҷудопазири қарздор; иҷрои ҳалномаҳои судӣ, ки қарздорро барои содир намудани амалҳои муайян ё худдорӣ намудан аз содир намудани амалҳои муайян уҳдадор менамояд.

Аз мавқеи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мавҷуд будани меъёрҳо ва падидаҳои умумӣ дар ин ё он соҳаи қонунгузорӣ яке аз асосҳои кодификатсияи он маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, бояд ба инобат гирифт, ки истеҳсолоти иҷро намуди муносибатҳои ҳуқуқии омма мебошад, ки танзими ҳамаҷониба ва дақиқро тақозо менамоянд. Мутобиқи м. 99 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» Дастурамали аз ҷ ониби Вазорати адлияи Ҷ умҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида ташкили кор, коргузорӣ ва таъминоти моддию техникии фаъолияти иҷ рочиёни судро муайян менамояд, на тартиби иҷрои маҷбурии ҳуҷҷатҳо иҷроро. Зиёда аз он, кодификатсия тарзи муҳими инкишофи қонунгузорӣ бо роҳи таъмини алоқаҳои низомии он, унификатсия ва дифференсиатсияи меъёрҳо, бартараф намудани норасоиҳо ва ихтилофоти қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ оид ба истеҳсолоти иҷро маҳсуб меёбад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур норасоиҳо ва ихтилофот дар меъёрҳои зерини қонунгузории танзимкунандаи иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ муайян карда шуд: оид ба иҷ рои қарорҳое, ки қарздорро ба содир намудани амалҳои муайян (худдорӣ ва тоқат кардан ба содир намудани амалҳои муайян) уҳдадор менамояд, ситонидани алимент, гузаронидани кофтукови қарздор ва молу мулку ӯ, анҷом додани ситониш нисбат ба молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқи талаби қарздор, вазъи ҳуқуқии шахсони иштирокчии истеҳсолоти иҷро, аз ҷумла прокурор ва намояндаҳо, гирифтани маълумот дар бораи қарздор ва молу мулку ӯ, муваққатан маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, боздоштани истеҳсолоти иҷро ва пешниҳоди шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни суд.

Аз ин рӯ, ба мақсади ҳамаҷониба танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истеҳсолоти иҷро оид ба иҷрои санадҳои судӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ, таъмини алоқаҳои дохилии низомии меъёрҳо ва падидаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти иҷро, унификатсия ва дифференсиатсияи онҳо, бар-

тараф намудани норасоиҳо ва ихтилофот, ҳамчунин ҷузъиёти будани як қатор меъёрҳо ва падидаҳо дар ин соҳа, пешниҳод менамоем, ки Кодекси истеҳсолоти иҷрои ҶТ таҳия гардида, қабул карда шавад.

# ФОНОСКОПИЯИ КРИМИНАЛИСТИКӢ

**Назаров А.К.,**
**мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

Ба намудҳои нави тадқиқотҳои махсус, ки маълумотҳои оперативиро исбот мекунанд ва доираи далелҳои шайъиро дар истеҳсолоти судӣ васеъ мегардонанд, фоноскопияи криминалистикӣ дохил мешавад, ки пайҳои овозиро бо мақсади ҳаммонандкунӣ ва ташхиси сарчашмаҳои он, инчунин воситаҳои қайд кардани сигналҳои овозии ба фитаҳо ё дискҳои магнитӣ ё видеоӣ сабтшуда ё дигар дорандаи маълумотро меомӯзад.

Мафҳуми "фоноскопия" аз калимаҳои юнонии "phon"- овоз ва "skopeo" - мебинам гирифта шуда, аз ҷониби олимони поляк пешниҳод карда шудааст[297]

Объектҳои криминалистикӣ чун дорандагони маълумоти аҳамияти криминалистидошта фонограммаҳои магнитӣ ва воситаҳои техникӣ ҳастанд, ки бо ёрии онҳо сигналҳои овозӣ сабт карда мешаванд, ё такрор карда мешаванд.

Фоносабтҳо дорои чунин маълумотҳо мебошанд:

- дар бораи натиҷаҳои азназаргузаронии ҷойи ходиса ва ашёҳо, ки бо ҳодисаҳои ҷиноят, шахсони бо ҷиноят алоқаманд (тасвири овозии вазъият, ҳолати ашёҳо, пайҳо ва далелҳои шайъӣ);
- фарзия ва тахминҳои аз ҷониби шоҳидон ва гумонбаршавандагон пешниҳодкардашуда; тасвири чораҳое, ки барои тафтиши ҷиноят пешбинӣ шудаанд;
- дар бораи пурсиши шаҳрвандоне, ки дар бораи тайёрӣ дидан ба ҷиноят, субъектҳои онро содиркарда, тарзу усули истифодакардаи онҳо ва ғ айра.

Маълумотҳое, ки дар фонограмма сабт шудаанд, барои парванда аҳамияти калон доранд ва барои санҷидани фарзияҳои пешниҳодшуда, интихоби роҳҳои ошкор кардани ҷиноят ва ҷустуҷӯи ҷинояткор, айнияткунонии сарчашмаи овоз, муқаррар кардани монтаж ё тағ йири сабт ва ғ айраҳо истифода карда мешаванд.

Аз нуқтаи назари илми физика нутқи шифоҳӣ сигнали акустиест, ки дар натиҷаи фаъолияти мушкили анатомию физиологӣ ба вуҷуд меояд ва ин вазифаро низоми марказии асаб ва узви нотиқа ба дӯш дорад. Дар ҷараёни ташкил ёфтани муҳити фазоӣ пардаи ҳоҷиз, шушҳо, нойи нафас ва нойчаҳои шуш иштирок мекунанд.[298]

Хусусиятҳои анатомӣ ва физиологии узвҳои нотиқа сохтори ҳалқ ва садопардаҳо, инчунин тарзи нафаскаширо таъмин мекунанд. Фаввораи ҳаво аз роғ садопардаҳоро ба ҷунбиш медарорад ва дар натиҷа овози бо баландӣ, қувва ва илҳони муайян ба вуҷуд меояд.

Ба шумораи омилҳои асосии биологии инсон, ки ба хусусиятҳои фонатсия таъсир мерасонанд, омилҳои зерин дохил мешаванд: сохти бадан, узви нотиқаи симметрӣ, кори ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ ва синну сол. Ҳамин тавр, ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ дар сохтори анатомии ҳалқ ва дар натиҷа дар овозофарӣ аҳамияти калон доранд.

Аз фарёди кӯдаки навзод сар карда, то давраи пирӣ овози инсон чанд маротиба тағйир меёбад, ки ҳам бо қонуниятҳои биологӣ, ҳам бо омилҳои ногаҳонӣ алоқаманд мебошад. Ҳамзамон бо рафти синну сол на танҳо баландӣ ва шиддати овоз, балки илҳони он низ дигар мешавад. Алакай дар синни кӯдакӣ, хусусан, дар давраи инкишофи

---

[297] «Википедия»: http://ru.wikipedia.org/wiki/

[298] Федяев С.М. Характеристика системы методов криминалистической фоноскопической экспертизы //Российский следователь. 2008. N 5. С.5-11

ҷинсӣ сохтори ҳалқ бо ба вуҷуд овардани дисканти (овози баланди бачагона) бачагона ё алт ба баритони мардона ё ҳатто ба бас (овози ғафси мардона) тағйир меёбад. Дар духтарон дар ин вақт дискант ё алти кӯдакӣ ба сопрано (овози баланди занона) ё контралто (овози ғафси занона) мушоҳида карда мешавад. Дар синни пирӣ, ки он вақт раванди устухонбандии ҳалқӣ овоз тағйир ёфтанро дар натиҷаи хурд шудани зарфияти шушҳо, паст шудани чандирии онҳо, танг шудан қафаси сина давом медиҳад. Овоз суст, ларзанда ва паст мегардад.

Ба ғайр аз хислатҳои номбаршуда, ки фардияти овози инсонро таъмин мекунанд, роҳҳои ташаккули малакаҳои нутқи шифоҳӣ низ таъсири калон мерасонанд. Онҳо ҳам аз омилҳои биологӣ, ки ирсӣ мебошад, ҳам аз омилҳои беруна ба вуҷуд меоянд. Ба охирин одатан муҳити зист, бемориҳое, ки инсон аз сар гузаронидааст, маълумотнокӣ, тарбия ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, нутқи шифоҳӣ навъи махсуси муносибати одамон, ки бо вазифаҳои психофизиологии инсон дар шароитҳои ҷамъияти муайян асоснок карда шудааст.

Маълумот оид ба хусусиятҳои инсонро, ки дар садо ва ё овози он мавҷуд аст, шартан ба маъноӣ ва шахсӣ тақсим мекунанд. Аввалӣ ин маҷмӯи маълумотҳо, ки дар хабари садоӣ мавҷуд аст, мебошад. Он аз инкишофи умумии сухангӯянда, мавҷудияти дониши муайян, аз он ҷумла касбӣ, инчунин воқифии ӯ аз ҳодисаҳо, воқеаҳо ё ҳолатҳо, ки танҳо ба доираи маҳдуди шахсон маълум аст, шаҳодат медиҳад.[299]

Маълумоти шахсӣ арзишноктар аст. Он ифодаи овозии таркиб ва сохтори сухан, ки услуб, лексика, сохтори грамматикӣ мантиқи охирин, яъне он аломатҳое, ки дар бораи образи физикӣ, психологӣ ва иҷтимоии шахсро инъикос мекунанд. Маълумоти шахсӣ инчунин хислат, маълумот, зеҳн, хусусиятҳои лаҳҷавӣ, ки дар вобастагӣ аз маҳалли зист инкишоф меёбанд ва имкон медиҳанд, ки сифатҳои шахсӣ муайян карда шаванд. Масалан, занон, ки ҳассос ҳастанд, бисёр вақт дар ҳар ҳолат чунин калимаҳоро такрор мекунанд: “наход”, “вай”, “даҳшат” ва ғайра. Мардҳо эҳсоси худро бо тамасхур, бо суханони дағал ва ҳатто бо дашном ифода мекунанд. Ҷинсияти гӯяндаро дар асоси таҳлили диапазони овоз, бо баландии овози асосӣ ва бо илҳон муайян кардан мумкин аст.

Маълумотро оид ба синну соли тақрибии гӯянда аз шарҳи ҳол, хабарҳо ё ҳолатҳо гирифтан мумкин аст. Муайянии фикрронии гӯянда оид ба масъалаҳои гуногун аз синну соли ҷавони ӯ дарак медиҳад. Одамони калонсол дар пайроҳи фикри хеш эҳтиёткор мебошанд, ба ҳамсуҳбаташон маслиҳат медиҳанду кӯшиши ӯро омӯзонидан мекунанд.

Маълумотнокӣ ва дараҷаи маданияти инсонро бо таҳлили захираи луғавии он, ифодаи фикру ақидааш, бо садо, мавҷудияти аломатҳои луғавӣ, инчунин талаффуз муайян кардан мумкин аст.

Аломатҳои луғавии садои инсон – ин маҷмӯи калима, ифодаҳо ва ибораҳое мебошанд, ки дар вақти баёни фикр истифода карда мешаванд. Ҳамин тавр, бадеияти садои инсон, мавҷудияти мафҳумҳои касбӣ ва техникӣ маълумотнокӣ ва дараҷаи маданияти инсонро нишон медиҳад. Шахсоне, ки захираи луғавиашон бой аст, фикри худро фасеҳ ва муайян, бо калимаҳои бо ҳолати мазкур наздик баён мекунанд. Шахсоне, ки захираи луғавиашон кам аст, калимаҳои истифодабурдаашонро такрор мекунанд, дар натиҷа нутқашон он қадар мувофиқ ва ифоданок нест.[300]

Тадқиқотҳои ташхисии фонограммаи садои инсон бо мақсади муайян кардани баъзе хислатҳои физиологӣ ва анатомии инсон гузаронида мешаванд. Масалан бо шаф-шафкунии нутқ, бо манқагӣ чунин бемориҳои низоми асаб, ба монанди фалаҷи ҷузъӣ ва

---

[299] Рамишвили Г.С., Чикоидзе Г.Б. Криминалистическое исследование фонограмм речи и идентификация личности говорящего. - Тбилиси: Мецниереба, 1991

[300] Фант Г. Акустическая теория речеобразования: тарчумон. Л.А.Варшавского, В.И.Медведева М.: Наука, 1964.

афазия. Бо илҳони овоз қад ва андозаи қафаси синаи инсонро муайян кардан мумкин аст.

Фалаҷи ҷузъӣ бемориест, ки ҳангоми он вазифаҳои ҳаракатии узви нотиқа суст мегардад. Дар он ҳангом артикулятсияи овозҳои алоҳида, ки дар он забон вазифаи асосиро иҷро мекунад, мушкил мешавад: "ч", "р", "ш", "ж " ва ғайра.[301]

Афазия бемории баъзе минтақаҳои мағзи сар аст, ки нуқсони нутқро ба вуҷуд меорад. Ҳангоми афазия худи сохтори калима вайрон шуда, гузаштан аз як ҳиҷо ба ҳиҷои дигар мушкил мегардад. Захираи ками луғавӣ, сустии суръати нутқ, фосилаҳо равшан мебошанд. Ин нишонаҳо, хусусан, ҳангоми эҳсосотӣ шудан хеле возеҳ ифода мегарданд.

Алоқа байни садои инсон ва хислатҳои ҷисмонии инсон, вобастагии узви нотиқа ва фаъолияти нутқро дар анатомия ва физиология муқаррар мекунанд.

Муқаррар карда шудааст, одамони бо овози баланд қадди баланд ва андозаи баланди қафаси сина доранд. Ҳамин тавр, дорандагони тенор дарозии қадашон 166 см, баритон наздикии 174 см, бас бошад, қариб 178 см мебошад.[302]

Ташхиси ҷойи таваллуд ва зиндагии дарозмуддати инсон. Дар солҳои охир дар натиҷаи баланд шудани дараҷаи маълумотнокӣ нутқ ба меъёрҳои забони адабӣ наздик шудааст. Вале баъзан хусусиятҳои лаҳҷа, ки хусусияти нутқи минтақиро ифода мекунанд, ба садои инсон таъсир мерасонанд. Дар ҳолати эҳсосотӣ ҳатто шахси бо забони адабӣ суханкарда, калимаҳои лаҳҷавиро талаффуз мекунад. Ин шаҳодати он аст, ки шахс дар он минтақа таваллуд шудааст ва ё муддатҳо зиндагӣ кардааст.

Хусусиятҳои лаҳҷавии гӯянда захираи лексикӣ (калимаҳо, ҷумлаҳо), шаклҳои грамматикӣ (тасрифу калимасозӣ, таркиббандӣ, сохтори фонетикӣ ва ғ.), инчунин нишонаҳои просодия (оҳанги талаффуз, зада, суръати нутқ ва ғ.)- ро дар бар мегиранд.

Лаҳҷаҳои маҳаллӣ бо ҷойи паҳншавиашон фарқ мекунанд. Дар як ноҳия ё шаҳр аз якто зиёд диалектҳои маҳаллӣ буда наметавонанд. Хусусиятҳои муайяни диалектҳои шаҳрӣ захираи луғавӣ равшан ифода мегардад. Калимаҳои муайяни як лаҳчаро дар дигар ҳудудҳо вонамехӯранд, дар ҳар лаҳҷа як калима метавонад маъниҳои гуногун дошта бошад. Хусусиятҳои лаҳҷаҳои маҳаллӣ, инчунин дар фразеология, шаклҳои грамматикӣ ва нишонаҳои просодияи нутқ ифода меёбанд. Оҳанги талаффуз маҷмӯи унсурҳои зеринро дар бар мегирад: мақом (тағйироти оҳанги асосии овоз), фосилаҳо байни калимаҳо ва ҷумлаҳо, шиддатнокии талаффузи баъзе калимаҳо дар нутқ, суръати нутқ ва илҳони овоз.

Бо ин нишонаҳо зиёда аз бист намуди оҳанги талаффуз, масалан, савол, шавқу завқ, ҳайронӣ, даъват, тарс, нафрат, хашм, хурсандӣ, радкунӣ, тасдиқ ва ғайраро ҷудо мекунанд. Ҳамаи ин хусусиятҳои оҳанги талаффуз дар лаҳҷаҳои аз меъёр дуршуда мавҷуд аст.

Ҳангоми таҳлили нишонаҳо ва хусусиятҳои фразеологии нутқи шифоҳӣ бояд дар назар дошт, ки муносибатҳои истеҳсолӣ, дилхоҳ соҳаи омӯзиш ё фаъолияти инсон бо муносибати байни ҳамдигарии одамон, асбобҳои истеҳсолӣ, шароитҳои истеҳсолӣ ва маишӣ шинохта мешаванд. Барои ҳамин дар ҳар соҳаи фаъолияти инсон захираи луғавӣ мавҷуд аст, ки пайваста зиёд мешавад ва шаклашро тағйир медиҳад. Ҳамин тавр, истилоҳоти махсус ташаккул меёбад, ки таркиби луғавӣ ва хусусиятҳои нутқи одамони як касбу корро дар бар мегирад.[303]

Лаҳҷаҳои иҷтимоӣ ҳудудан ҷудо карда нашудаанд, барои ҳамин дар маҳал онҳо якчандто буда наметавонанд. Ба намудҳои лаҳҷаҳои иҷтимоӣ профессионализм

[301] Соколов Ю.Н. Некоторые вопросы процессуальной регламентации фонографической экспертизы //Судебная экспертиза. 2007. № 3. С.59-65

[302] Федяев С.М. Характеристика системы методов криминалистической фоноскопической экспертизы //Российский следователь. 2008. N 5. С.5-11

[303] Давтян Л.Д. Особенности объекта криминалистического автороведческого исследования текстов //Библиотека криминалиста. Научный журнал. 2012. № 2. С.118-129

(калимаҳои соҳавӣ) ва жаргон ё арготизмҳо (арго- махфикардашуда) дохил мешаванд. Профессионализмҳо- ин калимаҳо ё ибораҳои рехтаи нутқи шахсоне мебошанд, ки бо фаъолияти меҳнатиашон муттаҳид гаштаанд. Ҳангоми таҳлили фонограмма бояд на танҳо ба мавҷудияти профессионализмҳо, балки ба истифодаи аниқи онҳо бояд диққат дод. Дар нутқи гӯянда мавҷуд будани профессионализмҳо дар бораи одатҳои луғавии ӯ шаҳодат медиҳад, вале на ҳама вақт дар бораи соҳиби ин ё он касб буданаш маълумоти аниқ дода метавонад, чунки чунин тарзи сухангӯй сабаби ҷаҳонбинии васеи ӯ низ буда метавонад.

Жаргон забони шартии дуздон, қаллобон, роҳзанон, фоҳишаҳо, нашъамандон ва ғайра мебошад. Лексикаи жаргонӣ бо роҳи тағйироти сунъии калимаҳои мавҷудбуда ё истифодаи онҳо бо маънии махсус, бо мақсади он, ки сӯҳбат танҳо ба доираи маҳдуди одамон фаҳмо бошад, ба вуҷуд омадааст. Калима ва ифодаҳои жаргонӣ дар вақтҳои охир дар байни аҳолӣ, хусусан, дар байни ҷавонон хеле паҳн шудаанд.

Забони модариро бо хусусияти талаффуз, ки хосси шахси бо забони модариаш сухан накарда, муайян мекунанд. Масалан, узбекон ҳангоми талаффуз садонокҳоро иваз мекунанд, “Самонӣ”, “якшанба”, ба ҷои ҳарфҳои “ҷ”, “ҳ” – “ж” ва “х”-ро талаффуз мекунанд: Жамила, жоруб, хохар, хамрох ва ғайра. Умуман, шахси хориҷиро бо хусусияти талаффузи забони модариаш, ки танҳо хосси он забон аст, ҳангоми сухан гуфтанаш бо забони ғайр шинохтан мумкин аст.

Дар бораи миллати ин ё он шахс дар асоси таҳлили оҳанги овозаш низ муайян кардан мумкин аст. Оҳанги овоз – ин тарзи баланд ё пасти овоз ҳангоми талаффуз, ягон ҳиссиёти гӯяндаро инъикос мекунад. Ба воситаи оҳанги овоз қувваи овоз ва мақом, маҳдудият ва мӯҳлати умумии фосилаҳо дар ҷумла ҳангоми нутқ ба танзим даровarda мешаванд. Оҳанги овоз тарзи сухангӯиро муайян мекунад, ба ӯ тобиши нав бахшида хусусиятҳои лаҳҷаро муқаррар мекунад.

Нутқи шифоҳии инсон бо аломатҳои акустикӣ ва лингвистикӣ, ки фардӣ буда тағйир намеёбанд, имкон медиҳанд, ки на фақат сифатҳои шахсӣ, ки нутқаш дар фонограмма сабт шудааст, балки муқоиса карда шаванд.

Маҷмӯаи воситахои техники криминалистикӣ дар асоси компютер имкон медиҳад, ки ҳангоми таҳлили садои инсон маълумоти объективӣ ба даст оварда шавад, ки он бо хислатҳои иҷтимоии субъект (маълумотнокӣ, касб, дараҷаи маданият); ҳолати руҳӣ (ором, қаҳролуд, маъюс); минтақаи ташаккули нутқи шифоҳӣ (лаҳҷа аксент (тарзи гуфтор); хислатҳои биологӣ (ҷинс, синну сол, қад); хусусиятҳои психофизиологӣ ( дар натиҷаи бемориҳои муайян аз меъёр берун рафта) ва бо тарзи талаффузи нутқ (хониш, сухангарӣ, сухани ором) алоқаманд мебошанд.[304]

Чунин маҷмӯаҳо бо назардошти хислати шахс ба оператор-коршинос имкони тадқиқоти маълумоти нутқиро дар диалог медиҳанд, ки аз садои инсон ҳангоми тасвири шаклӣ гирифта шудаанд. Онҳо аз ду қисм иборат мебошанд: дастгоҳӣ (протссесор, тугмаи идора, хотираи дохилӣ ва зоҳирӣ, дастгоҳи ворид-хориҷ кардани маълумоти маълумотӣ) ва барномавӣ (таъмини низомии идораи коркард ва таҳлили сигналҳои нутқӣ, тасвири онҳо ва қабул кардани қарор бо тасниф). Алгоритми муайяни ташхис имкон медиҳад, ки эътимодияти хислати шахс ҳангоми таҳлили сабтҳои садои инсон таъмин гарданд. Чунин навъи низоми воситахои техники криминалистикӣ дар якҷоягӣ бо тадқиқоти садои инсон бо ёрии шунавоӣ, ки мутахассисони соҳаи забоншиносӣ, равоншиносӣ, тиб имкон медиҳанд, ки бо эътимодияти баланд хислати объективии гӯянда муайян карда шуда бо овози он ҳаммонанд карда шавад.

Омода кардани маводҳо барои тадқиқоти санҷишии фонограмма аз гирифтани фонограммаҳои магнитӣ ва воситаҳои овозсабткунанда иборат аст, чун дигар далелҳои

---

[304] Алексеева Т.А. Криминалистическое учение о речи: историко-содержательный аспект //Вестник Томского государственного университета.- 2011.- № 343. С.115

шайъӣ бояд азназаргузарони шуда ба парванда бо қарори муфаттиш ҳамроҳ карда шаванд.

Хусусияти асосии азназаргузаронии фонограмма дар он аст, ки на танҳо аломатҳои зоҳирӣ, балки таркиби сабтро ҷамъоварӣ ва қайд мекунанд. Бинобар ин ҳангоми тартиб додани хулосаи азназаргузаронии фонограммаи он бояд гӯш карда шавад, таркиби он то калимаи охирон навишта ва тасдиқ карда шавад.

Ҳангоми нигоҳдории фонограммаҳо бояд ба як қатор эҳтиёткориҳо риоя кард. Масалан, онҳоро дар назди сарчашмаҳои майдонҳои магнитӣ ҷойгир кардан мумкин нест. Аз ҷое ба ҷое бурдани дастгоҳи овозсабткунанда то ба охир расидани тадқиқот мумкин нест. Барои ҳамин баъди азназаргузарони ва чамъовари онро бояд бастабандӣ ва мӯҳр карда ва сипас ба коршинос бурда расонидан лозим аст.

Намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ дар ҳолати таъин кардани тадқиқоти айнияткунони омода карда мешаванд. Пеш аз он, ки намунаҳо гирифта шаванд, муфаттиш бояд омилҳои зеринро муайян кунад:

1) шароит ва вазъияте, ки дар онҳо фонограммаи тадқиқотшаванда гирифта шудаанд; кай ва дар кадом бино сабт карда шудааст, агар он дар ҳавои кушод рӯй дода бошад, дар кадом вақт ва дар кадом шароитҳои обу ҳаво;

2) кадом дастгоҳ дар он истифода карда шудааст;

3) ҳангоми сабт асбобҳои қувватфизо ва дигар дастгоҳҳо истифода шудаанд [3,с-10-15].

Барои гирифтани намунаҳо бояд ҳамон дастгохро истифода кард ва ҳамон шартҳоро иҷро кард, ки дар он сабти барои тадқиқоти пешниҳодшуда амалӣ карда шудааст. Агар ин ғайриимкон бошад, бояд чораҳоро барои гирифтани сабти сифатнок андешид. Чунин навъи тасмаи магнитиро барои намуна низ бояд интихоб кард, ки дар фонограммаи тадқиқотшаванда истифода карда шудааст, сабтро ҳам бо ҳамон суръат бояд гузаронид.

Агар дар фонограммаи мавҷудбуда матн маълумоти махфӣ ё дашному ҳақорат набошад, пас вай барои тадқиқот дар шакли пурра, бе тағйирот пешниҳод карда мешавад, дар баръакси ҳол бояд матни нав тайёр карда шавад. Барои ин бояд матни аввалиро таҳлил кард ва аз он калимаҳои заруриро барои тадқиқот интихоб кард. Аз ин калимаҳо ва пайвастагиҳои онҳо бо дигар калимаҳо бояд матни санҷишӣ омода кард. Ҳаҷми умумии он бо назардошти тавсияҳои коршинос муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми таъин намудани санҷиши фоноскопӣ масъалаҳои зерин гузошта мешаванд:

- Оё матни дар фонограмма сабтшуда аз ҷониби шахсе, ки намунаи овозаш пешниҳод шудааст, хонда шудааст?

- Дар дискҳо, тасмаҳо, наворҳои магнитӣ, ки вуҷуд доранд, овози як ё якчанд шахс сабт карда шудааст. Ин шахсон онҳое нестанд, ки диққати тафтишотро ҷалб кардаанд ва намунаҳои овозҳояшон пешниҳод шудаанд. Кадом қисми матн аз ҷониби онҳо талаффуз карда шудааст?

- Сигналҳое, ки дар фонограмма сабт шудаанд, овози сарчашмаи муайян ба шумор мераванд?

- Кадом дастгоҳи овозсабткунанда ҳангоми омода кардани фонограмма истифода шудааст?

- Дар як ё якчанд дастгоҳ фонограммаи диққати тафтишро ҷалбкунанда сабт шудааст?

- Нутқи дар фонограмма сабтшударо як нафар гуфтааст ё якчанд нафар?

- Чанд нафар дар суҳбат иштирок кардаанд?

- Қисмҳои алоҳидаи нутқи сабтшударо овози занона ё мардона талаффуз кардааст?

- Бо роҳи таҳлили фонограмма кадом маълумотҳоро оид ба шахсияти гӯянда гирифтан мумкин аст (синну соли эҳтимолӣ, забони модарӣ, ҷои таваллуд ё маҳалли зист, касб ва ғ айра)?

- Кай фонограмма омода шудааст?

- Биное, ки сабти овоз гузаронида шудааст, чӣ гуна аст?

- Дар бораи касбияти шахсе, ки сабти овозро гузаронидааст, чӣ гуфтан мумкин аст?

- Фонограммаи ба тадқиқот пешниҳодшуда асл аст ё нусха?

- Нутқи ба фонограмма сабтшуда озод, пештар омодашуда ё азёдшуда, ё хониши матни хаттӣ ба шумор меравад?

- Оё дар фонограмма сигналҳое, ки диққати тафтишро ҷалб мекунанд (садои инсон, мусиқӣ, овозҳои ҳайвонот ва ғ.) мавҷуданд?

- Дар фонограммаи мазкур ягон аломатҳои тағ йироти ҳолати аввалии он ҳаст, хислати ин тағйиротҳо чӣ гунаанд?

- Тағйиротҳои ошкоршуда дар ҷараёни истифода кардани фонограмма ба вуҷуд омадаанд ё онҳо натиҷаи амали барқасдона ба шумор мераванд?

- Пораҳои сабти овозии ба тадқиқот пешниҳодшуда як қисми фонограмма ба шумор мераванд?

- Оё имкони барқарор кардани ҳолати аввалаи фонограммаи вайроншуда ҳаст?

Хулоса санҷиши воситаҳои овозсабткунанда барои ҳал кардани масъалаҳои гуногун равона карда шудааст. Масалан: тамғаи фирмавӣ ва таъини дастгоҳи мазкури овозсабткунанда кадоманд; хислати техникии он кадом аст; оё дастгоҳи мазкури овозсабткунанда дурусту бенуқсон аст; барои кор дар шароити муайян ин дастгоҳ рост меояд.

**Адабиёт**:


1. Алексеева Т.А. Криминалистическое учение о речи: историко-содержательный аспект //Вестник Томского государственного университета.- 2011.- № 343
2. «Википедия»: http://ru.wikipedia.org/wiki/
3. Галяшина Е.И. Развитие судебных речеведческих экспертиз в России //Эксперт-криминалист.- 2010. -№ 4.
4. Давтян Л.Д. Особенности объекта криминалистического автороведческого исследования текстов //Библиотека криминалиста. Научный журнал. 2012. № 2.
5. Рамишвили Г.С., Чикоидзе Г.Б. Криминалистическое исследование фонограмм речи и идентификация личности говорящего. - Тбилиси: Мецниереба, 1991
6. Соколов Ю.Н. Некоторые вопросы процессуальной регламентации фонографической экспертизы //Судебная экспертиза. 2007. № 3.
7. Фант Г. Акустическая теория речеобразования: тарҷумон. Л.А.Варшавского, В.И.Медведева М.: Наука, 1964.
8. Федяев С.М. Характеристика системы методов криминалистической фоноскопической экспертизы //Российский следователь. 2008. N 5.

# ХАТШИНОСӢ ВА МУАЛЛИФШИНОСИИ КРИМИНАЛИСТИКӢ

**Назаров Аваз Қувватович**
**мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

**Ямоқова Зумрад Додоҷоновна**
**дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

Азхудкунии хат бо инкишофи ду малакаи бо ҳам робитадошта: малакаи зеҳнии нутқи хаттӣ ва малакаи ҳаракати ҳусни хат, ки қариб дар як вақт ташкил меёбанд, вобаста аст. Нутқи хаттӣ ин таркиби ҳуҷҷат ва воситаҳои забонии ифодаи онҳоро инъикос мекунад. Ҳусни хат инъикоси низоми ҳаракати дастон дар коғаз ҳангоми иҷрои аломатҳои хаттӣ мебошад.

Ҳангоми тадқиқи хат маҷмӯи хислатҳои матни дастнавис, ҷанбаҳои маъноӣ ва графикӣ таҳлил карда мешаванд ва ба воситаи онҳо масъалаҳои гуногун ҳалли худро меёбанд: тавассути хатти дастнавис ва ҳусни хат муаллиф ва иҷрокунандаи он муқаррар карда мешаванд.

Имконияти муқаррар кардани муаллиф ва иҷрокунандаи матни дастнавис дар фардият (такрорнашавандагӣ) ва пойдории малакаҳои нутқӣ ва графикӣ асоснок карда мешавад. Зоҳир шудани онҳо дар намуди аломатҳои айнияткунии хат дар мутаносибият бо таълимоти психифизиологӣ дар бораи фаъолияти олии асаби инсон ҷорӣ мешавад[305].

Ташаккул ёфтани хат ба шароити таълимот, муҳити ҷамъиятӣ , ки дар он инсон умр ба сар мебарад, хислати фаъолияти меҳнатии ӯва қобилияти психофизиологии шахсият вобаста аст.

Нигоҳ доштани қолаби доимӣ дар мавриди барқасдона вайрон кардани хусусиятҳои нутқи хаттӣ ва ҳусни хат ҳам дида мешавад. Кадом ниқобе, ки барои рӯпӯш кардани хатти фардӣ истифода шавад, малакаҳои хусусӣ , ки бо қолаби коркардшуда устувор гардидаанд, боқӣ мемонанд ва дар хатти вайроншуда инъикос меёбанд.

Автоматизми хат то он даме ифода меёбад, ки хат дар шароитҳои маъмулӣ амалӣ гардад. Тез тағйир ёфтани онҳо ба суст гаштани автоматикунонии хат, ба иҷрои он зери назорати сахти шуур оварда мерасонад.

Фардият ва доимии (пойдории) ифодаи ошкоро дар хат имкон медиҳад, ки шахсияти муаллиф ва иҷрокунандаи ҳуҷҷат айният карда шаванд.

Нутқи хаттӣ дар баёни дастнависи хусусиятҳои психофизикӣ ва зеҳнии тафаккури инсон инъикос меёбанд: бо кадом услуб хат навишта шудааст, захираи луғавӣ ва дараҷаи саводи нависанда чӣ гуна аст?

Объектҳои тадқиқоти криминалистии нутқи хаттӣ ба айнияткунанда ва айниятшаванда тақсим мешаванд. Айнияткунанда ҳусни хатти шахси муайян, муаллифи мактуб мебошад, айниятшаванда бошад ҳуҷҷате, ки аломатҳои нутқи хаттии тартибдиҳандаро инъикос мекунад.

Дар инсон дар вобастагӣ ба шароити омӯзиш, дараҷаи маърифатнокӣ ва маълумотнокӣ, таҷрибаи навиштан, хислати фаъолияти меҳнатӣ, муҳит, таъсири телевизион, кино, театр, радио захираи луғавӣ, услуби махсуси ифодаи фикру ақида, истифодаи воситаҳои забонӣ ташаккул меёбанд[306].

---

[305] Кулагин П.Г., Колонутова А.И. Экспертная методика дифференциации рукописей на мужские и женские. М., 1970.

[306] Белозарова И.И. Криминалистика. М -2011

Дар нутқи хаттӣ мазмун ва шаклро ҷудо мекунанд. Ҳангоми шиносоӣ бо мазмун мавзӯи он, маълумотҳои ҳодисаҳои воқеӣ , истинод ба сарчашма ва маводҳои истифодашуда гуфта гузаштани муаллиф дар бораи худ таҳлил мегарданд.

Мазмуни ҳуҷҷат он қадар фардияти маълум надорад, чуноне ки воситаҳои забонӣ доранд. Ҳамзамон дар он метавонад маълумоти воқеӣ, ки ҳангоми гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва амалхои тафтишӣ ба даст меояд, вуҷуд дошта бошанд. Аз ҷумла, бо мазмуни ҳуҷҷат муайян кардан мумкин аст:

- мақсади муаллифро ҳангоми тартиб додани он ;
- сабаби навиштани ҳуҷҷати беномро;
- дар матн мавҷуд будани маълумотҳоро дар бораи ҳодисаҳо, ҷузъиёти онҳо, гуфта гузаштан дар бораи шахсони муайяне, ки ба ин ҳодисаҳо алоқа доранд[307].

Шакли ҳуҷҷат ифодаи зоҳирии мазмуни он буда, хусусиятҳояш аз аломатҳои грамматикӣ, луғавӣ ва услубӣ иборат мебошанд.

Аломатҳои грамматикӣ дараҷаи риоя кардани меъёри грамматикикиро аз ҷониби муаллиф инъикос мекунанд. Онҳо дар давраи хурдсолӣ бо роҳи пайравӣ ба нутқ ва суханронии калонсолон, омӯзиши меъёрҳои грамматикӣ дар мактаб ва худомӯзӣ аз худ карда мешаванд. Вале дар мактуб бисёр вақт дур рафтан аз меъёрҳои грамматикӣ вобаста бо орфография (дурустнависӣ), синтаксбардори, пунктуатсия (гузоштани аломатҳои китобатӣ ) мушоҳида карда мешавад.

Хусусиятҳои орфографии нутқи хаттӣ ин дурустии навиштани аломатҳои хаттӣ , инчунин хатоиҳои доимӣ: дар ҳарфҳои калима, дар ҷинсу шумора, дар таҳлилу тафсир мебошад.

Зери мафҳуми синтаксбардори криминалистон сохти маъмулии ҷумлаҳо, инчунин хатоиҳои доимиро вобаста бо сохтори ҷумлаҳо мефаҳманд, ки муаллифон ҳангоми навиштани мактуб ба он роҳ медиҳанд: мувофиқат накардани калимаҳо ва ҷумлабандӣ , беасос аз чанд ҷумла сохтани як ҷумлаи мураккаб, истифодаи бемавқеи сифати феълӣ ва феъли ҳол.

Пунктуатсия тарзҳои дурусти гузоштани аломатҳои китобатиро, ки ба воситаи онҳо ба қисмҳои маъноӣ тақсим кардани нутқи хаттӣ сурат мегирад, меомӯзад.

Муаллифи ҳуҷҷатҳо одатан ҳар гуна аломатҳои китобатиро мегузорад, қисме аз муаллифон онҳоро бо риояи қоидаҳо гузоранд, қисми дигарашон ба баъзе хатоиҳо роҳ медиҳанд, сеюмиҳо бо хатоиҳои дағал менависанд.

Дар вобастагӣ ба вуҷуд доштани хатоиҳои грамматикӣ дараҷаи умумии сатҳи дониши нависанда чун паст, миёна ё баланд муайян карда мешавад: паст – ин вуҷуд доштани хатоиҳои зиёди орфографӣ, синтаксбардори ва пунктуатсионӣ; миёна– вуҷуд надоштани хатоиҳои дағал дар ҳолатҳои маъмулии дурустнависӣ; баланд – ин вуҷуд надоштани хатоиҳои орфографӣ ва синтаксбардори, ба таври асоснок гузоштани аломатҳои китобатӣ .

Аломатҳои луғавӣ- ин ҷамъи воситаҳои забонӣ (калимаҳо, ифодаҳо, ибораҳо) ва хусусиятҳои истифодаи онҳо аз тарафи нависанда барои ифодаи фикри худ мебошад. Ба ин ҷо фразеологияи воситаҳои тасвирию маъноӣ дохил мешаванд.

Лексика чун захираи луғавӣ, маҷмӯи калимаҳо мебошад, ки муаллиф ба таври фаъол истифода мебарад. Вай метавонад кам ва бой бошад. Камии он дар такрори калимаву ибораҳо ҳангоми ифроз доштани фикри худ мебошад. Захираи луғавии бой аз истифодаи озоди калимаҳои ҳаммаъно, фразеологизмҳо, гуногунии ифодаҳо ва ғайра шаҳодат медиҳад. Инчунин дар он хусусиятҳое, ки маънои нишонаҳои ҳаммонандӣ доранд, метавонанд ифода ёбанд, масалан:

- калимаҳои кӯҳнашуда (архаизмҳо), масалан ҷаъдӣ (мӯи ҷингила), меҳтар (одами бузург), кеҳтар (хурд), овард (ҷанг, разм), тунӣ (дузд);

[307] Морозов Б.Н. Особенности криминалистического исследования признаков письменной речи. Ташкент, 1985.

- калимаҳои нав (неологизмҳо), масалан “менечер”, “сайт”, “маклер”;
- вежаҳои таърихан маҳдудшуда, калимаҳое, ки дар замони пеш ин ё он мафҳумро ифода мекарданд, вале ҳоло истифода намешаванд. Масалан, мубад (олим), диж (қалъа), адим (сурх), фидя (хунбаҳо), сиво (ғайр, дигар) қурбошӣ;
- профессионализмҳо, калимаҳое, ки шахсони ба як касб машғулбуда истифода мебаранд, масалан “парванда”, “криминалистика”, “пайшиносӣ ”;
- жаргонизмҳо, калимаҳое, ки гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ истифода мебаранд (дуздон, оворахо, қашшоқон) ва онҳо аз калимаҳо ва ифодаҳои истифодаи умум фарқ мекунанд. Масалан, “малах” (пул), “ширман” (дузди киса), “ксива” (паспорт), “труба” (телефони мобилӣ ), “базар” (суҳбат);
- диалектизмҳо, калимаҳои лаҳҷавӣ , ки онҳоро аҳолии минтақае истифода мебаранд. Масалан, “ала”, “мӯл”, “беҳӣ ”, “чакдон”, “қарабоӣ ”, “боба”, “занҷабил”, “наваса”;
- варваризм, калимаҳое, ки аз забоне ба забони дигар даромада фасоҳати онро мекоҳонанд. Масалан, ҳангоме ки муаллиф бо забони ғайр менависад;
- вулгаризм, калимаҳои дағале, ки дар забони адабӣ истифода карда мешаванд;
- ибораҳои рехта - ибораҳои махсусе, ки хосси забони муайян буда, ба забони дигар бо тарҷумаи таҳтулафзӣ дохил мешаванд: гапҳои ҳавоӣ , мурғи озод, хоку туроб, калла доштан ва ғайра[308].

Фразеология– ин маҷмӯи ибораҳои рехтаву устувор мебошад, ки маънои (ибораҳои рехта, зарбулмасал, мақол) доад. Хусусияти ибораҳои фразеологӣ аз нуқтаи назари паҳншавандагии онҳо, деринагии онҳо ва тобиши миллӣ доштани онҳо арзёбӣ мегардад. Ин имкон медиҳад, ки синну сол, шароити тарбия, дараҷаи сатҳи дониш, дараҷаи маълумотнокӣ, миллат, фазилат ва тахассуси муаллиф муайян карда шавад. Масалан, ғами касеро хӯрдан; парвои чизе надоштан; як бому ду ҳаво доштан; на дузди бозору на шайхи мазор; панҷ ангушт барин донистан ва ғайра.

Воситаҳои тасвирӣ -маъноӣ – ин ифодаҳое, ки бо маънои маҷозӣ (маҷоз, тамасхур, муболиға, ташбеҳ), инчунин шаклҳои услубӣ (тадриҷ, санъати тазод, тасдиқи саволдор ва дигар воситаҳои нутқ) истифода карда мешаванд. Воситаҳои тасвирӣ - маъноӣ барои тақвияти нутқ ва ба ӯдодани образнокӣ корбаст мешаванд.

Нишонаҳои услубӣ аз маҷмӯи воситаҳои забонии луғавӣ , фразеологӣ ва тасвирӣ ,услуби интихоби калимаҳо, ибораҳо, сохтори ҷумлаҳо, сохтори матн, ки хосси муаллифи муайян аст, иборат мебошад.

Услуб дар дараҷаи муайян шахсияти муаллифи матн, тарзи фикрронии ӯ, таҷрибаи истеҳсолӣ , умқи фазилат, машғулият, шавқу рағбати забонӣ ва хислати ӯро инъикос мекунад. Услуб метавонад илмӣ , публисистӣ (маҷаллаву рӯзномавӣ ), расмӣ - коргузорӣ (канселярӣ ), истеҳсолӣ -техникӣ , бадеӣ -насрӣ ва иншоӣ (маишӣ ) бошад. Услуб ба хислат ва шавқу рағбати фардӣ , эҳсосотӣ , психологӣ , касбӣ ва ғайра мутаносиб аст.

Дар асоси таҳлили аломатҳои нутқи хаттӣ метавон оид ба муаллифи ҳуҷҷати беном фарзияҳо пешниҳод кард: ҷинси ӯ; миллат; маълумот; синну сол; касб (тахассус); ҷойи кору маҳалли зист ва ғайраҳо.

Вақте ки дар натиҷаи пешбурди тафтиши ҷиноят ва гузаронидани чораҳои оперативи-ҷустуҷӯйӣ шахсоне ошкор мешаванд, ки чун муаллиф гумонбар мешаванд, маводҳо барои айнияткунии муаллифи ҳуҷҷати беном интихоб карда мешаванд.

Ба намунаҳое, ки барои тадқиқи муқоисавӣ пешниҳод карда мешаванд, талаботҳои муайян маҷуд аст: ҳаҷм, пайдоиш (замина), вақти иҷроиш ва мавзӯъ.

---

[308] Винберг Л. А. Шванкова М. В. Почерковедческая экспертиза. Волгоград-1977.

Ҳаҷм то панҷ саҳифаи чопӣ ва то даҳ саҳифаи дастнавис тавсия дода мешавад. Вале ба сифати намунаҳо, инъикоси хусусиятҳои малакаи нависандагии муаллиф диққати махсусро бояд дод.

Ҳусни хат ва нутқи хаттӣ шакли томро ифода мекунанд, онҳо дар раванди омӯзиши хат ташаккул меёбанд, ки асосҳои психофизиологиашон ҷудонашаванда мебошад.

Аломатҳои ҳусни хат чун хусусиятҳои малакаи хаттӣ устувор, вариатсионӣ ва фардӣ мебошанд.

Устувор∏ии ҳусни хат хислати нисбатан доимии малакаи хаттӣ -ҳаракатии шахсияти муайян аст, ки бо стереотипи динамикии ташаккулёфта асоснок карда шудааст. Устувории ҳусни хатро криминалистон дар инкишоф ва тағйирёбии он мефаҳманд, бинобар ин, он фақат дар пораҳои муайян дида баромада мешавад, ки тахминан оид ба вақти навиштани ҳуҷҷат маълумот дода метавонад[309].

Ҳусни хатти вариатсионӣ – ин натиҷаи аксуламали организм ба шароитҳои тағйирёбандаи навиштани ҳуҷҷат мебошад. Онҳо ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ мешаванд. Объективӣ он ҳусни хатте ба шумор меравад, ки ба ирода ва тафаккури иҷрокунандаи ҳуҷҷат, масалан, намуди асбоби нависанда ё хислати равшанидиҳӣ вобаста нест. Субъективӣ ба ирода ва тафаккури иҷрокунанда вобаста буда, метавонанд барқасдона ва беихтиёрона бошад.

Тағйиротҳои беихтиёронаи ҳусни хат ҳангоми навиштани ҳуҷҷат бо муқарраротᲐи мақсаднок ба вуҷуд меоянд. Масалан, дар як ҳолат иҷрокунанда матнро пурра, "хушрӯ", хоно, дар дигар ҳолат сарсарӣ , нохоно, нофаҳм менависад. Чунин тағйиротҳои ҳусни хат метавонанд дар натиҷаи навиштани ҳуҷҷат дар ҳолати ғайримуқаррарии организм бошанд, масалан, ҳолати мастӣ , таъсири доруҳо ё нашъа ба организм, дард, тарс ва ғайра.

Ҳусни хатти вариатсионӣ ба айнияткунии иҷрокунандаи матн монеа эҷод намекунад, агар муфаттиш онро ҳангоми интихоби намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ интихоб кунад.

Фардияти ҳусни хат ин маҷмӯи хусусиятҳои низоми ҳаракатҳо ҳангоми иҷрои аломатҳои хаттӣ аз ҷониби шахси муайян мебошад. Фардият дар мактаббача аз соли чоруми таҳсил пайдо мешавад. Ин раванд баъди хатми мактаб низ идома меёбад, вай аз ҳаҷм ва хислати таҷрибаи ҳусни хат вобаста аст.

Хислатҳои сифатӣ -миқдории ҳусни хат ба топографӣ , умумӣ ва шахсӣ ҷудо мешаванд.

Нишонаҳои топографии ҳусни хат- ин тарзи маъмулии ҷой кардани матн ва қисмҳои он аз ҷониби иҷрокунандаи он мебошад. Он дар инсон дар натиҷаи пайдо шудани таҷрибаи навиштан зоҳир гардида, ташаккул меёбад. Нависандаи матн одатан фикр намекунад, ки чӣ гуна матнро дар варақ ҷойгир кунад, вай ин корро ба таври механикӣ анҷом медиҳад. Нишонаҳои топографии ҳусни хат ҳангоми тадқиқи матнҳои дастнависи нодурусткардашуда муҳим мебошанд.

Ба нишонаҳои топографӣ дохил мешаванд: ҳошияи фосила аз чор зеҳи варақи коғаз. Аз нуқтаи назари мавҷудияташон, вуҷуд надоштанашон ва андозаашон (калон, миёна, хурд) ва шаклашон ҳамвор, ноҳамвор, тангшаванда ё ба поён васеъшаванда арзёбӣ мегарданд. Ба миёнаашон ҳошияҳо бо андозаи аз 25 то 35 мм дохил мешаванд.

Матн мумкин аст, бидуни тақсимот ба сархатҳо, бо ҷудокунӣ , вале бидуни фосила барои сархат, бо ҷудокунӣ ба сархат ва фосила иҷро карда шавад.

Одатан матн дар варақ ба таври уфуқӣ , бароянда ва фароянда мешавад.

Бо шаклашон онҳо рост, барҷаста, каҷ, нисбат ба варақи хатдор бошад, дар болои хат, дар хат ва риоя накардани хат инъикос меёбанд.

---

309 Сорокина . Л.О. Криминалистика. М-2010.

Аз сатр ба сатр гузарониданро на ҳама иҷрокунандаҳо дуруст иҷро мекунанд. Ҳангоми набудани он иҷрокунандагон сатрро то охир наменависанд ва ба дигараш мегузаранд ё ҳарфҳоро ғафс навишта сатрро болову поён мекунанд. Ҳангоми аз сатр ба сатр гузаронидан аломатҳо метавонанд дар андозаи як ё ду хатчаи андозаашон калон, миёна ё хурд, дар шакли рост, пачақшуда ё барҷаста бошанд. Дар муносибат ба уфуқият онҳо уфуқӣ , бароварда ва фароварда мешаванд.

Фосилаҳо байни калимаҳо калон, миёна ва хурд, ҳамвор ва ноҳамвор мешаванд. Ба миёна онҳое дохил мешаванд, ки байни калимаҳо як ҳарфи серахдор ҷойгир мешавад (ш, т, ж).

Гузоштани ҳарф ё калимаи партофташуда бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад: ишора дар шакли рақами римии панҷ (аломати қайд), ки дар болояш матн навишта мешавад; ба гирди матн хат кашидан ва бо ақрабак ишора кардан, ки дар он бояд гузошт; бо аломати шартӣ дар матн, бо баровардани он ба ҳошия ишора кардани ҷое, ки ҷумла гузошта мешавад.

Ҳолати рақамгузории саҳифаи матн аз тарафи чап ё мобайни ҳошияи боло ё поёни матн амалӣ карда мешавад. Нишонаҳои топографии хат якҷоя бо аломатҳои ҳусни хат истифода карда мешаванд. Аломатҳои ҳусни хат, ки онро пурра тавсиф мекунанд, ба чунин намудҳо тақсим карда мешавад:

Ҳусни хатти коркардшуда, яъне дараҷаи бо техникаи хат кор кардани шахсро ифода мекунад. Бо дараҷаи коркардшуда ҳусни хатти камкоркардшуда, миёнакоркардшуда ва баландкоркардшударо ҷудо мекунанд.

Ҳусни хатти камкоркардшуда нобоварӣ ва номувофиқатии ҳаракатҳои дасти шахси нависандаро ифода мекунад. Дастнавис номавзуну номураттаб, ҳарфҳоро менависад, ки аз хатти стандартӣ хеле фарқ мекунанд.

Ҳусни хати миёнакоркардшуда суръати маъмулии хат ва чунин мутобиқии ҳаракатро дорад: ҳарфҳои алоҳида ва таркибҳои номураккаб дар калимаҳо ба таври автоматӣ иҷро карда мешаванд, вариатсияҳо дар тарзҳои навиштани аломатҳои хаттӣ пайдо мешаванд.

Ҳусни хатти баландкоркардшуда бо автоматизм ва мувофиқатии ҳаракатҳо фарқ мекунад. Дар он, аз як тараф, бисёрҷанбагии ҳарф дар вобастагӣ ба ҷой дар калима ва ифодаҳо, аз тарафи дигар, бо як тарз навиштани ҳарфҳои гуногун мушоҳида карда мешавад[310].

Навъи умумии (сохти) ҳусни хат одӣ, содакардашуда ва мураккабкардашуда (серороиш) буда метавонад.

Навъи ҳусни хат он вақт одӣ шуморида мешавад, ки низоми ҳаракатҳо оид ба иҷроиши унсурҳои аломатҳои хат, ҳарфҳо ва калимаҳо ба тарзи навишти талаба наздик аст.

Ҳангоми ҳусни хатти содакардашуда аксарияти аломатҳои хат бо ҳаракати тез иҷро мешаванд. Ин, одатан, ҳусни хатти хуб коркардшудаи (“тези”) аст, хонданаш мушкил мебошад.

Ҳусни хатти мураккабкардашуда бо ҳаракатҳои зиёдатӣ ҳангоми иҷро ва пайваст кардани аломатҳои хат тавсиф карда мешавад. Мураккабиҳо аксаран ба ҳарфҳои калон барои ороиши онҳо ворид карда мешаванд.

Самти умумии ҳаракатҳо чапдаврӣ (муқобили ақрабаки соат), ба ростдаврӣ , ростхат ва омехта мешавад. Дар вобастагӣ ба бартарияти ин ё он ҳаракат ҳусни хат чапдаврӣ , кунҷӣ (бо афзалияти ҳаракатҳои ростхат), ростдаврӣ ва омехта мешавад. Дар мамлакати мо бештар ҳусни хат чапдаврӣ мебошад[311].

---

[310] Юшкова Т.А., «Экономика и социум» №12(31) М-2016

[311] Криминалистика: Учебник / Отв. ред. Н.П. Яблоков. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2001. – 718 с.

Андоза. Бо дарозии унсурҳои сатрӣ ҳусни хат хурд (то 2 мм), миёна (аз 2 то 5 мм) ва калон (5 мм ва аз он зиёд) мешавад.

Бо хамӣ ҳусни хат ба ростхамшуда, рост, ба чапхамшуда ва омехта ҷудо мешавад. Ҳусни хатти рост ҳамон аст, ки хамии кунҷи хатҳои асосӣ то 85-95 дараҷа баробар мебошад. Ҳусни хатти омехтаро низ вохӯрдан мумкин аст. Дар мамлакати мо аксаран ҳусни хатти ба ростхамшуда роиҷ мебошад.

Масофаи ҳусни хат бо мутаносибии баландии аломатҳои хат ва васеъгии онҳо фарқмекунад. Ҳусни хат зич, миёна ва фарох мешавад. Агар баландии ҳарфҳои серахдор (ҳарфҳои калони т, ш, ж) аз васеъгиашон калон бошад, он гоҳ ҳусни хат зич шуморида мешавад. Ҳангоми баробарии баландӣ ва васеъгӣ ҳусни хат миёна, агар баландии ин ҳарфҳо аз васеъгиаш он хурд бошад, он гоҳ фарох шуморида мешавад[312].

Фасоҳати ҳусни хат бо шумораи ҳарфҳо, ки бе кандани ручка аз коғаз навишта шудаанд, муайян карда мешавад. Ҳусни хат фасоҳатнок, миёна ва гусаста (ҷудо-ҷудо) мешавад. Фасоҳатнок он ҳусни хат шуморида мешавад, ки бо як ҳаракати ҷудонашаванда навишани панҷ ё зиёда ҳарф, миёна – се-чор ҳарф, гусаста – ҳар як ҳарф алоҳида навишта мешавад, ба пайвастагӣ бо дигар калимаҳо ё аз ду ҳарф зиёд пайваст намешавад.

Фишор дар ҳусни хат мутаносибии васеъгии хатҳои асосӣ ва пайвасткунанда, инчунин дараҷаи пахш кардани онҳоро муайян мекунад. Бо ин аломат ҳусни хат ба дорандаи:

- фишори сахт (васеъгии хатти асосӣ зиёда аз 1 мм);
- фишори миёна (васеъгии ин хат зиёда аз 1 мм, вале аз пайвасткунанда зиёд аст);
- фишори паст (хатҳои асосии пайвасткунанда бо васеъгӣ тақрибан якхела аст, на кам аз 0,5мм);
- фишори нозук (хатҳои асосии пайвасткунанда бо васеъии аз 0,5мм кам).

Ҳусни хатро бо дараҷаи пахшкунӣ ҷудо мекунанд: сахт, агар пахшкунӣ дар зиёда аз ду саҳифаи минбаъда; миёна дар саҳифаи минбаъда; суст фақат дар тарафи чаппаи варақ мушоҳида карда шавад[313].

Нишонаҳои умумӣ аҳаммияти гурӯҳӣ доранд. Онҳо монандӣ ё фарқияти ҳусни хатро дар ҳуҷҷати таҳқиқшаванда ва намунаҳо муайян карда, дар ҷудо кардани маводи муқоисашаванда барои таҳлили аломатҳои зуд такроршавандаи ҳусни хат истифода карда мешаванд.

Аломатҳои зуд такроршавандаи ҳусни хат– ин маҷмӯи малакаҳои хат, ки дар тарзҳои иҷроиш ва алоқаи аломатҳои хат, унсурҳои онҳо, инчунин дар ҷойгиршавии аломатҳои хат ва унсурҳои нисбати якдигар инъикос меёбанд.

Аломатҳои зуд такроршаванда дар ҳар унсурҳо (хатҳо) қарор дошта метавонанд: аввалӣ ва охирӣ , асосӣ ва пайвасткунанда, байзашакл ва нимбайзашакл, болоисатрӣ ва поёнисатрӣ , бо ҳаракатҳои оваранда ва баранда, чапдавраӣ ва ростдавраӣ иҷрокунанда, байни худ пайвастшаванда бо пайдоиши ҳалқа, кунҷӣ будан, бо роҳи ҳамроҳ шудан.

Ҳамаи гуногунии аломатҳои зуд такроршаванда ба чор гурӯҳ тасниф карда мешаванд:

1) Хусусиятҳои самти ҳаракат ҳангоми иҷрои аломатҳои хат ва унсурҳои он .
2) Хусусиятҳои пайваст кардани аломатҳои хат ва унсурҳои он.
3) Хусусиятҳои мутаносибии аломатҳои хат ва унсурҳои он бо андоза, хамӣ ва масофа.

---

[312] Федосеева В.Б., Золотова Т.Н. Основные правила подготовки материалов для производства судебно-почерковедческой экспертизы. М., 1980.

[313] Криминалистика: Учебник / Отв. ред. Н.П. Яблоков. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2001. – 718 с.

4) Ҳолати нуқтаҳои аввал ва охири хатҳои аломатҳои хат ва тарзҳои иҷроиши онҳо[314].

Аҳаммияти айнияткунии аломатҳои зуд такроршаванда ба вохӯрдани он дар ҳусни хатти дигарон, ки бо забони ҳуҷҷати тадқиқшаванда навишта шудаанд, вобаста мебошанд. Чи қадаре ки кам вохӯрем, ҳамон қадар арзиши ин аломат ҳангоми муқаррар кардани иҷрокунанда баланд аст.

Айниятии иҷрокунанда дар натиҷаи таҳлили муқоисавии ҳамаи аломатҳои ҳусни хат дар ҳуҷҷати тадқиқшаванда ва намунаҳо, ки нотакрории онҳо на танҳо дар асоси дониши махсуси коршинос, балки бо роҳи истифодаи маълумотҳои математикӣ дар бораи аҳаммиятнокии аломатҳои алоҳида ва маҷмӯи онҳо дар умум ошкор карда мешаванд.

Ҳамин тавр, роҳҳои асосии истифодаи усулҳои хатшиносии криминалистикӣ – ин муқаррар кардани муаллифон ва иҷрокунандагони ҳуҷҷатҳои беном, инчунин ҳуҷҷатҳои қалбакӣ мебошад, ки дар содир кардани ҷиноят ва кофтукови ҷинояткорон бо навиштаҷоте, ки онҳо дар ҷойи ҳодиса гузоштаанд ва дар ҳуҷҷатхои парвандаи ҷиноятӣ имзо кардаанд.

[314] Криминалистика: Учебник / Под ред. Е.П. Ищенко. – М.: Юристъ, 2000. - 751 с.

# ВЫМОГАТЕЛЬСТВО В УГОЛОВНЫХ КОДЕКСАХ ЕВРОПЕЙСКИХ ГОСУДАРСТВ, ЯПОНИИ И КИТАЯ

**Раджабов К. Д.**
ассистент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета

Предмет сравнительного правоведения в сфере уголовного права почти полностью совпадает с предметом науки уголовного права. Если при их исследовании и встречается с каким-либо различием, то оно определяется, прежде всего, спецификой отдельных правовых институтов или деяний, признаваемых преступными в некоторых правовых системах.

Однако ценность сравнительного правоведения как раз и заключается в том, чтобы выявить разного рода нюансы в законодательном регулировании уголовно-правовых отношений, специфику тех или иных юридических категорий, своеобразие правовых дефиниций, сравнить смысл, вкладываемый законодателями различных государств в определенный срок.

В Уголовное право зарубежных государств (Особенная часть)[315] и в модельном уголовном кодексе норма о вымогательстве была сформулирована следующим- образом: «Вымогательство, то есть требование передачи чужого имущества или права на имущество, либо совершения других действий имущественного характера под угрозой оглашения позорящих сведений о лице или его близких, предания гласности сведений о таких обстоятельствах, которые потерпевший желает сохранить в тайне, а равно под угрозой применения насилия над лицом или его близкими либо под угрозой уничтожения (повреждения) имущества лица, его близких и других лиц, в ведении или под охраной которых находится это имущество»[316].

Уголовное законодательство Дании предусматривает ответственность за вымогательство в главе 28 «Стяжательскими преступления». Так, в статье 281 УК Дании указано - «Любое лицо, которое:

а) с целью получения для себя или для других лиц незаконной выгоды угрожает любой другому лицу насилием, значительным повреждением товаров или лишением свободы, тем, что выдвинет ложное обвинение в совершении наказуемого деяния или в недостойном поведении, раскрытием вопросов, касающихся его личной жизнь;

б) угрожает любой другому лицу тем, что выдвинет ложное обвинение в совершении наказуемого деяния или в недостойном поведении с целью получения для себя или для других лиц выгоды, которая не была подтверждена действием, что было причиной угрозы; признается, если случай не охватывается статьей 288 настоящего Закона, виновным в вымогательстве»[317].

Здесь отметим, что в статье 288 УК Дании устанавливается уголовная ответственность за грабеж. При сравнении статьей 281 УК Дании с положениями отечественного уголовного законодательства следует отметить, что они как сходные черты, так и различия. Изложения текста статьи более казуистическим в датском УК, из-за чего норма, более простая по структуре, воспринимается с трудом. К признакам вымогательства, установленных в статьей 281 УК Дании, следует отнести:

а) действия - угроза насилием, лишением свободы, значительным повреждением товаров, обвинению в преступлении, разглашением сведений частной жизни;

б) цель преступления - получение незаконной выгоды.

---

[315] Цит. по: Уголовное право зарубежных государств. Особенная часть. / Нод ред. И.Д. Козочкина. - М., 2004. Автор главы В.Н. Еремин. С.483.

[316] Модельный уголовный кодекс для государств - участников СНГ // Правоведение. 1996. №1. С. 122.

[317] Уголовный кодекс Дании //Науч. ред. И предисл .С.С. Беляева, канд. юрид. Наук (МГУ им . М. В.Ломоносова).

В уголовном законодательстве Швеции ответственность за вымогательство устанавливается в статье 4 (в Уголовном кодексе Швеции статьи не имеют названий). Эта статья находится в разделе 9 «О мошенничестве и прочее нечестное завладение». Содержание этой статьи является следующим: «Лицо, путем незаконного принуждения заставляет кого-нибудь выполнить или не выполнить любые действия, которые будут выгодны для лица, совершившего преступление, и нанесут вред принуждаемый лицу или для того, кого она представляет, имеет быть осужден за вымогательство, если только преступление не является грабеж или тяжелым грабеж, к заключению на срок не более двух лет, или если это преступление является малозначительным, то к штрафу. Если преступление является тяжким, то заключение назначается на срок не менее шести месяцев и не более шести лет»[318].

Как мы видим, шведское законодательство не выделяет в структуре данной статьи диспозицию и санкцию, что мы считаем определенным недостатком. Внимание законодателя, главным образом, было уделено вопросу определения наказания лицу, совершающему вымогательства, чем определению признаков самого деяния. Под действием шведский законодатель предлагает понимать склонение к совершению действий или бездействия. Уголовное законодательство Польши также содержит статью, которой предусматривается ответственность за вымогательство - ст. 282. Эта статья размещена в разделе XXXV УК Польши - "Кто с целью получения имущественной выгоды насилием, угрозой посягательство на жизнь или здоровье или насильственного посягательства на имущество заставляет другое лицо распорядиться собственным или чужим имуществом или прекратить хозяйственную деятельность, подлежит наказанию»[319].

Польской законодатель определяет общественно опасное деяние как принуждение к распоряжению имуществом или прекращения хозяйственной деятельности. Способ совершения преступления усматривается как насилие, угроза насилием или посягательством на имущество. Специфической чертой польской нормы является установление в качестве обязательного признака «цели преступления» - «с целью получения имущественной выгоды».

В Уголовный кодекс Швейцарии присутствует статья 156 «Вымогательство», которая размещена во второй главе Особенной части «Преступные деяния против имущества». Она имеет следующее содержание: «Кто с целью незаконного личного обогащения или чтобы обогатить другого, применяя насилие и угрожая серьезным ущербом, заставляет любого к поведению, в результате которого вызывается имущественный вред потерпевшему или другому лицу, разрывается каторжным тюрьмой на срок до пяти лет или заключенных заключением»[320].

Следует сказать, что в Японском уголовном законодательстве также присутствует статья, с помощью которой устанавливается уголовная ответственность за вымогательство (ст. 249 вымогательство). «Тот, кто путем вымогательства заставил другое лицо к передаче имущества, наказывается лишением свободы с принудительным физическим трудом на срок до десяти лет.

Так же наказывается тот, кто, таким образом, указанный в предыдущей части, получил незаконную имущественную выгоду для себя или для другого лица»[321]. В комментариях статья 249 Уголовный кодекс Японии говорится, что «под вымогательством имеется в виду предупреждение о причинении лицу ущерба, достаточное для того, чтобы вызвать у этого

[318] Уголовный кодекс Швеции / Науч .ред проф.Н.Ф.Кузнецова канд. юрид. Наук С.С. Беляев; пер. на рус. Язык С.С. Беляева. СП Юридический центр Пресс, 2001.- 320с.

[319]Уголовный кодекс Республики Польша. Науч. ред. канд. юрид. наук, доц .А.И. Лукашов, докт. юрид. наук, проф. Н.Ф. Кузнецова; вступление. Статья кандидата. юрид. наук, доц. А.И. Лукашо, канд. юрид. наук, проф. Э.А. Саркисовой; пер с польск. Д.А. Барилович. СПб.: Юридический центр Пресс 2001.-234с

[320]Уголовный кодекс Швейцарии Науч.ред., предисл. и пер.с немецк .канд. юрид. наук А. В. Серебренникова.- СПб.: Юридический центр Пресс, 2002.-350с.

[321]Уголовный кодекс Японии Науч. ред. и предисл. докт. юрид. наук, проф. А.И. Коробеев. СПб.: Юридический центр Пресс, 2002.-226 с.

лица страх, причем это понятие включает не только угрозу, но и насилие. Передача имущества совершается в соответствии с деформированной волей передающей имущество стороны, и в том случае, если угрозы или насилие применяются для преодоления ее воли, квалифицируются не передача, а отобрание и образуется состав разбоя»... «Если сравнивать угрозы при вымогательстве и при разбое, то они отличаются по своей степени, но не только этим: сущностное отличие вымогательства от разбоя состоит и в том, что при вымогательстве лицо побуждают к передаче или предоставлению имущества либо иных имущественных выгод по своей воле, хотя и под принуждением»[322].

С точки зрения Рижкова И.Д., вымогательство по уголовному праву Японии является способом (включающим угрозы и насилие) деформации воли потерпевшего, воздействия на его психику до такого предела, что потерпевший передает имущество вымогателю либо предоставляет имущественную выгоду. Данное положение заслуживает внимания, поскольку позволяет правильно понять субъективную и объективную сущность деяния. Вымогатель воздействует на психическую сферу личности и полностью подчиняет ее своей воле[323].

В новом уголовном законе Китая норма о вымогательстве (ст. 274 УК)[324] [325] расположена в главе «Преступления против имущества». В литературе обращено внимание на то, что данный состав расположен между составами, не являющимися хищением: использование не по назначению средств, предназначенных для помощи во время стихийных бедствий и для оказания иной помощи (ст.273 УК) и умышленным уничтожением имущества (ст. 275). Соответственно высказывается мнение о том, что китайский законодатель не признает вымогательство формой хищения.

Следует отметить, что в УК КНР не раскрывается понятия вымогательства. В УК в главе, посвященной имущественным преступлениям, различаются такие формы хищений, как кража, грабеж (в том числе и вооруженное ограбление, и ограбление, приведшее к увечью или смерти), мошенничество, присвоение, растрата средств не по назначению. В прежней редакции УК КНР выделялся также разбой.

С нашей точки зрения, преступление, предусмотренное ст. 273 УК КНР «Использование не по назначению средств, предназначенных для помощи во время стихийных бедствий и для оказания иной помощи» является видо растраты, поскольку между правомерным владением и незаконным распоряжением отсутствует какой-либо промежуток времени, в течение которого виновный незаконно владеет этим имуществом. То есть данное деяние является хищением в соответствии с понятием хищения, выработанным российскими учеными. Поэтому, по нашему мнению, в данном случае вряд ли целесообразно указывать на промежуточное положение вымогательства. Скорее можно говорить о том, что оно замыкает группу хищений, либо о том, что с вымогательства начинаются иные преступления против собственности, не являющиеся хищениями. Стоит отметить, что следующие за ним преступления не отличаются корыстным мотивом. Вымогательство, таким образом, завершает группу корыстных имущественных преступлений.

Статья 274 УК КНР предусматривает ответственность за вымогательство путем шантажа государственного или частного имущества в сравнительно крупном размере. Квалифицированный состав вымогательства образуется, если то же деяние совершается в крупном размере или при иных отягчающих обстоятельствах. Исходя из изложенной диспозиции, остается неясным момент окончания данного преступления. Но мы полагаем, что вымога-

---

[322] Цит. по: Уголовное право зарубежных государств. Особенная часть. / Под ред. И.Д. Козочкина. - М., 2004. Автор главы В.Н. Еремин. С.483.

[323] Рижкова И.Д. Вымогательство: теоретико-правовой анализ и криминологическая характеристика. Дис. ... канд. юрид. наук. М.: Моск.. 2008. С 66

[324] Уголовный кодекс Китайской Народной Республики. - СПб., 2002. С. 184-185. Лобачевский И.Л. Указ соч.

[325] Там же. С. 19.

тельство в уголовном праве Китая стоит все же ближе к хищениям, чем к иным корыстным имущественным преступлениям.

**Литература**:


1. Уголовное право зарубежных государств. Особенная часть. / Нод ред. И.Д. Козочкина. - М., 2004. Автор главы В.Н. Еремин. С.483.
2. Модельный уголовный кодекс для государств - участников СНГ // Правоведение. 1996. №1. С. 122.
3. Уголовный кодекс Дании //Науч. ред. И предисл .С.С. Беляева, канд. юрид. Наук (МГУ им . М. В.Ломоносова).
4. Уголовный кодекс Швеции / Науч .ред проф.Н.Ф.Кузнецова канд. юрид. Наук С.С. Беляев; пер. на рус. Язык С.С. Беляева. СП Юридический центр Пресс, 2001.- 320с.
5. Уголовный кодекс Республики Польша. Науч. ред. канд. юрид. наук, доц .А.И. Лукашов, докт. юрид. наук, проф. Н.Ф. Кузнецова; вступление. Статья кандидата. юрид. наук, доц. А.И. Лукашо, канд. юрид. наук, проф. Э.А. Саркисовой; пер с польск. Д.А. Барилович. СПб.: Юридический центр Пресс 2001.-234с
6. Уголовный кодекс Швейцарии Науч.ред., предисл. и пер.с немецк .канд. юрид. наук А. В. Серебренникова.-СПб.: Юридический центр Пресс, 2002.-350с.
7. Уголовный кодекс Японии Науч. ред. и предисл. докт. юрид. наук, проф. А.И. Коробеев. СПб.: Юридический центр Пресс, 2002.-226 с.
8. Уголовное право зарубежных государств. Особенная часть. / Под ред. И.Д. Козочкина. - М., 2004. Автор главы В.Н. Еремин. С.483.
9. Рижкова И.Д. Вымогательство: теоретико-правовой анализ и криминологическая характеристика. Дис. ... канд. юрид. наук. М.: Моск.. 2008. С 66
10. Уголовный кодекс Китайской Народной Республики. - СПб., 2002. С. 184-185. Лобачевский И.Л.

# БАЪЗЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ ҲАМЛУ НАҚЛИ БОР ТАВАССУТИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН

**Қудбудинов Фазлиддин Шарифович.**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳуқуқ чун зуҳуроти томи бонизому муташаккил метавонад аз паҳлуҳои мухталиф омӯхта шавад. Яке аз онҳо тафовути ҳуқуқи оммавӣ аз хусусӣ, таносуб ва алоқамандии мутақобилаи онҳо мебошад (ки онро дар доираи муносибатҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан баррасӣ мекунем). Ин тафовут бошад, ҳам дар ҷиҳати дарки ҳуқуқӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқэҷодкуниву ҳуқуқтатбиқнамоӣ эҳсос карда мешавад.

Айни замон ҷараёни ба ҳам якҷояшавӣ мутақобилаи меъёрҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасад ва ё баръакс[326]. Дар натиҷа, баъзе принсипҳои ҳуқуқи гражданӣ (яъне принсипи озодии бастани шартномаҳо) ба маҳдудиятҳо дучор мегарданд. Вобаста ба асоси бастани шартномаҳо хамаи онҳоро ба шартномаҳои озод ва ҳатмӣ тақсим менамоянд. Шартномаҳои озод чунин шартномаҳое мебошанд, ки бастани онҳо пурра аз хоҳиши тарафҳо вобастагӣ дорад. Бастани шартномаи ҳатмӣ бошад, ба як ё ҳар ду тараф ҳатмӣ мебошад[327]. Қисми зиёди шартномаҳо озод мебошанд. Онҳо бо хоҳиши тарафҳо баста мешаванд, ки ин ба талаботҳои инкишофи иқтисоди бозоргонӣ ҷавоб аст. Лекин дар шароитҳои ҷамъиятӣ аз ҷиҳати иқтисодии мутараққӣ шартномаҳои ҳатмӣ низ вомехӯранд.

Байни шартномаҳои ҳатмӣ мавқеи муҳимро шартномаҳои оммавӣ ишғол менамоянд. Бори аввал дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) шартномаи оммавӣ дар м. 458 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки мувофиқи он шартномаи оммавӣ шартномае мебошад, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ баста шуда, дар он уҳдадории ташкилот дар мавриди фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки чунин ташкилот мувофиқи хусусиятҳои фаъолияташ бояд нисбати ҳар муроҷиаткунанда анҷом диҳад (савдои чакана, мусофиркашонӣ дар нақлиёти истифодаи умум, хизматрассонии алоқа, таъминоти барқ, хизматрасонии тиббӣ, меҳмонхонаҳо ва ғайра)[328].

Дар сурати мавҷудияти шартҳои зерин шартномаи боркашонӣ шартномаи оммавӣ мебошад:

**1)** агар ҳамлу нақл аз ҷониби ташкилоти тиҷоратие анҷом ёбад, ки ҳамлу нақлро тавассути нақлиёти истифодаи умум амалӣ менамояд;

**2)** агар аз қонун, санадҳои дигари қонунӣ ё иҷозатномаи ба ин ташкилот додашуда чунин хулоса бароюд, ки ин ташкилот вазифадор аст ҳамлу нақли борро тибқи муроҷиати ҳар як шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ иҷро мекунад[329].

Ҳамаи ин ба нақлиётии роҳи оҳан хос аст, зеро яке аз хусусиятҳои хоси нақлиёти роҳи оҳан ин маҳдудкунии озодии шатномавӣ мебошад. Аммо, агар дар даврони шӯравӣ уҳдадории бастани чунин намуди шартнома аз нақшаи давлатии ҳамлу нақли роҳи оҳан бармеомад, ки маҳдудкунии доираи амали шартномаи ҳамлу нақлро ме-

---

[326] Бублик В.А. Правовое регулирование предпринимательства: частные и публичные начала //Хозяйство и право. 2000. - №9. - С.22; Рубцова Н.В. Соотношение публично-правовых и частноправовых элементов в предпринимательских договорах //Вестн. Омск. ун-та. Серия «Право». 2013. - №3. - С.116–117.

[327] Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми I //Зери таҳрири Маҳмудов М.А. Душанбе: «ЭР-граф», 2007. - С.338-339.

[328] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200;

[329] Ғафуров А.Д., Бадалов Ш.К., Сафаров Д.С., Сафаров А.И. Ҳуқуқи нақлиёт. Китоби дарсӣ. – Душанбе: 2012. – С.

фаҳмонид ва аввали солҳои 30-юми асри XX буд, айни замон бошад чунин маҳдудкунии шартномавӣ ин боиси он аст, ки фаъолият оид ба ҳамлу нақл дар роҳи оҳан аз рӯи моҳияти худ барои гирифтани фоида равона карда шудааст, яъне фаъолияти соҳибкорӣ мебошад[330].

Маҳз барои ҳамин, ки ин муносибатҳо ба манфиати танҳо як тараф бо вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои тарафи дигар (истифодабарандагони воситаҳои нақлиётии роҳи оҳан) ташаккул наёбанд, унсурҳои оммавӣ – ҳуқуқӣ зарур мебошанд, бояд дар меъёри ин шартнома мустаҳкам карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар моддаи 809 КГ ҶТ омадааст, ки шартномаи ҳамлу нақл дар алоқаи мустақим шартномаи оммавӣ мебошад[331]. Ин маънои онро дорад, ки чунин шартнома таҳти реҷаи махсусе қарор мегирад, ки тарафи аз ҷиҳати иқтисоди бартарӣ дошта, аллакай имконияти такя карданро ба принсипҳои умумии ҳуқуқи гражданӣ надорад, аз ҷумла ба принсипҳои озодии шартнома ва баробарҳуқуқии тарафҳо.

Мафҳуми шартномаи оммавиро КГ ҶТ пешбинӣ намудааст. Дар моддаи 458 омадааст, ки шартномаи оммавӣ шартномае мебошад, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ баста шуда, дар он уҳдадории ташкилот дар мавриди фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки чунин ташкилот мувофиқи хусусиятҳои фаъолияташ бояд нисбати ҳар мурочиаткунанда анҷом диҳад (савдои чакана, мусофиркашонӣ дар нақлиёти истифодаи умум, хизматрасонии алоқа, таъминоти барқ, хизматрасонии тиббӣ, меҳмонхонаҳо ва ғайра) муайян гардидааст. Аз мафҳуми зикршуда чунин хусусиятҳои шартномаҳои оммавиро муайян намудан мумкин аст:

**1)** тарафи шартнома, ки уҳдадор аст шартномаро ба амал барорад, ташкилоти тиҷоратӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ мебошад;

**2)** ин ташкилоти тиҷоратӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ бояд фаъолиятро нисбат ба савдои чакана, мусофиркашонӣ дар нақлиёти истифодаи умум, хизматрасонии алоқа, таъминоти барқ, хизматрасонии тиббӣ, меҳмонхонаҳо ва ғайра ба роҳ монад;

**3)** фаъолиятҳои дар боло зикршуда бояд нисбати ҳар як шахсе, ки ба ин ташкилоти тиҷоратӣ муроҷиат мекунад, ба амал бароварда шавад;

**4)** предмети шартномаро фаъолияти ташкилоти тиҷоратӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ ташкил медиҳад[332].

Дар мавриди ҳамлу накди бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан сухан аз мавзӯи фаъолияти роҳи оҳан ҳамчун ташкилоти нақлиётӣ меравад. Нақлиёти роҳи оҳан дар уҳдадории ҳамлу нақл ба сифати чунин ташкилоте баромад менамояд, ки аз ҷиҳати ташкилӣ-ҳуқуқӣ корхонаи воҳиди давлатӣ мебошад. Идоракунии соҳавии роҳи оҳан бевосита аз ҷониби Вазорати нақлиёти ҶТ ба амал оварда мешавад.

Аз мазмуни моддаи 458 КГ ҶТ бармеояд, ки ҳангоми бастани шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан, интиқолдиҳанда набояд ба яке аз истифодабарандагони нақлиёти роҳи оҳан афзалият диҳад, нархи хизматрасонии нақлиётӣ бояд барои ҳамаи истеъмолкунандагон баробар бошад. Ба ғайр аз ин, интиқолдиҳанда наметавонад бастани шартномаи ҳамлу нақлро рад кунад. Беш аз ин, истифодабарандаи воситаи нақлиётии роҳи оҳан дар ҳолати ради беасос дар бастани шартнома ҳуқуқ дорад дар бораи маҷбуркунии интиқолдиҳанда ба бастани он ва ҷуброни зарарҳои дар натиҷаи чунин радкунӣ расонидашуда талабот пешниҳод кунад.

---

[330] Алексеев С.С. О структурно-сложных правоотношениях (на материалах правового регулирования отношений по железнодорожной перевозке грузов) //Избранное. М.: Статут, 2003. - С.4.

[331] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Қисми II (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 323; соли 2002, № 4, қисми 1, мод. 170; соли 2006, №4, мод.194; соли 2009, №12, мод.821; с.2010, №7, мод.540; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с., №849, ҚҶТ аз 22.07.2013с. №977).

[332] Алексеев С.С. О структурно-сложных правоотношениях (на материалах правового регулирования отношений по железнодорожной перевозке грузов) //Избранное. М.: Статут, 2003. - С.4.

Дар оинномаи амалкунанда бори аввалин истилоҳи «рад кардан дар мувофиқакунии дархост барои ҳамлу нақли бор» пайдо гардид. Се намуди асосҳоро барои ради ҳамлунақлкунанда дар мувофиқакунии дархост метавон ҷудо кард:

1) радкунӣ бо «сабабҳои расмӣ»;

2) радкунӣ бо сабаби мувофиқа нашудан бо соҳиби инфрасохтор;

3) қисман мувофиқа гардидани дархост, яъне рад кардани бастани шартнома ва оферта бо шартҳои нав. Қоидаҳо имкониятҳои интиқолдиҳанда ва соҳиби инфрасохторро на танҳо барои рад кардани қабули дархост, балки «қисман мувофиқа намудани дархост» пешбинӣ мекунанд. Аз рӯи моҳият «қисман мувофиқакунии» дархост аз ҷониби интиқолдиҳанда, мувофиқи меъёри моддаи 475 КГ ҶТ рад кардани аксепт мебошад ва ҳамзамон оферта бо шатҳои навро ба миён меорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи вориди асосҳо барои рад кардан дар мувофиқакунии дархост фикру мулоҳизаҳои танқидӣ оварда шудаанд. В.В. Витрянский қайд мекунад: «…васеъ кардани доираи асосҳои дар сатҳи қонунгузорӣ муқарраргардида нисбати рад кардан ба борфиристанда дар қонеъ гардонидани дархостҳои онҳо барои ҳамлу нақли бор ба рушди гардиши амволӣ мусоидат нахоҳад кард»[333]. Т.Е. Абова ба хулоса омадааст, ки ба интиқолдиҳанда додани имкониятҳои васеъ барои дар қабули дархост рад кардан риоя накардани қоидаи моддаи 809 КГ ҶТ мебошад, дар ин маврид вазъияти борфиристанда яку якбора бад мешавад[334].

Барои иҷрои уҳдадориҳо оид ба боркашонӣ бо иштироки борфиристанда ва интиқолдиҳанда нақши дархостҳо калон аст. Дархост воситаи муҳими ташкили ҳамлу нақл бор буда, дар он нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад, ки дар натиҷа ҳамлу нақли якдафъаина таъмин карда мешавад. Пешниҳоди дархост дар муҳлати муайяншуда (вобаста ба намуди нақлиёт) ҳатмӣ мебошад.

Аз рӯи низоми дархост борфиристанда ба боркашон иттилоотро оид ба талаботи ӯ дар ҳамлу нақл пешкаш менамояд. Дар радифи интиқоли бор дархости борфиристанда ба ҳамлу нақл хусусияти самаранок истифода бурдани имкониятҳоро инъикос менамояд. Вале дархости борфиристанда дар ҳамлу нақли бор оферта дониста намешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун вобаста ба аҳамияти дархост дар навъҳои алоҳидаи нақлиёт ва табиати ҳуқуқии он мавҷуд аст.

Шакл ва тартиби пешниҳоди дархостнома, тартиби иҷро ва баҳисобгирии дархостномаҳо дар нақлиёти роҳи оҳан бо Қоидаҳои ҳамлу нақли бор муайян карда шудаанд.

Қайдҳои зикршуда дуруст мебошанд, зеро борфиристанда ва интиқолдиҳанда дар вазъи аз ҷиҳати иқтисодӣ нобаробар қарор доранд. Аз ин рӯ, бастани шартнома бо роҳи пешниҳоди дархост барои тарафи аз ҷиҳати иқтисодӣ бартари дошта – интиқолдиҳанда ҳатмӣ мебошад. Дар ин ҷода савол ба миён меояд: нисбати шартнома – дархост оё қоидаҳои умумии қонунгузории граждани дар бораи шартномаи оммавӣ татбиқ шуда метавонанд?

Дар КГ ҶТ ва Оинномаи нақлиётии роҳи оҳан, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2002, №244[335] тасдиқ шудааст, дар бораи хусусияти оммавӣ доштани шартнома дархост ягон ишорае нест. Бо ҳамин фикр мекунам, ки меъёрҳои моддаи 458 КГ ҶТ бояд нисбати шартнома дархост бояд татбиқ карда шаванд. Ин барои амалигардонии қоидаҳои моддаи 789 КГ ҶТ дар бораи хусусияти оммавӣ доштани шартномаи реалии ҳамлу нақли бор шарти зарурӣ мебошад. Тибқи қонунгузории амал-

[333] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга четвертая: Договоры о перевозке, буксировке, транспортной экспедиции и иных услугах в сфере транспорта (2-й завод). М.: Статут, 2004. - С.380

[334] Абова Т.Е. Обязательство перевозки грузов железнодорожным транспортом //ЭЖ-Юрист. 2003.- №41. - С.3.

[335] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2002, №244. Централизованный Банк правовой информации Республики Таджикистан, Адлия версия 6.0. adlia@yandex.ru.

кунанда борфиристанда аввал дархостро бо интиқолдиҳанда мувофиқа мекунад, шартнома-дархост мебандад, баъдан бошад барои ҳамлу нақл дар вақт, муҳлат ва дар истгоҳи таъиншудаи дар дархост зикршуда борҳоро пешниҳод мекунад. Бастани шартнома-дархост барои аз ҷониби ҳамлунақлкунанда барои ҳамлунақл қабул кардани бор шарти зарурӣ мебошад, яъне шарт барои бастани шартномаи ҳамлу нақли якмаротибагӣ.

Мувофиқи моддаи 809 КГ ҶТ шартномаи ҳамлу нақли бор ба воситаи нақлиёти истифодаи умум шартномаи оммавӣ мебошад. Интиқолдиҳанда баҳри иҷрои қоидаи б. 1 моддаи 458 КГ ҶТ уҳдадор аст, бо ҳар як шахси мурочиатнамуда шартномаи ҳамлу нақл бандад. Дар асл рад кардан дар мувофиқакунии дархост боиси ради ҳамлунақлкунанда аз қабули бор барои ҳамлунақл мегардад, яъне рад кардан дар бастани шартномаи ҳамлу нақл.

Пас, хусусияти оммавии шартномаи ҳамлу нақли бо меъёрҳои моддаи 458, 809 КГ ҶТ пешбинишуда, нисбати шартнома – дархост татбиқи моддаи 458 КГ ҶТ шарт мекунад. Агар қоидаҳои моддаи 458 КГ ҶТ нисбати шартнома-дархост татбиқ накунем, он гоҳ талаботҳои қатъии қонунгузории гражданӣ дар бораи хусусияти оммавии шартномаи реалии ҳамлу нақл ба воситаи нақлиёти истифодаи умум амалан иҷронашаванда мегарданд. Модоме, ки дар ҳолате ки интиқолдиҳандаи роҳи оҳан метавонад худсарона дар мувофиқакунии дархост рад кунад ва оқибат дар додани воситаҳои нақлиёт ва қабули борҳо рад кунад, дар бораи ягон намуд шартномаи оммавӣ сухан рафта наметавонад.

Таъмини хусусияти оммавӣ шартномаи ҳамлу нақл бояд дар муайянкунии ҳарчи камтари асосҳо барои рад кардани қабули дархости дар қонунгузорӣ пешбинишуда ифода ёбад. Асосҳои мазкур бояд дорои хусусияти объективӣ бошанд. Аз ин рӯ, барои рад кардани дархост дар қонунгузорӣ набояд асосҳои субъективӣ муқаррар карда шаванд.

Дар Оинномаи нақлиёти роҳи оҳан ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2002, №244 тасдиқ шудааст, бояд рӯйхати мукаммалкунандаи асосҳои объективӣ барои радкунӣ дар мувофиқаи дархост барои ҳамлу нақли бор пешниҳод гардад. Дар Оинномаи амалкунанда нишон додани сабабҳои аниқи радкунӣ, имконият медиҳад, ки ҳуқуқэҷодкунии идоравӣ аз рӯи масъалаи мазкур бартараф карда шавад, ки устувории гардиши амволиро дар соҳаи ҳамлу нақли бор ба воситаи роҳи оҳан таъмин хоҳад кард.

**Адабиёт:**

1. Абова Т.Е. Обязательство перевозки грузов железнодорожным транспортом //ЭЖ-Юрист. 2003.- №41. - С.3.

2. Алексеев С.С. О структурно-сложных правоотношениях (на материалах правового регулирования отношений по железнодорожной перевозке грузов) //Избранное. М.: Статут, 2003. - С.4.

3. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга четвертая: Договоры о перевозке, буксировке, транспортной экспедиции и иных услугах в сфере транспорта (2-й завод). М.: Статут, 2004. - С.380

4. Бублик В.А. Правовое регулирование предпринимательства: частные и публичные начала //Хозяйство и право. 2000. - №9. - С.22; Рубцова Н.В. Соотношение публично-правовых и частноправовых элементов в предпринимательских договорах //Вестн. Омск. ун-та. Серия «Право». 2013. - №3. - С.116–117.

5. Ғафуров А.Д., Бадалов Ш.К., Сафаров Д.С., Сафаров А.И. Ҳуқуқи нақлиёт. Китоби дарсӣ. – Душанбе: 2012. – С.

6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356;

с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200;

7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Қисми II (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 323; соли 2002, № 4, қисми 1, мод. 170; соли 2006, №4, мод.194; соли 2009, №12, мод.821; с.2010, №7, мод.540; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с., №849, ҚҶТ аз 22.07.2013с. №977).

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2002, №244. Централизованный Банк правовой информации Республики Таджикистан, Адлия версия 6.0. adlia@yandex.ru.

9. Соҳибов М.М., Саидов Ҳ.М., Хоҷамуродов Д.Г., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқи шартномавӣ /Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: “Андалеб Р”, 2015. – С.33.

10. Ҳуқуқи граждании. Қисми I //Зери таҳрири Маҳмудов М.А. Душанбе: «ЭР-граф», 2007. - С.338-339.